**МАҶАЛЛАИ ИЛМИИ «ИЛМ ВА АМНИЯТ»-И МАКТАБИ ОЛИИ КДАМ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**№ 2 (4), 2023**

**МУАССИС –** Мактаби олии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷалла аз тарафи Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст. Шаҳодатномаи қайд: № 253/МҶ-97 аз 21 июни соли 2022. Маҷалла аз соли 2018 бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ нашр мешавад.

**Сармуҳаррир:** Салихов Р.С.
**Муовини сармуҳаррир:** Абдуллоев А.А.
**Котиби масъул:** Одинаев А.Н.

**Шӯрои мушовара:**
Ятимов С.С., узви вобастаи АМИТ, доктори илмҳои сиёсӣ, профессор, Меликзода М.Э., Муҳаммад А.Н., узви вобастаи АМИТ, доктори илмҳои сиёсӣ, профессор, Музаффарӣ М., узви вобастаи АМИТ, доктори илмҳои фалсафа, профессор, Маҳмадҷонова М.Т., доктори илмҳои фалсафа, профессор, Қудратов Н.А., доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор

**Ҳайати таҳририя:**
Сафарализода Х.Қ., номзади илмҳои сиёсатшиносӣ, дотсент, Шарипов И.З., Назаров У.Қ., Холиқов Ф.А., номзади илмҳои сиёсӣ, Тоҷиев Э.И., номзади илмҳои таърих, дотсент, Ғуломова Ф.А., номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент, Саидов К.И., Зарифов Ф.Б., Салимов Б.А.

**Муҳаррири матнҳо бо забони тоҷикӣ:** Саидов К.И.

**Муҳаррирони матнҳо бо забонҳои русӣ ва англисӣ:**
Малтсева Г.Ю., Худойназарова З.Ч.

**Муҳаррири техникӣ:** Камолов С.А.

**© Мактаби олии КДАМ Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2023.**

** Назари ҳайати таҳририя метавонад ба ақидаи муаллифон мувофиқ набошад. Барои мазмуни мақолаҳо ва маълумоти пешниҳодшуда муаллифон масъул мебошанд. Ҳангоми пурра ё қисман чоп намудан, истифода бурдан, истинод ба сарчашма ҳатмист.*

**НАУЧНЫЙ ЖУРНАЛ «НАУКА И БЕЗОПАСНОСТЬ» ВЫСШЕЙ ШКОЛЫ ГКНБ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН**

**№ 2 (4), 2023**

**УЧРЕДИТЕЛЬ** – Высшая школа Государственного Комитета национальной безопасности Республики Таджикистан. Журнал зарегистрирован Министерством культуры Республики Таджикистан. Свидетельство № 253/ЖР-97 от 21 июня 2022 года. Издается с 2018 года на таджикском, русском и английском языках.

**Главный редактор**: Салихов Р.С.
**Заместитель главного редактора:** Абдуллоев А.А.
**Ответственный секретарь:** Одинаев А.Н.

**Редакционный совет:**
Ятимов С.С., член-корреспондент АМИТ, доктор политических наук, профессор, Меликзода М.Э., Мухаммад А.Н., член-корреспондент АМИТ, доктор политических наук, профессор, Музаффари М., член-корреспондент АМИТ, доктор философских наук, профессор, Махмаджонова М.Т., доктор философских наук, профессор, Кудратов Н.А.,
доктор юридических наук, профессор

**Редакционная коллегия:**
Сафарализода Х.К., кандидат политических наук, доцент, Шарипов И.З., Назаров У.К., Халиков Ф.А., кандидат политических наук, Тоджиев Э.И., кандидат исторических наук, доцент, Гуломова Ф.А., кандидат политических наук, доцент, Саидов К.И., Зарифов Ф.Б., Салимов Б.А.

**Редактор текстов на таджикском языке:** Саидов К.И.
**Редакторы текстов на русском и английском языках:**
Мальцева Г.Ю., Худойназарова З.Ч.

**Технический редактор:** Камолов С.А.

**© Высшая школа ГКНБ Республики Таджикистан, 2023.**

---

** Взгляды редакционного состава могут не совпадать с мнением авторов. Авторы несут ответственность за содержание статей и представленных сведений. В случае полной или частичной перепечатки и использования, ссылка на источник обязательна.*

**SCIENTIFIC JOURNAL OF «SCIENCE AND SECURITY» OF HIGH SCHOOL OF THE SCNS OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN**
**№ 2 (4), 2023**

**FOUNDER –** High school of the State Committee for National Security of the Republic of Tajikistan. Journal has been registries by Ministry of Culture of the Republic of Tajikistan. Certificate of registration No. 253/MF-97 dated June 21, 2022. Journal is published since 2018 in Tajik, Russian and English languages.

**Chief Editor:** Salikhov R.S.

**Deputy Chief Editor:** Abdulloev A.A.

**Responsible secretary**: Odinaev A.N.

**Editorial Council:**
Yatimov S.S., corresponding member of NAST, doctor of political sciences, professor, Melikzoda M.E., Muhammad A.N., corresponding member of NAST, doctor of political sciences, professor, Muzaffari M., corresponding member of NAST, doctor of philosophy sciences, professor, Mahmadjonova M.T., doctor of philosophy sciences, professor, Qudratov N.A., doctor of legal sciences, professor

**Editorial board:**
Safaralizoda H.K., candidate of political sciences, assistant professor, Sharipov I.Z., Nazarov U.K., Khalikov F.A., candidate of political sciences, Tojiev E.I., candidate of historical sciences, assistant professor, Gulomova F.A., candidate of political sciences, assistant professor, Saidov K.I., Zarifov F.B., Salimov B.A.

**Editor of texts in Tajik language:** Saidov K.I.
**Editors of texts in Russian and English:**
Maltseva G.Yu., Khudoynazarova Z.Ch.

**Technical editor:** Kamolov S.A.

**© High school of SCNS of the Republic of Tajikistan, 2023.**

** The opinion of editorial board cannot be suitable to the persuasion of authors. Authors are responsible for the contents of articles and proposed information. During full or partly publishing, using, reference on the source is necessary.*

**МУНДАРИЧА**

## ИЛМҲОИ СИЁСАТШИНОСӢ

1. **Салихов Р.С.** Пайдоиш ва ташаккулёбии идеологияи экстремистии динӣ-сиёсӣ...........................................................7-18
2. **Назаров У.Қ.** Дар Афғонистон чӣ мегузарад? (Дар бораи чараёнҳои равшанфикрии тоҷикӣ дар Хуросони таърихӣ) ................................19-33
3. **Ҳакимов Ҷ.А.** Девбандия ва нақши он дар ташаккули толибизм.......34-44
4. **Асламов Б.С., Ташрифзода Ф.Қ.** Таъмини амнияти миллии Тоҷикистон: назари геополитикӣ .......................................................................45-55
5. **Ҳакимов Р.М., Шарифзода Ф.Ҳ.** Мақом ва нақши сарҳад дар таъмини амният ва суботи давлатдорӣ............................................................56-64

## ИЛМҲОИ ФАЛСАФӢ

6. **Раҳматкарим Д.** Осебшиносии мактаби миллӣ (Эҳсоси масъулият ва бухрони бекифоятӣ) ......................................................................65-72
7. **Саидов К.И.** Наврӯз – ҷашни миллист, на динӣ..................................73-91
8. **Саидзода Ҷ.** Нақши илм ва адабиёт дар таҳкими худшиносӣ ва ифтихори миллӣ .........................................................................92-104
9. **Каримов П.Д.** Ваҳдат – кафили созандагӣ ва бунёдкорӣ ............... 105-116

# СОДЕРЖАНИЕ

## ПОЛИТИЧЕСКИЕ НАУКИ


1. **Салихов Р.С.** Возникновение и формирование экстремистской (религиозно-политической) идеологии.................................................7-18
2. **Назаров У.К.** Что происходит в Афганистане? (О таджикских просветительских течениях в историческом Хорасане).......................19-33
3. **Хакимов Дж.А.** Девбандия и её роль в формировании толибизма .....34-44
4. **Асламов Б.С., Ташрифзода Ф.К.** Обеспечение национальной безопасности Таджикистана: геополитический взгляд .......................45-55
5. **Хакимов Р.М., Шарифзода Ф.Х.** Статус и роль границы в обеспечении безопасности и стабильности государства ..........................................56-64


## ФИЛОСОФСКИЕ НАУКИ


6. **Рахматкарим Д.** Изучение уязвимости национальной школы (чувство ответственности и кризис компетентности) .........................................65-72
7. **Саидов К.И.** Навруз – национальный, а не религиозный праздник ...73-91
8. **Саидзода Дж.** Роль науки и литературы в укреплении самосознания и национальной гордости.....................................................................92-104
9. **Каримов П.Д.** Единство – гарантия созидания и возрождения.......105-116

## CONTENT

### POLITICAL SCIENCE

1. **Salikhov R.S.** The origin and formation of extremist (Religious political) ideology....................................................7-18
2. **Nazarov U.Q.** What is happening in Afghanistan? (About the trends of Tajik enlightenment in historical Khorasan) ....................................................19-33
3. **Hakimov J.A.** Devbandia and its role in talibisms genesis........................34-44
4. **Aslamov B.S., Tashrifzoda F.Q.** Ensuring the national security of Tajikistan: a geopolitical view........................................................................45-55
5. **Hakimov R.M., Sharifzoda F.H.** The place and role of border in ensuring security and stability of the country ....................................................56-64

### PHILOSOPHY SCIENCE

6. **Saidov K.I.** Navruz – national, but not religious holiday..........................65-72
7. **Saidzoda J.** The role of science and literature in strengthening self-consciousness and national pride ..........................................................73-91
8. **Rahmatkarim D.** National school objectives (sense of responsibility and crisis of inadequacy)........................................................................92-104
9. **Karimov P. D.** Unity is the guarantee of creativity and creativity......... 105-116

# ПАЙДОИШ ВА ТАШАККУЛЁБИИ ИДЕОЛОГИЯИ ЭКСТРЕМИСТИИ ДИНӢ-СИЁСӢ

# ВОЗНИКНОВЕНИЕ И ФОРМИРОВАНИЕ ЭКСТРЕМИСТСКОЙ (РЕЛИГИОЗНО-ПОЛИТИЧЕСКОЙ) ИДЕОЛОГИИ

# THE ORIGIN AND FORMATION OF EXTREMIST (RELIGIOUS-POLITICAL) IDEOLOGY

**Салихов Р.С.**
**Salikhov R.S.**

*Унвонҷӯйи Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон*
*Соискатель Академии МВД Республики Таджикистан*
*Applicant of the Academy of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan*

**Аннотатсия:** Дар мақолаи мазкур ҷанбаҳои таърихии пайдоиш ва ташаккулёбии идеологияи экстремистӣ дар равияҳои гуногуни динҳои яҳудиву насронӣ ва ислом, ки боиси хушунат, бадбинӣ, қатлу кушторҳои оммавӣ, паст задани обру ва эътибори дигар миллату халқиятҳо гардидаанд, мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

Муаллиф ба хулоса меояд, ки новобаста аз ҷанбаҳои хеле муассири тарбиявию ахлоқӣ доштани динҳои ҷаҳонӣ, дар даврахои гуногуни таърихӣ, ҷараёнҳои динӣ ва ҳатто давлатҳои алоҳидаи манфиатҷӯ динро барои ба даст овардани қудрати сиёсӣ бо таври васеъ истифода бурдаанд. Пайдо шудани ҷараёнҳои гуногун ва бо сиёсат омезиш ёфтани дин, ба сари миллати тоҷик ва давлату давлатдории он фоҷеаҳои даҳшатбор фурӯ рехтаанд.

**Калидвожаҳо**: идеология, таърих, сиёсат, дин, динҳои ҷаҳонӣ, ислом, экстремизм, терроризм, кинаю адоват.

**Аннотация:** В данной статье рассматриваются исторические аспекты зарождения и формирования экстремистской (религиозно-политической) идеологии в различных течениях иудейской, христианской и исламской религии, повлекшие за собой насилие, ненависть, массовые убийства, унижение чести и достоинства отдельных наций и народов.

Автор приходит к выводу, что, несмотря на весьма глубокие воспитательные и нравственно-духовные начала мировых религий, некоторые религиозные течения и даже отдельные государства в разные исторические периоды широко использовали религию для подавления политических противников. Появление различных течений в исламе и их слияние с политикой стало причиной больших трагедий для таджикского народа и его государственности.

**Ключевые слова:** идеология, экстремизм, терроризм, история, политика, религия, мировые религии, ислам, ненависть.

**Annotation:** This article examines the historical aspects of the origin and formation of extremist (religious-political) ideology in various currents of the Jewish, Christian and Islamic religions, which intailed violence, hatred, mass murder, humiliation of the honor and dignity of individual nations and peoples.

The author comes to the conclusion that, despite the very deep educational and moral and spiritual beginning of world religions, in different historical periods, some religious trends and even individual states widely used religion to suppress political opponents. The appearance of various trends in Islam, and its confluence with politics, this caused great terrible tragedies for Tajik people and its State system.

**Key words:** ideology, extremist, terrorism, history, politics, religion, islam, hatred, enmity.

Идеологияи муосир маҷмуи ғояҳо ва вазифаҳои хусусияти сиёсидоштаро барои ҳамгироии қувваҳои ҷамъиятӣ ҷиҳати эътироф намудани андешаҳои мушаххаси идеологӣ ва ноил шудан ба мақсадҳои муайянро фаро мегирад. Идеология ба табақаҳои гуногуни иҷтимоӣ (давлат, синфҳо, гурӯҳҳо) мансуб буда метавонад. Аз ин лиҳоз, дар адабиёт «идеологияи ҷамъиятӣ» ва «идеологияи давлатӣ» аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Дар зери мафҳуми мафкураи ҷамъиятӣ низоми ақидаҳо ва ғояҳое фаҳмида мешавад, ки бевосита ё бавосита хусусиятҳои иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангии ин ё он ҷомеа, манфиатҳо ва ҳадафҳои таркибии онро, ки барои нигоҳдорӣ ё тағйир додани ҳаёти ҷамъиятии мавҷуда нигаронида шудаанд, инъикос менамояд. Зери мафҳуми идеологияи давлатӣ маҷмуи тадбирҳои мақсадноке фаҳмида мешавад, ки ниҳодҳои давлатӣ барои ташаккули шуури ҷамъиятӣ амалӣ менамоянд.

**Идеология бо низомҳои сиёсӣ алоқаи ногусастанӣ дошта, вобаста ба тағйир ёфтани сохтори сиёсию ҳуқуқӣ, инкишофи истеҳсолоти моддию маънавӣ шакли худро дигар мекунад. Муҳаққиқ С.С. Ятимов дуруст қайд мекунад, ки**

**«идеология аз ҷиҳати генезис динамикӣ, ташаккулёбанда, мутобиқшаванда, ҷаззоб, қабл аз ҳама, пешгузаранда ва дар баробари ин, назар ба дигар шаклҳои шуури ҷамъиятӣ, аз ҳама ихтилофомез, моҷароангез ва муддаии пешгардӣ мебошад» [23, 12].**

Дар тадқиқоти илмии муосир ҷузъҳои сохтории идеология ба сатҳи назариявӣ-консептуалӣ, барномавӣ-нақшавӣ ва амалӣ ҷудо карда мешаванд. Таснифоти дигари системаи идеология шаклҳои зерини онро дарбар мегирад: идеологӣ, меъёрӣ, расмӣ, оммавӣ. Хусусиятҳои идеология дар шароити сиёсии муосир дар он ифода ёфтаанд, ки аҳамияти махсуси шаклҳои меъёрию идеологии он рӯз аз рӯз коҳиш ёфта, баръакс, намудҳои оммавии он рӯ ба афзоиш ниҳодаанд. Мисоли оммавӣ шудани яке аз намудҳои идеология афзоиши эҳсосоти ифротгароӣ дар ҷомеа мебошад, ки бо роҳи тағйир додани миқёси васеи анъанаҳои мавҷудаи ҷамъиятӣ таҳдиду хатарҳои навро ба бор овардааст.

Вобаста ба ин, А. Соловёв комилан дуруст қайд мекунад, ки «дар шароити бартарияти воқеии «арзишҳои таҳрифшудаи динӣ» қисми зиёди аҳолӣ аз истифодаи усулҳои ташаккули рамзҳои асотирӣ комилан қаноатманд мебошанд, ки аз набудан ва ё сатҳи пасти муқовимат ба чунин «арзишҳо» дарак медиҳад» [18, 11]. Дар ин замина метавон ба хулосае омад, ки як қисми ҷомеа ногузир ба дарки содашудаи воқеияти сиёсӣ майл дорад, ки дар доираи он арзёбиҳои мутафовит зоҳир мешаванд, аз қабили «худӣ – бегона», «хуб – бад», «одилона – беадолатона» ва ғайра. Зеро ҷаҳолат ва нодонӣ чунин ваъдаҳоро дар тафаккури онҳо ба идеал табдил медиҳад.

Дар натиҷаи ҷорӣ кардани тарзу усулҳои тандгароӣ ба вуҷуд овардани доираи идеалии раванди сиёсӣ мегардад. Афзоиши таъсири омилҳои идеологӣ дар ҳаёти сиёсӣ тавассути баҳодиҳии гуногуни вазъ метавонад ба гурӯҳҳои иҷтимоии ба ҳам комилан муқобил тааллуқ дошта бошад. Ҳамин тавр, мафкурасозӣ роҳи махсуси ташаккули шуури ҷамъиятӣ буда, дар равандҳои сиёсӣ ба назар мерасад. Ба ибораи дигар, ин таҳмил кардани ҷаҳонбинии интихобшуда ба дигарон аст.

Дар заминаи ин пажӯҳиш ба саволҳои зерин посух додан лозим аст: «Идеология (мафкура)-и ифротгароии динӣ-сиёсӣ чист?», «Ифротгароӣ тавассути кадом шаклҳои он сурат мегирад?».

Экстремизм (ифротгароӣ) аз калимаи лотинии «exstremus» сарчашма гирифта, маънои «пайравии ақидаву чораҳои шадид, қатъӣ (ниҳоӣ) (асосан дар сиёсат)-ро фарогир аст» [12,32]. Аммо танҳо сиёсат намуди холиси

зуҳурёбии ифротгароӣ нест, зеро зоҳиршавии ифротгароӣ аз рӯйи ангезаҳои миллатгароӣ ва диниву мазҳабӣ низ хеле маъмуланд ва мафҳумҳои нажодпарастӣ, маҳалгароии ифротгароӣ дар доираи қонунгузории амалкунанда ва ифротгароии забонӣ ва ҷинсӣ дар доираи меъёрҳои байналмилалӣ ҳамчун фаҳмиш ва истилоҳи илмӣ ҷойгузин шудаанд.

Бинобар дар тӯли таърих омезиш ёфтани ифротгароӣ бо сиёсат, дин, миллатпарастӣ ва нажодпарастӣ, дар алоҳидагӣ баррасӣ кардани онҳо имконнопазир аст. Зеро таснифоти ифротгароӣ аз рӯйи ангезаҳои сиёсӣ, миллӣ, нажодӣ ва динӣ-мазҳабӣ шартӣ мебошад ва онҳо ҳеҷ гоҳ дар асл дар намуди «тоза» зоҳир намешаванд [2,14-21]. Ифротгароии дорои хусусияти миллатпарастӣ қариб ҳамеша унсурҳои экстремизми сиёсӣ ва ё диниву мазҳабиро доро мебошад [20,157].

Ба андешаи бархе аз муҳаққиқон ифротгароӣ на танҳо ҳамчун падидаи иҷтимоӣ арзи вуҷуд менамояд, балки ҳамчун як навъи мубоsúризаи сиёсӣ барои амалисозии назорати иҷтимоӣ ва идоракунии ҷомеа зоҳир мешавад [7,22]. Маҳз дар ҳамин замина Ассамблеяи парлумонии Шӯрои Аврупо (ПАСЕ) дар соли 2005 мафҳуми мазкурро дар таҳрири зайл муайян карда буд: «Ифротгароӣ як шакли фаъолияти сиёсист, ки бевосита ё бавосита принсипҳои демократияи парлумониро рад мекунад».

Муҳаққиқони ватанӣ Ҳ.С. Сафарзода, П.А. Насуриён ва дигарон дар таҳқиқоти худ ба хулосае меоянд, ки экстремизми муосир мазмуни маҷмуавӣ дошта, фарогири ангезаҳои сиёсӣ, динӣ, миллатгароӣ, нажодпарастӣ ва маҳалгароии экстремизм мебошад. Инчунин, онҳо комилан дуруст иброз менамоянд, ки ҷанбаҳои сиёсии экстремизм аз мафҳуми «радикализм» (тундгароӣ) маншаъ гирифтааст [16,109-110].

Аз ин лиҳоз, муаллифони мазкур ангезаҳои динии экстремизмро ба зуҳуроти «бунёдгароӣ» (фундаментализм) марбут донистa, изҳор менамоянд, ки ин истилоҳ «дар аввал таҷассумгари ҷунбишҳои модернистӣ дар равияи протестантизми дини насронӣ буд». Зеро протестантҳо ба мисли «салафиҳои» имрӯза, зарурати фаҳмиши таҳтуллафзии Китоби муқаддасро талқин мекарданд, вале азбаски дар марҳилаҳои гуногуни таҳаввулоти ҷамъиятӣ ва бархӯрди манфиатҳо шуури инсонӣ матнҳои муқаддасро гуногун қабул мекунад, ба вуҷуд омадани ихтилофи назарҳои эътиқодӣ ногузир буд [6,49].

Манзур аз овардани таносуби мухтасари мафҳумҳои «фундаментализм», «радикализм», «миллатгароӣ», ин фаъолияти шахс

ва ё гурӯҳи одамоне мебошад, ки миллати худро аз дигарон боло гузошта, обрӯ ва эътибори дигар қавму халқҳоро паст зада, барои маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳо ва ё нест кардани онҳо кӯшиш намуда, чунин намуди миллатгарой метавонад ба сатҳи давлатӣ баромада, тобиши нажодпарастӣ ва ё фашизмро гирад [17, 243].

Ба андешаи мо, новобаста ба он, ки «фундаментализм»-ро олимони ватанӣ ва хориҷӣ ҳамчун ҷараёни сиёсии динӣ-мазҳабӣ ба давраи протестантизм марбут медонанд, решаҳои ин падида ба умқи таърих мерасад.

Яке аз проблемаҳои замони муосир дар муқовимат ба идеологияи динӣ-сиёсӣ дар он аст, ки ташкилотҳои экстремистӣ-террористӣ динро бо ақидаҳои ҷараёни «салафия» бевосита омехта сохта, дар коҳишёбии ҳувияти миллии тоҷикон кӯшишҳои зиёде ба харҷ дода истодаанд. Пеш аз ҳама, онҳо дар байни ҷавонон ташвиқу тарғиб менамоянд, ки гузаштагони мову шумо «оташпараст» ва «кофир» ҳастанд, ба ёд овардани онҳо «бидъат» ва «ширк» мебошад. Ному насаби тоҷикӣ (Рустам, Суҳроб, Фаридун, Ҷамшед ва ғ.) ва суннатҳои миллӣ (Сада, Наврӯз, Меҳргон, Тиргон ва ғ.)-ро мухолифи арзишҳои динӣ дониста, ғаразмандона маънидод менамоянд. Инчунин, шоирону мутафаккирони миллати форсу тоҷик, аз қабили Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Сино, Хайём, Румӣ, Аттор ва ғайраро, ки таъриху тамаддуни созандаи миллати тоҷикро ба ҷаҳониён муаррифӣ кардаанд, «бидъаткор» меноманд. Аз ҷумла, ҳаракати террористии «Толибон» дар Афғонистон дорухона ва табобатгоҳҳои ба номи Синову Форобиро бо таври зӯрӣ тағйири ном карда, онҳоро дар назди мардум «мулҳид» хондаанд.

Муҳаққиқи ватанӣ А.И. Муминов дуруст меафзояд, ки «чунин дарки кӯр-кӯрона дар шинохти арзишҳои умуминсонӣ дар ҷомеаи муосир аз фанатизми (таассуботи) динӣ шаҳодат медиҳад, ки шаклҳои зуҳурёбии онҳо хеле гуногунанд. Дар бештари вақт, таассуботи динӣ дар ботини шахс тасаввуроти худмуайянкунии рӯҳиро ба вуҷуд оварда, виҷдони муъминро заиф месозад, имони онро таҳриф мекунад, инсонро аз муҳаббат нисбат ба дигарон маҳрум месозад, озодии онро бо таҳдидҳо буғӣ мекунад, зиддиятро ба вуҷуд меорад, дар байни диндорон бадбиниро барангехта, онҳоро ба мунокишаҳои хунин мувоҷеҳ месозад. Аммо имони ҳақиқӣ ҳама шакли зӯровариро ба таври қатъӣ рад мекунад ва тафаккури динӣ, вақте ки аз муҳаббат илҳом мегирад, ба як фазилат табдил меёбад» [7, 22].

Бинобар сабаби он ки идеологияи экстремистии динӣ бо сиёсат омезиш ёфтааст, ба таври умумӣ назар андӯхтан ба таърихи ин падида яке аз ҳадафҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ мебошад.

Ба андешаи С.И. Политов аввалин террористон аъзои сектаи муташаккили «Шилот Сикарӣ» буданд, ки дар солҳои шастуми милодӣ дар Фаластин амал мекарданд. Тактикаи сикариён чунин буд, ки онҳо рӯзона дар вақти ҷашну идҳо ба Байтулмуқаддас ҳамла мекарданд, вақте ки шаҳр пур аз одам буд. Аслиҳаи истифодашудаи онҳо ба истилоҳ «сика», яъне ханҷар ё шамшери кӯтоҳ буд. Онҳо медонистанд, ки дар байни издиҳом шахси қотилро шинохтан ва дастгир кардан душвор аст.

Сикариҳо, ки худ яҳудӣ буданд ҳам бар зидди румиён ва ҳам ашрофони яҳудӣ, ки бо онҳо ҳамкорӣ мекарданд, мубориза мебурданд. [13, 19; 39, 5]

Дар ҳамин раванд, гуфтан ҷоиз аст, ки ҷавҳари дини ислом асосан тавҳид ва тарбияи инсони комил аст, аммо пас аз даргузашти Пайғамбари он, дини ислом ба чандин мазҳаб, равия, фирқа ва гурӯҳ ҷудо гардид. Бо мурури замон ҳизбу ҳаракатҳои сиёсии динӣ исломро ба манфиатҳои худкомагии хеш (панарабизм, пантуркизм, паштунизм ва ғ.) истифода бурданд. Сиёсӣ кардани дин дар масоили давлатдорӣ дар ҳамаи давру замон боиси хушунат, бадбинӣ ва зулму ситами ҳамагон гардид.

Масалан, Ибни Балхӣ дар «Форснома» навиштааст, ки Абдуллоҳ ибни Умар ном омили араб «савганд хӯрд, ки чандон бикушад аз мардуми Истахр (Эрон), ки хун биравад. Ба Истахр омад ва ба ҷанг биистод … ва хуни ҳамагон мубоҳ гардонид ва чандон, ки мекуштанд хун намерафт, оби гарм бар хун рехтанд, пас бирафт. Чиҳил ҳазор кушта буд берун аз маҷҳулон». Абурайҳони Берунӣ дар «Осор-ул-боқия» гуфтааст, ки Қутайба дар Хоразм ҳар касро, ки хатти хоразмӣ медонист ва аз улуми ахбор ва авзои эшон огоҳ буд, кушт ва китобҳои эшонро бисӯхт» [15, 13].

Пас аз паҳншавии васеи дини ислом таассуботи динӣ дар асоси равияҳои гуногуни мазҳаби суннӣ ва шиа аз қабили ботинӣ (ботиния – ҷараёни мазҳаби шиа, ки мувофиқи ақоиди аҳли он шариат дар баробари маънии зоҳирӣ маънии ботинӣ низ дорад), қарматӣ [11, 152-183], рофизӣ ва ғ. то ҳадде расид, ки ба сари мардуми форсу тоҷик ба ҷуз зулму ситам, харобиву ифротгароӣ, аз даст додани давлату давлатдорӣ чизе боқӣ нагузошт.

Фирдавсии бузург дар яке аз суҳбатҳояш бо Муҳаммад ибни Исмоили Аскофӣ дар Бағдодро ба

ёд оварда мегӯяд, ки Аскофӣ аз сиёсати шоҳ – Нӯҳи Сомонӣ изҳори нигаронӣ менамояд, ки «Маҳмуд писари Сабуктегинро дар синни 25 солагиаш дар Хуросон ба ҷойи Симҷурӣ сипоҳсолор таъйин карда, ба ӯ лақаби Сайфуддавла ва ба Сабуктегин лақаби Носириддин в-ад-давла додааст, зеро онҳо дар оянда метавонанд боиси заволи давлати Сомониён гарданд» ва ҳамин тавр ҳам шуд [19, 87].

Дар айёми давлатдории Султон Маҳмуди Ғазнавӣ шоири зиндаёд Фирдавсӣ аз рафтору кирдори мутаассибони динӣ, ки бархе аз мусалмонҳоро ба «ботинӣ-қарматӣ» ва «рофизӣ» ҳукм карда, онҳоро дар байни мардум бо бераҳмии хосса ба қатл мерасондаанд, хеле мутаассир мегардад. Аз ҷумла, ҳангоми дар Бағдод буданаш яке аз ҳамсафаронаш Абдуллоҳ шоҳиди он мешавад, ки асирони ба «қарматӣ» ҳукм гардида, дар майдон дар байни мардум аз ҷониби ҷаллодон аввал як даст, сипас пой ва боз дасту пойи дигар бурида, каллаи асир бо табар аз тан ҷудо карда мешавад ва мардуми мутаассиб «Аллоҳ акбар» гуфта фарёд мезадаанд [19, 93].

Имрӯз чунин бераҳмиву беадолатӣ дар Ироқ, Сурия ва Афғонистон пас аз ҳазор сол боз ба ҳукми анъана даромада, ҷаҳонро ба ваҳшат овардааст. Зери ниқоби дин, таърих чӣ қадар бераҳмиву беадолатиро паси сар карда, боз ҷомеа рӯ ба рӯйи хатарҳои ҷаҳолат ва нодонии инсонҳо гардидааст. Имрӯз низ бенизомии эътиқодӣ боиси таассуф ва нигаронӣ мебошад.

Инчунин, таассуботи динӣ-мазҳабӣ байни суннӣ ва шиа дар даврaҳои ҳукмронии Алпарслони турк – шоҳи сулолаи Салҷуқиён (1037-1193) то ҳадде расида буд, ки Ваҳҷадӣ ном шиамазҳаби ироқии дар дарбори Алпарслон ба ҳайси муовини Адрам яке аз амирони ӯ кор мекард ба ботинӣ (қарматӣ) гунаҳгор карда шуда, ба қатл расонда мешавад.

Алпарслон ба Адрам мегӯяд: «Ту бадмазҳабеву кофиреро ба хидмат овардӣ. Ман сад бор ба шумо гуфтам, ки шумо лашкари Хуросон ва Мовароуннаҳред ва дар ин диёр бегонаед ва ин вилоят ба шамшеру қаҳр ва тағаллуб гирифтаед. Мо ҳама мусулмони покизаем ва аҳли Ироқ бадмазҳаб, баддин ва бадэътиқоданд.... Агар камтар инҳо кувват гиранд, ҳам аз ҷиҳати мазҳаб ва ҳам аз ҷиҳати вилоят якеро аз мо туркон зинда намонанд ва аз хару гов камтар бошанд, он ки дӯсту душман надонанд» [11, 131-132].

Дар ин ҷумла, рақобати динӣ-мазҳабӣ ва сиёсии турку араб дар зери пардаи дини ислом таҷассум ёфтааст.

Пас аз кушта шудани Алпарслон (с. 1072) ҳокимият ба ихтиёри писари ӯ Маликшоҳ мегузарад. Ба дарбори Маликшоҳ

яке аз мутаассибони сахти динии ҷараёни исмоилия Ҳасани Сабоҳ ба хизмат ҷалб мегардад, ки байни Низомулмулк ва ӯ зиддияти эътиқодӣ ба вуҷуд меояд. Сипас, бо ҳамдастии Турконхотуни зани Маликшоҳ, ки бисёр бадахлоқу ишратпараст ва дар корҳои давлатдорӣ мунтазам дахолату таъсиргузорӣ менамуд, 14-уми октябри соли 1092 Низомулмулк дар вақти сафари Бағдодаш дар наздикии шаҳри Наҳованд бо теғи қотили фармоишшуда – Абутоҳир (бо фармоиши Ҳасан Сабоҳ) ба қатл расонида мешавад [11, 4-5].

С.В. Помазан, иброз медорад, ки тибқи сарчашмаҳо дар асоси ангезаҳои экстремистии динӣ-сиёсӣ Ҳасан Сабоҳ ҳадафро интихоб карда, ба қотилон барои куштани онҳо маблағи пулӣ низ медодааст. Амалиёти мутаассибони динӣ, ки аз ҷониби Ҳасан тарҳрезӣ мешуданд, асосан барои нобуд кардани одамони баландмақом (префектҳо, губернаторҳо, халифаҳо) нигаронида шуда буд. Аъзои ин равияи динӣ-сиёсӣ ҳатто тавонистанд, ки подшоҳи Байтулмуқаддас Конрад Монферратро кушанд. Фаъолияти онҳо ба дараҷае расида буд, ки мансабдорони баландпоя танҳо баъд аз он, ки ғуломони онҳо нахуст хӯрокро мечашиданд, сипас ба хӯрдани чизе шуруъ мекарданд [14, 16].

Ба ақидаи Н.А. Халфин, барои амалӣ намудани манфиатҳои геополитикии худ дар минтақаҳои Осиёи Марказӣ дар солҳои 20-уми асри XX хадамоти ҷосусии Британияи Кабир мусулмонҳои ҳиндустониро истифода мебурданд. Онҳо аз ҷониби толибилмони собиқ мактаби махсуси разведкавии ин кишвар дар Ҳиндустон тайёр карда шуда, амалиётҳои махсуси онҳо аз ин кишвар роҳандозӣ карда мешуданд [21, 28]. Британияи Кабир бо мақсади фишор овардан ба Россия зери ливои мубориза бо «кофарон» пантуркистонро бо таври васеъ истифода мебурд.

Б. Ғафуров дар китоби «Тоҷикон» меафзояд, ки гарчанде ҳукумати Русияи подшоҳӣ ба интишори шиорҳои пантуркизм дар Туркистон бо хавф менигаристанд ва ҷосусони туркиро сахт назорат мекарданд, бисёр ҷосусон аз доираи назорат берун мемонданд ва аз Туркия ба Осиёи Марказӣ ҷосусони туркӣ меомаданд, кору бори пайравони худро тафтиш мекарданд, роҳу равиши минбаъдаро нишон медоданд, бо адабиёти лозима таъмин менамуданд» [3, 729].

Афкори «салафия» бошад, дар ҳаёти мусалмонони Осиёи Марказӣ ҷараёни ҷадиде мебошад, ки аз солҳои 80-уми асри гузашта доман паҳн намуда, онро муҳаққиқон «исломи ғайрисуннатӣ» арзёбӣ менамоянд. Асосгузорони идеологияи «салафӣ» гӯё мардуми мусалмонро ба барқарорсозии

принсипҳои исломи «ноб» даъват менамоянд. Аммо асосгузори ин идеологияи экстремистии арабӣ Ибн Таймия (1263-1328) буд, ки аз тарафи пайравони мазҳаби Имом Ҳанбал дастгирӣ ва пуштибонӣ ёфт, ки танҳо бо мақсади пурқувват кардани манфиатҳои миллии арабҳо буд. Инчунин, ақоиди ӯро Муҳаммад ибн Абдулваҳҳоб (1703-1792) ҳамчун нишони эътироз ва таҷзияи Империяи Усмонӣ тақвият бахшида буд. Дигар намояндаи чунин равия Ҳасан-ал-Банно (1906-1949), ки асосгузори ташкилоти экстремистии «Бародарони мусалмон» дар Миср буд, солҳои 30-40-ум аз ин кишвар ронда шуда, дар Арабистони Саудӣ дубора пуштибонӣ ёфт.

Бинобар иттилои таҳлилгарони сиёсӣ [10, 37] ташкилоти террористии «Толибон» аз ҷониби Покистон ва Арабистони Саудӣ пуштибонӣ меёфт. Ташкилотҳои хайриявии исломии Туркия «Ҳаркати исломии Ӯзбекистон»-ро ҳамаҷониба дастгирӣ мекарданд. Дар Сурия ва Ироқ бошад, Туркия аз ташкилоти террористии «Ҷабҳат-ан-нусра» пуштибонӣ менамуд.

Дар Тоҷикистон солҳои 1997-1998 тадриҷан таъсири ҳизби дар тамоми ҷаҳон маъруфи исломии тундгарои «Ҳизб-ут-Таҳрир» густариш ёфт, ки яке аз шохаҳои ташкилоти динии «Ихвон-ул-муслимин» (Бародарони мусулмон) мебошад. Мақсади ғоявии «Ҳизб-ут-Таҳрир» дар байни шаҳрвандони кишварҳои исломӣ ташкил кардани давлати ягонаи теократӣ (исломӣ) мебошад, ки тибқи аҳкоми шариат арзи ҳастӣ хоҳад кард [9; 8, 35-39].

Солҳои 1999-2002 дар Тоҷикистон 126 парвандаи ҷиноятӣ нисбат ба 276 нафар роҳбарону узви «Ҳизб-ут-Таҳрир» оғоз карда шуда, аз онҳо зиёда аз 700 китобу маҷалла ва 1700 варақаи фарогири ғояи ин ҳизб пайдо ва мусодира карда шуд. Ташхиси судии адабию сиёсӣ, муаллифшиносӣ, таърихӣ, ҳуқуқшиносӣ ва дигар намуди ташхисҳо оид ба ин мавод нишон доданд, ки адабиёти мусодирагардида арзишҳои исломи сиёсиро таблиғ карда, барои барангехтани кинаву адовати динӣ-мазҳабӣ мусоидат менамояд, ба сарнагункунии сохти конститутсионӣ ва таъсиси давлати исломӣ (Хилофат) даъват мекунад [22,15].

Дар солҳои 2000 паҳн намудани чунин варақаҳо ва моил кардани ҷавонон ба узвияти «Ҳизб-ут-Таҳрир» дар водии Фарғона, вилоятҳои Сурхандарё ва Қашқадарёи Ӯзбекистон ва вилояти Бодканди Қирғизистон низ хеле вусъат ёфта буд. Дар натиҷа садҳо нафар мубаллиғон дар Қирғизистон ва Ӯзбекистон ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шуданд, аммо ин тамоюл имрӯз

дар кишварҳои номбурда аз нав вусъат ёфтааст.

ИМА, Англия, Фаронса ва шарикони стратегии онҳо – Арабистони Саудӣ, Аморати Муттаҳидаи Араб, Қатар, Покистон ва ғайра ҳангоми воридшавии неруҳои Шӯравӣ ба Афғонистон, ба хусусияти ҷиҳодӣ ва такфирӣ касб кардани ҷараёни «салафия» такон дода буданд. «Имрӯз ин ҷараён бо шаклу муҳтавои нав дар сиёсати таҷовузкоронаи онҳо бо ҳамдастии бархе аз давлатҳои мусулмонтабор аз худ дарак медиҳад» [1, 89].

Дар мавриди шиддатёбии ифротгароии динӣ-сиёсӣ дар Тоҷикистон, бояд нақши манфии ташкилоти террористии Ҳизби наҳзати исломӣ (минбаъд – ТЭТ ҲНИ)-ро низ таъкид кард.

Ҷонибдорони ТЭТ ҲНИ бо ҳимояти мазҳабӣ, идеологӣ, сиёсӣ, молӣ ва моддию техникии бархе аз давлатҳои мусулмонӣ даргириҳои мусаллаҳонаро аз соли 1992 оғоз карданд, ки то соли 1997 идома ёфт[5, 120].

Ба ақидаи мутахассисони соҳа, яке аз сабабҳои сар задани ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон он буд, ки амалан тамоми фазои сиёсии ҷумҳурӣ бо тарҳҳои байналмилалии исломгароӣ пур шуд. Лоиҳаҳои исломгароёни фаромиллӣ таҳия гардиданд, зеро дар марҳалаи аввали истиқлол исломгароёни Тоҷикистон барномаи худро надоштанд ва онҳо воқеан кӯшиши амалӣ кардани идеяҳо ва лоиҳаҳоеро доштанд, ки манфиатҳои миллии Тоҷикистонро дар назар надоштанд [4, 26].

Маҳз дар ҳамин давра механизми ба гурӯҳҳои ифротгаро ҷалб намудани ҷавонони аз ҷиҳати иҷтимоӣ осебпазир васеъ паҳн гардид.

Омӯзиш ва таҳлили маводи парвандаҳои оперативӣ ва ҷиноятӣ нишон медиҳад, ки аз соли 1992 то соли 1999 дар ҳудуди Қирғизистон, Туркманистон, Қазоқистон ва Озарбойҷон хадамоти махсуси давлатҳои манфиатдори исломӣ аъзои ТЭТ ҲНИ-ро, ки дар натиҷаи ҷанги шаҳрвандӣ аз хоки ҷумҳурӣ баромада, ба муҳоҷирати меҳнатӣ рафта буданд, фаъолона ба ҳамкорӣ ҷалб мекарданд.

Соли 1994 то соли 2002 аъзои ба ном «фаъол»-и ТЭТ ҲНИ бо роҳнамоӣ ва дастгирии молиявии намояндагони хадамоти махсуси ҷосусии баъзе давлатҳои исломӣ нисбат ба хизматчиёни ҳарбии дивизияи 201-уми Федератсияи Русия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, хизматчиёни ҳарбии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ходимони ҷамъиятию динӣ ва давлатии Тоҷикистон, инчунин раҳбарони рӯҳонии ҷараёнҳои динии ғайриисломӣ, зиёда аз 30 амали террористӣ содир карда, садҳо мардуми бегуноҳро ба қатл расониданд.

Ҳамин тариқ, бо назардошти гуфтаҳои боло, чунин хулосаву пешниҳодотро мувофиқи мақсад мешуморем:

1. Идеологияи экстремистии динӣ-сиёсӣ – маҷмуи ғояҳо ва амалҳои хусусияти зӯроваронаи психологӣ-оммавӣ, идеологӣ-сиёсидоштаро дарбар мегирад, ки аз ҷониби давлатҳои гуногун ва ҷараёнҳои мухталифи динӣ – мазҳабӣ дар давраҳои гуногуни таърихӣ, нисбат ба рақибони худ амалӣ карда шудааст.

2. Ба ҳайси субъектҳои мафкураи экстремистии динӣ-сиёсидошта давлатҳои алоҳида ва ё ҳизбу ҳаракатҳои динӣ баромад намуда, онҳо тафаккури экстремистӣ-диниро бо мақсадҳои сиёсӣ истифода бурда, бо роҳи барангехтани кинаву адовати динӣ-мазҳабӣ дар байни омма аз шумули мардуми ноогоҳ ҷонибдорони сершуморе пайдо намуда, онҳоро барои бо роҳи зӯроварӣ нигоҳ доштани ҳокимияти давлатӣ ва ё сарнагун сохтани режимҳои демократӣ ва созанда истифода мебаранд.

3. Экстремизми динӣ-сиёсӣ аз бомдоди таърих то ба имрӯз дар сиёсати бархе аз давлатҳои Шарқ ва Ғарб дар асоси тафаккури таҳрифшудаи динӣ, барои ба танзим даровардани муносибатҳои муайяни ҷамъиятӣ ва дар мавридҳои зарурӣ барои пахш кардани рақибони сиёсӣ ва озодандешон бо таври васеъ истифода гардидааст.

4. Ба равия ва ҷараёнҳои гуногун ҷудо гардидани динҳои осмонӣ (яҳудӣ, насронӣ, ислом) мазмуну муҳтавои аркони созандаи онҳо аз ҷониби рӯҳониёни дорои ҷаҳонбинии гуногун ба таври мухталиф тарғибу ташвиқ мешуд, ки ихтилофи ақидаҳо ногузир гардид ва хушунату бадбинӣ аз лиҳози дину мазҳаб боиси фоҷиаҳои даҳшатбори таърихӣ гардид. Дар замони муосир низ идеологияи экстремистии динӣ-сиёсӣ дар ҳаракатҳои ҳизбу ҳаракатҳои экстремистӣ-террористӣ дар мамлакатҳои Осиёи Марказӣ хеле равшан зуҳур ёфтааст, ки ба муқобили арзишҳои миллӣ, демократӣ ва умумиинсонӣ равона мебошанд.

5. Асосгузорони идеологияи экстремистии «салафия» арабтабороне мебошанд, ки тафаккури онҳо бо мақсади аз зери асорати давлатҳои империалистӣ озод шудан хусусияти «такфирӣ» ва сиёсӣ гирифта буд ва онҳо ҳамин тафаккуро барои ҳифз намудани манфиатҳои худ ва шарикони стратегии ғарбиашон ба муқобили давлати собиқ Шуравӣ дар Афғонистон истифода бурданд ва ин ҷараёни иртиҷоӣ дар давлатҳои Осиёи Марказӣ ба ҳамин гуна мақсадҳои геополитикӣ амалӣ гардида истодаанд.

6. Идеологияи динӣ-сиёсӣ дар мамлакатҳои Шарқи ислом бо роҳи исломро дубора азнавсозӣ

кардан (исломизатсия) арзи вуҷуд карда истодааст, ки ин раванд боиси пайдо шудани идеологияи тафриқаандоз ва харобиовар гардида, аз ҷавҳари маънавии исломи созанда дур шуда истодааст. Зеро мубаллиғони чунин идеология низоми демократиро дар давлатҳои Осиёи Марказӣ низоми «куфр» хонда, арзишҳои миллии тоисломии мардуми форсу тоҷикро ба мисли Сада, Меҳргон, Тиргон, Наврӯзро «бидъат» ва номҳои миллии тоҷикиро номҳои «маҷусӣ» хонда, расму оин ва арконҳои таҳрифшудаи динии ба мардуми мо бегонаро ташвиқу тарғиб менамоянд.

**АДАБИЁТ:**


1. Баротзода Ф. Тафаккури дунявӣ ва зиёдаравии динӣ / Ф. Баротзода // Терроризм ва ифротгароӣ – роҳҳои пешгирии он. – Душанбе: “Маориф”, 2015.
2. Верховский А. Политический экстремизм в России: общественно-политическая литература / А. Верховский, А. Папп, В. Пржибыловский. – М.: Ин-т экспериментальной социологии, 1996.
3. Ғафуров Б.Ғ. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим ва асрҳои миёна / Ғафуров Б.Ғ. – Душанбе: Ирфон, 1983.
4. Давлатов М. Национальные интересы Таджикистана и исламские проекты / М. Давлатов // Материалы семинара «Динамика развития национальных и религиозных проектов в Центральной Азии». – Душанбе: Ирфон, 2006.
5. Искандаров А.И. Родники дружбы (Записки посла) / А.И. Искандаров. – М.: Изд-во «Международные отношения», 2000. – 296 с.
6. Левин З.И. Реформа в исламе. Быть или не быть? опыт системного и социокультурного исследования: монография / З.И. Левин. – М.: Ин-т востоковедения РАН: Крафт +, 2005. – 230 с.
7. Муминов А.И. Религиозный экстремизм в контексте социальных изменений: дисс. канд. филос. наук / А.И. Муминов. – Душанбе, 2017.
8. Мухаббатов К.М. Реакционная политика «Хизб-ут-Тахрир»: монография / К.М. Мухаббатов. – Душанбе, 2010. – 212 с.
9. Муҳаббатов К.М. Социально-политические факторы образования религиозно-политической организации «Хизб-ут-Тахрир» и ее реакционная сущность: по материалам Таджикистана: дис. … канд. полит. наук: 23.00.02 / К.М. Мухаббатов. – Душанбе, 2004.
10. Назиров Д.Н. Вопросы генезиса религиозно-политического экстремизма и терроризма: монография / Д.Н. Назиров. – Душанбе: Ирфон, 2006. – 209 с.
11. Низомулмулк. Сиёсатнома / Низомулмулк. – Душанбе: Адабиёти бачагона, 2019.
12. Ожегов С.И., Шведова Н.Ю. Толковый словарь русского языка / РАН: Институт русского языка: Российский фонд культуры / С.И. Ожегов, Н.Ю. Шведова. – М., 1993.

13. Политов С.И. Современный международный терроризм как угроза национальной безопасности России: дис. … канд. полит. Наук С.И. Политов. – М., 2007.
14. Помазан С.В. Уголовно-правовые и криминологические аспекты противодействия терроризму: дис. … канд. юрид. наук: С.В. Помазан. – М., 2001.
15. Риёҳӣ М. Фирдавсӣ (зиндагӣ, андеша ва шеъри ӯ) / М. Риёҳӣ. – Душанбе: Шуҷоиён, 2012. – 338 с.
16. Сафарзода Ҳ.С. Асосҳои муқовимат ба экстремизми динӣ-мазҳабӣ / Ҳ.С. Сафарзода, П.А. Насуриён ва диг. – Душанбе, 2022.
17. Сидоренко А.Г. Терроризм и террористическая безопасность в контексте истории и современной геополитики / А.Г. Сидоренко, Ю.В. Тихомиров. – М.: Кучково поле, 2011. – 243с.
18. Соловьев А. Политическая идеология в российском транзите: возможности и пределы влияния / А. Соловьев // Власть. – 2001. – № 8. С. 8-15.
19. Улуғзода С. Фирдавсӣ / С. Улуғзода. – Душанбе: Адабиёти бачагона», 2017.
20. Хайдарзода М.П. Теоретические основы понятия экстремизма / М.П. Хайдарзода // Актуальные проблемы права и государства в XXI веке: материалы IX Международной научно-практической конференции; г. Уфа, 20-21 апреля 2017 года: в 5 ч. Ч. 3 / под общ. ред. Ф.Б. Мухаметшина. – Уфа: Уфимский ЮИ МВД России, 2017.
21. Халфин Н.А. Политика России в Средней Азии (1847-1868) / Н.А. Халфин. – М.: Изд-во Восточной литературы, 1960.
22. Хизб-ут-Тахрир. Политико-правовая характеристика. – Худжанд: ООО «Хуросон», 2002.
23. Ятимов С.С. Идеология ва манфиати миллӣ. – Душанбе: Ганҷ нашриёт, 2015. – 191 с.

# ДАР АФҒОНИСТОН ЧӢ МЕГУЗАРАД?
## (Дар бораи ҷараёнҳои равшанфикрии тоҷикӣ дар Хуросони таърихӣ)

# ЧТО ПРОИСХОДИТ В АФГАНИСТАНЕ?
## (О таджикских просветительских течениях в историческом Хорасане)

# WHAT IS HAPPENING IN AFGHANISTAN?
## (About the trends of Tajik enlightenment in historical Khorasan)

**Назаров У.К.**
**Nazarov U.Q.**

*Унвонҷӯйи Институти омӯзиши масъалаҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон*

*Соискатель Института изучения проблем стран Азии и Европы Национальной Академии наук Таджикистана*

*Researcher of Institute of studying problem of Asia and Europe National Academy of science of Tajikistan*

**Аннотатсия**: Дар мақолаи мазкур инъикоси таърихии саҳми равшанфикрони тоҷикони Афғонистон, ки ҳукмравоии гурӯҳҳои муздурро дар мулку хиттаи аҷдодии худ ҳаргиз намепазируфтанд, бо такя ба методи таҳлилӣ-муқоисавӣ анҷом дода шудааст.

Зимни тадқиқот маълум гашт, ки аз бомдоди таърихи Хуросон ҳазорҳо нафар равшанфикрони бедордил ва огоҳ, ки тоҷиктабору форсивон будаанд, дар ҷомеаи қабиласолори Афғонистон бо мушкилоти сангини ҳувиятӣ дасту панҷа нарм мекарданд, бо қотеияти беҳамто ва ҷасоратмандии истисноӣ шамъи тоҷикият ва асолати миллиро равшан нигоҳ медоштанд.

Тамоми тадқиқоти таърихие, ки аз тарафи пажӯҳишгарони рус ва аврупоӣ то ҳол анҷом дода шудааст ва муаллиф бо онҳо комилан розӣ аст, бо такя ба далелҳои қавӣ, ковишҳо ва ёдгориҳои таърихӣ, ки дар натиҷаи омӯзиши ҷиддии илмӣ ба даст омадаанд, бар онанд, ки фарҳанги тоҷикон на танҳо дар таъсирпазирии халқу мардуми Афғонистон, балки дар пайдоиши халқҳои нав, ки забон ва фарҳанги точиконро пурра пазируфта, дар он марҳилаи тамаддуниро гузаштаанд, саҳмгузор аст. Чунончи, ба ин қишри мардум – ҳазораҳо, паштунҳои даризабон шомил мешаванд, ки бо забони дарӣ-форсӣ-тоҷикӣ такаллум мекунанд ва фарҳанги тоҷикиро ҷузъи ҳувияти худ мепиндоранд. Ҳатто дар зери таъсири фарҳанги тоҷикӣ халқҳое дар вилоятҳои Афғонистон сукунат доранд, ки худро «порсигӯ» меноманд ва созише дар сарҳади ҳувиятӣ бо тоҷикон ба вуҷуд овардаанд.

**Калидвожаҳо:** равшанфикрӣ, тоҷикият миллат, асолат, давлатдорӣ, адолатхоҳӣ, дунёмадорӣ, ҳувият, Сомониён, Кӯшониён, манфиатҳои миллӣ.

**Аннотация:** В данной статье проанализирован исторический вклад таджикской интеллигенции Афганистана, никогда не принимавшей господства оккупантов на землях своих предков. С самого начала истории Хорасана тысячи просвещенных и образованных людей, которые были таджиками и персами, боролись с трудными проблемами идентичности в племенном обществе Афганистана, с исключительной решимостью и отвагой поддерживали свечу таджикизма и национальной самобытности.

Все исторические исследования, проведенные российскими и европейскими исследователями до сих пор, и с этим согласен автор, основанные на убедительных доказательствах, раскопках и исторических памятниках, которые получены в результате серьезных научных исследований, считают, что культура таджиков способствует не только развитию народа Афганистана, но и возникновению новых народов, полностью принявших язык и культуру таджиков, прошедших этот этап цивилизации. Например, в эту группу людей входят хазарейцы, дариязычные пуштуны, владеющие языком дари и считающие таджикскую культуру частью своей идентичности. Также под влиянием таджикской культуры в районах Афганистана проживают люди, называющие себя «порсигу» (персоязычные), имеющие с таджиками единую идентичность.

**Ключевые слова**: просвещение, таджикская нация, самобытность, государственность, справедливость, светскость, идентичность, Саманиды, Кушанцы, национальные интересы.

**Annotation:** In this article analized the historical contribution of Tajik intellectuals of Afghanistan, who never accepted the rule of mercenary occupiers in their ancestor’s lands. From the beginning of the history of Khorasan, thousands of educated people, who were Tajiks and Persians, were struggling with the difficult identity problems in the tribal society of Afghanistan with exceptional resolution and courage supported Tajik and national originality shines.

All the historical researchs carried out by Russian and European researchers up to this point, and the author agrees with it, based on convincing evidences, excavations and historical monuments, which were obtained as a result of serious scientific studies, think that Tajik culture contributes not only to the development of the people of Afghanistan, but also to the emergence of new peoples who have fully accepted the language and culture of the Tajiks and have passed this stage of civilization. For example, to this group of people enter -

Hazaras, Dari-speaking Pashtuns who is the owner of Dari language and consider Tajik culture as a part of their identity. Even under the influence of Tajik culture, people living in the regions of Afghanistan who call themselves «Porsigu» (Persian speaking) and have created the common identity with the Tajiks.

Даже под влиянием таджикской культуры в районах Афганистана проживают люди, называющие себя «порсигу» (персоязычные) и создавшие с таджиками единую идентичность.

**Keywords**: enlightenment, Tajik nation, originality, statehood, justice, worldliness, identity, Samonians, Kushanians, national interests.

Таърих гувоҳ аст, ки мо – Тоҷикон мушкилоти сангини рӯзгорро мутаҳамил мешавем, барои ҳаллу фасли онҳо камар мебандем, вале ҳаргиз асорат ва ҳукмравоии гурӯҳҳои муздурро дар мулку хиттаи аҷдодии худ намепазирем. Шиори ҳар як тоҷик дар куҷои ақсои дунё бошад, дар ин марҳилаи ҳассоси таърихӣ ин аст: «Сар медиҳему сангар намедиҳем».

Аз бомдоди таърихи Хуросон ҳазорҳо нафар равшанфикрони бедордил ва огоҳ, ки тоҷиктабору форсивон будаанд, дар ҷомеаи қабиласолори Афғонистон бо мушкилоти сангини ҳувиятӣ дасту панҷа нарм мекарданд, бо қотеияти беҳамто шамъи тоҷикият ва асолати миллиро бовиқор ва ҷасоратмандии истисноӣ равшан нигоҳ медоштанд.

Ричард Фрай, шарқшиноси ғарбӣ эътиқодманд аст, ки бо шарофати хонадони Сомониён «Ҷомеаи куҳна мавҷудияти хешро идома медод, вале бо хилъати мусулмонӣ» [7]. Ин изҳори назар ба тамоми сулолаҳои тоҷиктабор ва соҳибони фарҳанги тоҷик иртибот мегирифт, ки рисолаи равшаннамоии худро дар минтақа то имрӯз ифо менамуданд.

Мурури кӯтоҳе ба таърихи Афғонистони муосир нишон медиҳад, ки фарҳанги тоҷик нуфузи «файзбор ва шарафосор» [7] дар ташаккули маданият ва зеҳнияти ҷомеаи кишвари ҳамсоя доштааст. Шаҳрҳои Ҳирот, Мазори Шариф, Кобул, Зобул, Самангон, Сиистон, Гандаҳор, Куҳандиж, Ҷавзгон, Ғур, Каписо, Парвон ва Ғазнӣ, водиҳои тамаддунофар, аз қабили дараи Каён, дараи Панҷшер, дараи Сӯф, дараи Шимолӣ, дараи Соланг, дараи Хинҷону Андароб, дараи Ғур, Чордара, дараи Толаву Барфак, Ҷувайдара, дараи Роғистон, дараи Асмор ва ғайрае, ки ҳамчун маркази тамаддуни мардуми бумӣ қад афрохтаанд ва дар он ҷо саноат, илм ва фарҳанг шакл гирифтааст, ба таври дастаҷамъӣ то аввали асри XX макони зисти тоҷикон будааст.

Як назари иҷмолӣ ба ин шаҳрҳо ҳақиқатеро бармало месозад, ки дар Афғонистон кӣ аксарият аст ва кӣ ақаллият? «Офтобро бо доман пӯшонидан намешавад» ва маълум аст, ки дар шаҳрҳо аксари мардум зиндагӣ мекунад ва таҷамуи муассисаҳои иқтисодӣ-тиҷоратӣ ва муҳити созгори илмӣ-фарҳангӣ сокинони деҳотро дар ҳар кишвари дилхоҳ ба шаҳр ҷалб мекунад ва онҳо бо сарозер шудан ба ин марказҳо фарҳанги шаҳрнишиниро имтиҳон мекунанд. Элфингстон сайёҳ ва низомии англис, вақте ки ба вилояти Нангарҳор, ки ҳоло хилофи адолати таърихӣ паштуннишин ҳисобида мешавад, дар соли 1809 меояд аз 11 ноҳияи ин вилоят дар 9-тои он эътироф мекунад, ки тоҷикон сукунат доранд.

Тамоми тадқиқоти таърихие, ки аз тарафи пажӯҳишгарони рус ва аврупоӣ то ҳол анҷом дода шудааст, бо такя ба далелҳои қавӣ, ковишҳо ва ёдгориҳои таърихӣ, ки дар натиҷаи омӯзиши ҷиддии илмӣ ба даст омадаанд, бар онанд, ки фарҳанги тоҷикон на танҳо дар таъсирпазирии халқу мардуми Афғонистон, балки дар пайдоиши халқҳои нав, ки забон ва фарҳанги тоҷиконро пурра пазируфта, дар он марҳилаи тамаддуниро гузаштаанд, саҳмгузор аст. Чунончи, ба ин қишри мардум – ҳазораҳо, паштунҳои даризабон шомил мешаванд, ки бо забони дарӣ-форсӣ-тоҷикӣ такаллум мекунанд ва фарҳанги тоҷикиро ҷузъи ҳувияти худ мепиндоранд. Ҳатто дар зери таъсири фарҳанги тоҷикӣ халқҳое дар вилоятҳои Афғонистон сукунат доранд, ки худро «порсигӯ» меноманд ва созише дар сарҳади ҳувиятӣ бо тоҷикон ба вуҷуд овардаанд.

Тоҷикон давлатҳои мустақил ва империяи комилҳуқуқ дар ҳудуди Афғонистони имрӯза доштанд, ки империяи Кӯшониён аз ҷумлаи онҳост. То соли 90-уми асри гузашта, чунин пиндошта мешуд, ки Кӯшониён кӯчманчӣ будаанд, вале катибаи Работак, ки ба дасти Канишка –шоҳи кӯшонӣ навишта шудааст ва шарҳи ҳоли ӯро дар бар мегирад, як инқилоби илмӣ дар бораи пайдоиши ин сулола зам намуд. Шоҳ Канишка дар катибаи Работак, ки дар чанд километрии пойтахти вилояти Самангон – Айбек ва сарҳади вилояти Бағлон ёфта шудааст, аз шаҷараи авлодии худ сухан кушода, иқрор мешавад, ки аз ирқи ориёӣ мебошад. Дар пешрафти фарҳанги ин кишвар давлати Бохтар бо меҳварияти шаҳри Балх ва ё Бухдӣ, ки аз Ҳирот то Хатлону Бадахшонро фаро мегирифт, нақши муассире доштааст. Абдураҳмони Ҷомӣ, шоири шинохтаи тоҷик дар достони «Балхнома» дар бораи нақши шаҳри Балх суханони гуворое дорад, ки саҳми «модари шаҳрҳо»-ро дар пешрафти фарҳанг ва тамаддуни минтақа ҳадафманд тараннум кардааст:

Дар Балх биё бубин, ки чӣ байтулшараф аст?

Ҷомӣ на Адан гӯяду на Байнулҷабалайн,

Хуршед якесту нури ӯ ҳар тараф аст [4].

Ин қитъаи устоди сухан Ҷомӣ дар боргоҳи дарвозаи ғарбии мақбараи Мазори Шариф ҳаккокӣ шудааст ва мансуб будани сарзамини Афғонистонро ба тоҷикон бо далели муҳкам ва раднашаванда собит месозад.

Академики номдор аллома Бобоҷон Ғафуров менависад, ки дар «сарзамини Бохтар» маданияти ба худ хоси маҳаллӣ вуҷуд дошт, ки он аз қаъри асрҳо ибтидо мегирифт. Равобити мардуми Бохтар бо маданияти бойи Ҳиндустон, бо маданияти юнониён ва бо маданияти Шарқи эллинӣ самараи бузург дошт» [5]. Инчунин илова менамояд, ки маҳз дар ҳамин давра дар Осиёи Миёна дини буддоӣ паҳн шуд. Аз рӯйи хулосаи олим бо паҳншавии буддоия оини зардуштӣ мавқеи худро аз даст надод ва он маркази шаҳри Бактура яке аз марказҳои асосии зардуштият ҳисоб меёфт ва аксари аҳолии маҳаллии бохтариҳо ба зардуштия эътиқод доштанд [5].

Адабиётшиноси маъруфи тоҷик Ҷамолиддин Саидзода дар решаёбии мушкилоти фарҳангии Афғонистон, бо истинод аз нависандаи хушном Раҳнаварди Зарёб, мегӯяд: *«Тамаддунҳои ғарбӣ дар кишварҳои шарқӣ хеле зуд тавонистанд роҳ ёбанд, аммо фарҳанге, ки тамаддунро ҳамроҳӣ кунад, ақиб монд… Ба ақидаи ман, тамаддун талоши одамӣ барои осон сохтани зиндагист. Тамаддунро ворид карда метавонем, аммо бисёр душвор аст, ки мо фарҳангро ворид кунем. Фарҳангро ворид карда наметавонем»* [2].

Забони тоҷикии дарӣ ҳамчун шохаи бузурги дарахт ва нахустунсури тамаддунии тоҷикон нақши давлатсозӣ, зиндагисозӣ, фарҳангпарварӣ, миллатмеҳварӣ ва шахсиятмадории наслҳои гуногунро дар Хуросони таърихӣ ва Афғонистони имрӯзӣ бар дӯш доштааст ва бо мурури замон нишонаи соҳибмаърифатӣ, ҳушмандӣ, пешсафӣ, фарҳехтагӣ ва донишмандии дорандагони онро таҷассум мекунад. Соҳибони ин забони кӯҳанбунёд ва тамаддунофар ба қавли Ҳофизи бузург чун *«булбул ба шохи сарв ба гулбонги паҳлавӣ, мехонд дӯш дарси мақомоти маънавӣ»* рисолати инсонсозӣ, равшанфикрӣ ва талқини ҷавҳари биниши илмандӯзиро ба дигарон манзур медоштанд, то ки ҷаҳли мураккаби афкорӣ ва таассуби камёфти рафторӣ дар ҷомеа бар ақлҳо мусаллат нагардад.

Забони форсӣ-дарӣ-тоҷикӣ дар Афғонистон сарҳади нозуки тамаддунии мардуми бедор ва ҳушёри ин кишвари ҳамсоя, новобаста аз мансубияти миллӣ ва қавмӣ ҳаст. Намояндагони

ақаллиятҳои миллӣ: паштунҳо, ӯзбекҳо, туркманҳо, қазоқҳо, қирғизҳо байни худ аз забони дарӣ ҳамчун забони муштараки оммафаҳм ва василаи саҳли баён, ба истилоҳ «Lingva franca» (Лингва франка) истифода менамоянд.

Ин ғановатмандии нодири фарҳангӣ аз сӯйи касеву низоме қарнҳо зери шубҳа қарор нагирифтааст ва онро дар имтидоди таърих ба забони ҳол нухбагони паштутабор ҳам, ки дағдағаи давлатдорӣ доранд, бо ду дасти адаб эътироф кардаанд ва дар қалбашон парваридаанд. Амирони шинохтаи пашту на танҳо донандаи забони дарӣ, балки ба ин забон васвасаи ҳунари шоирӣ доштанд ва девон ҳам таълиф кардаанд.

Бо нузули давлатҳои тоҷикӣ дар Хуросон, аз қарни асри XVIII то ба имрӯз нақши забони дарӣ дар меҳвари эъмори ҷомеаи афғонӣ дар ҳоли рушду нумуъ будааст, ба истисноя чанд соле, ки зери таъсири Олмони фашистӣ дар соли 1936 давлатмардони паштутабори Афғонистон дар радифи забони дарӣ забони паштуро ба таври сунъӣ ва сохта расмӣ сохтанду ба он алифбое дуруст карданд, ки барои худи соҳибони забон фаҳмо нест, чӣ расад ба дигар ақвоми Афғонистон. Вале ин иқдомҳои маснуъ ба ҷойе нарасиданд, мардум торафт тоҷиктар шуду ашрофзодагони миллатҳои мухталифи ғайритоҷики афғон надонистани забони ноби форсиро барои худ ва ворисонашон ор медонистанд.

Агар ба баррасии мавзуи мақола баргардем, дида мешавад, ки дар Афғонистони толибонӣ *«қабои хусравӣ дар бар наояд ҳар касеро хуш, сари ҳар носазоеро назебад тоҷи султонӣ»* масири зеҳнияти ин табақаи аз оламу одам дур ва бехабарро шакл додаст. Юриши толибон ба арзишҳои забонии мардуми Афғонистон ба сони ҳуҷуми лашкари ғаддор ва қотили муғул баробар аст. Ин вопасгароёни даҳрӣ ва муддаиёни «исломи ноб» дар вуҷуди ҷомеаи суннатии Афғонистон инқилоби фарҳангситезиро ба вуҷуд овардаанд. Кобуле, ки мардумаш ба забони дарӣ ҳарф мезанад, гӯё ки аз сӯйи лашкари бегона забт шудааст. Мардуми бумиву таҳҷоӣ ва 7 млн. нафараи тоҷик дар ҳолати афсурдагии равонӣ ва таҳлукаи фарогир умр ба сар мебаранд. Толибон мисле, ки ***«Акка роҳгардии зогро ёд мегирам гуфта, роҳгардии худро гум кардааст***»-ро меъёру равиши мудирияти хоми аз батни ҷомеа барнахоста истифодаи сӯ қарор додаанд. Дар ин ҳамлаҳои нораво зудуда сохтани мавқеи забони дарӣ ҳамчун пуштивонаи маънавии 70% аҳолии Афғонистон ҳадафи ногузири фарҳангзудоӣ шинохта шудааст.

Ҳамин тарзи бархӯрд аст, ки соҳибони забони дарӣ аз ҷониби

муллоҳои чалласаводи толибӣ дар баъзе минтақаҳои кишвар мулҳид ва ба истилоҳ «кофир» эълон гардидаанд. Ин ҳукмҳои аз матни дину ҷомеа дур моҳирона татбиқ карда мешаванд ва ҳадафашон ҷойгузин сохтани забони пашту ба ҷойи забони ҷаҳоншумули дарӣ мебошад.

Аз расонаву телевизиону радио бо қиёфаҳои ба мардум ношинос, забони ба мардум нофаҳмо вожаву калимаҳои муғлақро сарозер мекунанд ва фосилаи дастандаркорони низоми толибиро бо аҳолӣ боз ҳам фарохтар мегардонанд. Дар ТВ «Тулуъ», ки бахши забони дарӣ фаъол буд, ҳоло ба майдони мусоҳибаи гунгу карҳо мубаддал гаштааст. Ба саволҳои хабарнигори даризабон ба забони пашту ҷавоб дода мешавад. 2-3 нафар коршиноси даризабон ҳам дида мешавад, ки ҳамон паштунҳое мебошанд, ки тасаллути пурра ба ин забонро надоранд ва бо каҷ кардани лабон ва нодуруст талаффуз кардани ҳарфҳо саҳнаи «мазҳакаи илоҳӣ»-ро роҳандозӣ кардаанд. Муаллифи мақолаи «Зеҳнияти хатарзои толибонӣ [1] ва муомилаи шубҳаноки абарқудратҳо» муътақид аст, ки *«нигоҳи толибон ба зиндагӣ нигоҳи қафомондаи асримиёнагист, онҳо талош мекунанд, дар қолаби шариати гуррои вопасгаро дар қарни иттилоотии XX1 пешдоварӣ намоянд, ҳама масъалаҳои дар тӯли 1400 сол пеш ба вуҷудомадаро саҳлу осон пиндоранд. Ин як сароби фиребандаест, ки мардумро гӯлу гумроҳ мекунад. Дар барномаи толибон вуҷуди зан ҳамчун мавҷуди нолозим матраҳ гаштааст. Ба мудирияти ин ҷангандаҳои толиби ҳирсу молу ҷон менигаред, аслан мардум дар он ҷойе надорад*».

Маҳз ба ҷасорат, дониш ва биниши орифонаи тоҷикон аҷдоди қабилаи биёбонӣ рангу бӯйи тоза ёфт, низоммадор шуду ба расмият даромад. Тафаккури миллии умумиафғонӣ то андозае шакл гирифт. Тоҷикҳо ҳамеша нақши омӯзгорро барои дигарон мебозиданд, ки аз забони онҳо ба гуфтаи адиби шинохта Абдулҳамид Самад *«баробари оҳанги дардҳои миллат, навои ҳузнангези иллатҳои миллат низ шунида мешуд*».

Аз ин рӯ, ҷо дорад, ки аз мардуми Афғонистон, ки соҳибони аслии забони дарӣ мебошанд, даъват ва иршод ба амал оварда шавад, ки чи дар дохил ва чи дар хориҷи кишвар ройзаниҳо ва муборизаи воқеии густурдаро барои ҳифзи ҳувияти забонии худ аз ҳуҷумҳои толибтозии замона тавсеа бахшанд, қад алам намоянд ва нуру равшаниро ба ояндагон ба армуғон оваранд.

Сазо нест, ки гурӯҳаки кӯҳҳои Сулаймонхел ҳарфи аввалу охирро дар робита ба дастовардҳои арзишии фарҳангии мардуми таҳҷоӣ бизанад. Ба қавли

Абдулмаъонӣ ҳолате пеш наояд, ки кор аз кор бигузарад ва он гоҳ афсӯсу надомат меросбарони забони оламшумул ва биҳиштии моро дар хиттаи Хуросон замингир намояд.

**Дар ин бахши мақола мехостам дар бораи** Файзулло Ҷалол, яке аз тоҷикони номии Афғонистон намуна биёрам. Баъди мунозираи лафзие, ки бо М.Вардак, намояндаи ҳаракати террористии «Толибон» дар Қатар дар ТВ «Тулуъ» дошт, исми ӯ бори дигар вирди забонҳо гашт. Барои хонанда, бинобар шинохте, ки аз ин шахси ҷасур ва сиёсатмадори бемуҳобо қаҳрамон дорам, мехостам маълумоти шарҳиҳолӣ ва баъзе паҳлуҳои норавшани ибратомӯзи ҳаёти Файзулло Ҷалолро бозгӯ намоям, то барои насли имрӯза сарнавишти ҷараёни адолатхоҳии тоҷикони он пори дарё мушаххастар шавад.

Файзулло Ҷалол, профессор, доктори илмҳои сиёсӣ ва яке аз сиёсатмадорони матраҳи Афғонистон мебошад. Ӯ аз зумраи пайравони мактаби сиёсӣ ва асосгузори ҳаракати зидди тамомиятхоҳӣ ва бартариталабии паштунҳо — созмони «Созмони инқилобии заҳматкашони Афғонистон» мебошад, ки аз ҷониби мухолифонаш ба номи «Ситами миллӣ» мусамо шудааст. Ин созмон дар солҳои 60-70-уми асри гузашта парчами адолатхоҳиро бардошта, ҳаракати миллиро дар марказ ва шимоли Афғонистон бар зидди сиёсатҳои табъизгароёна бунёдгузорӣ намуд, ки зимни муборизаи наслҳои баъдӣ ин ҳаракат бунёдӣ ва ниҳодина шуд. Барои сароҳати калом, иқтибос аз мақолаи олими шинохта Ҷамолиддин Саидзода дар бораи сабку услуби муборизаи тоҷикони Хуросони таърихӣ меорем, ки ҳаёт ва фаъолияти сиёсии ин созмонро айнан тасвир кардааст: *«Гузашта аз ин, сиёсати динии кишвар ба ҳадде қавмҳои содаи ғайрипашту, аз ҷумла тоҷиконро фирефтаи худ карда буд, ки онҳо дар пурсиш миллаташонро пинҳон медоштанд, худро мусулмон, кобулӣ, ҳиротӣ, балхӣ, бадахшӣ ва ғайра муаррифӣ мекарданд, ба ҳеҷ ваҷҳ тоҷик намегуфтанд. Онҳое ҳам ки аз қазия андаке бохабар буданд (равшанфикрон дар назаранд – Ҷ.С.), аз тарс маҷоли ошкоро аз миллати худ хабар доданро надоштанд, зеро онҳоро қавмгароёни соҳибдавлат, ки қудрат дар дасташон буд, нобуд мекарданд. Намунаи боризи ин гуна нобудкунии равшанфикрон Тоҳири Бадахшӣ метавонад буда бошад, ки туъмаи қавмгароёни пашту гардида буд» [3].*

Ҳамин муаллиф боз бар нуфузи сиёсатмадори номбурда таъкид меварзад, ки «дар ин бора гуфтори муаллифи китоби «Дар хизмати маорифи Афғонистон» М.Лутф қобили хондан аст, ки мегӯяд: *«Ӯ*

*фарзанди баору номуси миллати тоҷик аст. Ӯ ҳанӯз дар замони таҳсил дар Донишгоҳи Кобул бо фаъолият машғул мешавад ва бо ҳаммаслакон, мисли Абулқодир, Анаҳито, Коваи Ҳиротӣ, Бунёдӣ, Д.Панҷшерӣ мепайвандад» [3].*

Тавре зикр шуд, Файзулло Ҷалол мансуб ба қишри равшанфикри шимоли Афғонистон мебошад ва амалан аз наврасӣ бар зидди зӯргӯйӣ ва афзалиятхоҳиҳои қавмии паштунҳо муборизаи беамонро оғоз кардааст. Шоҳидони ҳол ва ровиёни ахбор мегӯянд, ки Ф.Ҷалол дар наврасӣ дар зодгоҳаш шиорҳои адолатхоҳӣ, баробарии ҳуқуқи қавмҳоро паҳн намуда, чанд вақт ба «ҷурми эътирозгарӣ» маҳкум ҳам шудааст.

Хатти машъи сиёсии Ф.Ҷалол боз аз он бориззтар ва таъсигузортар ҷилва мекунад, ки ӯ дар ин масири хатарнок танҳо нест. Ҳамсари ӯ доктор Маъсуда Ҷалол низ аз сиёсатмадорони варзида ва пешгомони ҳаракатҳои маданӣ ва маорифпарварӣ дар Афғонистон мебошад. Соли 2004 Масъуда Ҷалол дар интихоботи президентии Афғонистон иштирок карда, сабқатро дар миёни бисёр номзадҳо баранда шуд ва дар раддаи дуюм қарор гирифт. Сипас, ба вазифаи Вазири кор бо занони Афғонистон таъйин гашта, дар пешбурди тадбирҳои равшаннамоӣ дар ҷомеаи анъанавии Афғонистон саҳми босазои худро гузошт.

Ф.Ҷалол, сиёсатмадори мардумсолор ва пешқадам буда, дар миёни олимони дунявимадори ҷомеаи афғонистонӣ ҷойгоҳи махсус дорад. Мусаллам аст, ки дар миёни сиёсатмадорон ин ҷойгоҳи фарқкунандаи ӯ, пеш аз ҳама, бастагӣ ба мавқеи пойдор ва бинишу дониши устувори миллиаш дорад. Зиндагӣ ва ҳаёти сиёсии Файзулло Ҷалол – улгу ва намунаи худгузарӣ ва сарсупурдагист. Саҳми ӯ дар оғози шаклгирии ҳаракати озодихоҳии мардуми заҳматкаш дар солҳои 80-уми асри гузашта дар таркиби *Созмони заҳматкашони Афғонистон* ва дар тӯли 20 соли ахири ҳукумати истибдодии Карзай-Ғанӣ (2001-2021) ба сони «рахна кардан дар умқи Олами Куҳан» ва хусусан суханронии пурмуҳтавояш дар бораи сатҳи ақлонии толибон сутуданист. Ӯ аз зумраи огоҳтарин аъзои қишри зиёии Афғонистон мебошад, ки тасаллути комил ба адабиёт, таърих, сиёсат, иқтисодиёт, дин, сохтори қавмӣ-қабилавии он кишвар дорад ва бо такя ба усулҳои муосири таҳлилгарӣ ба умқи мушкилоти ҷомеаи афғонистонӣ менигарад.

Суҳбати сарироҳие, ки бо аъзои ҳизбу ҳаракатҳои чапгаро (*СОЗО, САФЗО, Озодагон, Кунгураи миллӣ*) нисбат ба баъзе ҷанбаҳои корӣ ва шахсии зиндагиномаи Файзулло Ҷалол доштем, мушаххас шуд, ки ӯ бо аҳли таассубу хурофот ва муомилагарони даҳр, аз ҷумлаи

ҳамтаборони кӯтоҳандеши худ низ, ки тибқи маслиҳат ва хайри умум амал накардаанд, сари созиш надорад.

Дар давраи омӯзгории Ф.Ҷалол, назму низом ва касбият дар донишкадае, ки ӯ ба тадрис машғул аст, ба дараҷае боло рафтааст, ки дар бораи қишри таҳсилкарда ҳамчун омили таъсиррасон дар воқеаҳои ҷомеа сухан гуфтан мумкин аст. Серталабӣ ба худ ва дигарон, ҷасорати истисноӣ, хушмуомилагӣ, адолатпарварӣ аз зумраи хислатҳои хоси рафтории Ф.Ҷалол мебошанд.

Шогирдони пешинаш дар донишгоҳи Кобул мегӯянд, ки адолатпарастӣ, ҳақиқатгуфторӣ, риёкор набудан, ҳимоят аз ҳуқуқи дониҷӯёне, ки қурбонии таассуби қавмии устодон мешаванд, аз хислатҳои асосии Ф.Ҷалол аст. Ба гуфтаи онҳо, дар Донишгоҳи Кобул танҳо устоде, ки бо садои баланд ва расо зимни мушоҳидаи ноҳақии устоди дигар метавонад хитоб кунад, ки «фосиқ нашав, мунофиқ нашав!» Ф.Ҷалол аст.

Ҳузури Файзулло Ҷалол дар саҳна ва арсаи сиёсати навини Афғонистон ҳамчун фурсати муносибе барои шаклгирии ғояи мубаризаи сиёсӣ ва решакан кардани ҳар гуна зуҳуроти номатлуби тундгароӣ арзёбӣ мегардад. Ӯ касе ҳаст, ки бо такя ба захираи неруи инсонӣ шахсияти худро сохтааст ва ба шароити ногувори кишвараш тайёру айёр намудааст.

Ва бубинед, ки дар лаҳзаҳои буҳронӣ донишмандоне ба мисли устод Ф.Ҷалол чун номуси ҳамешабедори тоҷик ба ҷӯш меоянд ва ҳарфи худро беибо ва бо такя ба иқтидори зеҳнии воло, чи тавре мавсуф дар қазияи вазъи имрӯзаи Афғонистон изҳор намуданд: «Кобул табоҳ аст, мардум нони хӯрдан надорад, пойтахт аз лиҳози қавмӣ табоҳ аст, аслан ифҳому тафҳим дар идороти толибон миёни як мурочиаткунанда ва як волӣ, миёни як мурочиаткунанда ва як вазир вуҷуд надорад» мегӯянд. Ин ҷо манзури Ф. Ҷалол, ки ба ифодаи имрӯзии тоҷикони Афғонистон як намоди ҳаракати «тоҷикандешӣ» шудааст, он аст, ки афроде ба идораҳо таъйин шудаанд, ки забони аслӣ ва аксарияти мардумро, ки дарии тоҷикӣ аст, намефаҳманд. Ва боз зарбаи аз он ҳам шикананда ба он ноқобилони даҳр мезанад: *«Толибон фикр мекунанд, ки ақли култанд, ақли кул нестанд, агар фикр кунанд, ки сад дар сад мустақиланд, мустақил ҳам нестанд, А.Ғанӣ аз лиҳозӣ қавмӣ ва бо назардошти урфи «паштунволӣ» ҳукуматро ба онҳо супоридааст».*

Файзулло Ҷалол дар чанд сухани пурэҳсоси худ ақидаи калидӣ ва ормонии халқи тоҷик ва тамоми мардуми шимоли Афғонистонро ифода намуда, ҳамагонро боварманд сохт, ки

баъд аз ин, ҳама чиз тағйир хоҳад кард, амалкарди нобу мумтози ӯ ба як ҳаракати ҳамашумули афғонистонӣ дар масири касби озодӣ ва истиқлоли комили кишвараш идома хоҳад ёфт. Ӯ дар як ҷумла вазъияти мавҷуда ва хусусияти толибонро хулоса ва ифода намуд, ки ҳазорон нафар дар зарфи 100 рӯзи ҳукумронии «Толибон» бо шеваҳои мухталиф талош намуданд бигӯянд, вале ба ин сароҳат натавонистан баён созанд. Ф. Ҷалол ба террористони гузарои қабилаандеш гӯшзад мекунад, ки: «Ангушт макун ранҷа ба дар кӯфтани кас, то кас накунад ранҷа ба дар кӯфтанат мушт».

Ҳусни матлаъ ва оғозгари матни мақола метавонист аз суханони муқаддамотии Атомуҳаммади Нур, волии пешини вилояти Балх ва аз саршиностарин афроди ин хиттаи таърихӣ, ки дар тамоми маъракаву маҳфилҳои сиёсиву фарҳангӣ, ки дар шаҳри Мазори Шариф – он модари шаҳрҳо ва маъвогоҳи шоири оламшумул Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ, баргузор мегардид, чанд сол муқаддам садо медод, бошад. Роқими ин сатрҳо, ки шоҳиди ин гуфтаҳост, бо дарки кулли шукӯҳу шаҳомате, ки шахсиятҳои таъсиргузори тоҷик дар ҷомеаи афғонистонӣ доштанд, мантиқи заъифноливу равиши бечоранавозии онҳоро дар қиболи ҳаракати биёбонӣ, ки ҳеҷ гуна пуштивонаи маънавӣ дар Афғонистон надорад, мешунаваму тааҷҷуб мекунам. Ин бодовардаҳо ҳеҷ нишоне аз қудрат ва иқтидор надоранд, тибқи муомилаи қаллобони гузарои даҳр «қабои хусравӣ»-ро дар Кобул ба бар карданду соҳибони аслии ватанро парокандаву парешон намуданд.

Дар ҳошияи тафсири қудрат дар байни тоҷикони Афғонистон шоистаи зикр медонем, ки 70 % артиши собиқа афсарону сарбозони тоҷиктабор буданд, 47% ё ба истилоҳ 21 млн.нафар аз аҳолии 40 миллионнафараи Афғонистони кунуниро тоҷикон ташкил медиҳанд. Вилоятҳои пешрафта ва саноатии ин кишвари ҳамсоя, ба шумули Кобул – вилоятҳои шимолу шарқи онанд, ки 85% маҳсулоти саноатӣ, кишоварзӣ ва тиҷоратӣ дар он ҷо истеҳсол мешавад. Сатҳу савияи саводнокии мардуми шимол, ки боз ҳам аксар тоҷиканд, бамаротиб аз дигар вилоятҳо болотар аст. Ин ҳама дар ҳолати мудирияти воло ва ба сурати дастаҷамъӣ неъмату ғановатмандии пойгоҳи як ҷабҳаи тамомиёри қудратманди миллист бо меҳварияти тоҷикони Афғонистон, ки халқу миллатҳои дигар ҳам саодатмандии бовиқори худро дар он дарёбанд.

Тоҷикҳо ҳамчун халқи фарҳангсолор ва тамаддунсоз дар имтидоди таърих ҳамеша нақши маърифатпарвариро дар байни мардуми Шарқ, хусусан дар байни қабоил ифо намудаанд. Ҳар тоҷики

закиву донои Афғонистон бояд бидонад, ки аҷдодони толибони имрӯза аз Аҳмадшоҳи Дурронӣ то Ашраф Ғанӣ Аҳмадзай бо даст задан ба муомилаҳои тоҷикзудоӣ бо ҳамкорӣ бо доираву ҳалқаҳои хориҷӣ, ҳамвора кӯшидаанд Хуросони таърихиро забт ва ба хасму хун бикашонанд. Ин тоҷикон буданд, ки ин лоиҳаву тарҳҳои хасмонаро рад намуда, лашкари мардумиро мунсаҷим карда, посухи дандоншикан ба муомилагарони қабилаву ёрони истилогарашон медоданд.

Тоҷикони Афғонистонро зарур аст, ки эҳсоси худкамбинӣ, афсурдагӣ, коҳилӣ, беҷуръатиро аз вуҷудашон зудуда намуда, мардуми таҳҷоиро сарҷамъ намоянд ва ҷабҳаи муборизаи воқеии сиёсиро дар қаламрави кишварашон тавсеа бахшанд. Дӯст табарвор мегӯяд ва агар ҳоло тоҷикон ва форсивонони Хуросони таърихӣ парчами ковиёниро баланд наафрозанд ва муҳимтар аз ҳама, аз истроҳатгоҳҳои Истанбулу Дубай ба Ватан аз хоби ғафлатзадагӣ барнагарданду бо мушкилот дасту панҷа нарм накунанду таҳдиду хатари вуҷудиро якҷоя бо мардум набинанд, ҳолате ба вуҷуд меояд, ки *«Ҳалворо ҳаким мехӯраду калтакро ятим».* Ва агар ин аз дур маслиҳат доданҳову наззорагарӣ чанд моҳе дигар идома ёбад, сад соли дигар тоҷику асолати тоҷикиятро дар ин ҳамсоякишвар бо заррабин ҳам натавонист ёфт. Ин як амри табиист ва дар ҷаҳони сеюм зӯр камзӯрро пайваста озору шиканҷа медиҳаду ҳаракати манъшудаи террористии «Толибон» айни замон камтаҷрибаву нотавонанд, вале бо мурури замон онҳо қудратманд хоҳанд шуду муборизаро бар зидди арзишҳои тамаддунии тоҷикон, ки забону фарҳанг ҷузъи онҳост, қад алам хоҳанд кард. Бо ин тавр шакл гирифтани раванди вазъият, нухбагони ҳамтабори мо дар Афғонистон ҳеҷ ҷойгоҳе дигар дар оянда миёнамуддат дар матну батни ҷомеа ҳузур нахоҳанд дошт ва ба ҳукми тақдир ҳаётеро дар ғарибиву бенавоӣ хоҳанд гузаронд. Ин тарзи пешгӯйии қазия иштибоҳест тавъам бо хиёнати гӯшношунид. Зеро бозгӯйи ҳақиқати мутлақест, ки: «Бе талаб, эй Сайидо, мақсад намеояд ба даст, ҷо ба маҷлис мекунад най аз фиғони хештан» .

Ва суханони бо ҳарфи тиллоӣ гуфтаи шоир дар бораи он, ки «Балхи бомӣ зодгоҳи Мавлавист, машриқи сад офтоби маънавист» ҳамчун салоти ҷанозаи тамаддуни 7 ҳазорсола садо хоҳад дод ва дигар асаре дар вуҷуди моликони ин марзу бум нахоҳад дошт ва масири таърих иҷборан ба шунидани қиссаву афсонаи «ҳутаку хушдилхону муманд» ва музахрафоти «Паштунволӣ» рақам хоҳад зад.

Мухотаби ин нома Муҳаммад Юнуси Қонунӣ, Бисмиллои Муҳаммадӣ, Атомуҳаммади Нур, Салоҳиддини Раббонӣ, Амонуллои Гузар, Ҳоҷӣ Алмос, Масъуди Анбаробӣ, Адиби Фаҳим, Гулҳайдар ва садҳо нафар нухбагони тоҷики Афғонистон бояд бошанд, ки сиёсатмадор, равшанфикр, низомӣ ё тоҷиру рӯҳонианд ва дар ҷойи фурсатро муносиб дониста, ба муборизаи ҳадафманди илман асосноки сиёсӣ даст бизананд, то ҷабри таърихро аз ин қаламрав биронанд, ба изҳоротпароканиҳои бемақсад ва роҳатталабиҳои нафсонӣ даст ёзонданду аз иҷрои рисолати худ канора заданд. Ва бори дигар барои худуояндагонашон пироҳани муғамбириву бепарвоиро ба намоиш гузоштанд.

Аз он, ки тарҳи муназзами ҳифзи на танҳо ҷонҳои худ, балки мардумро ин «бузургон» дар мадди назар нагирифтанд, аз зодгоҳашон, ки ҳар хасу хор ва ҳар сангу хок ба онҳо шинос аст фирор намуданд, маълум мешавад, ки маблағҳои ҳангуфти аз дастранҷи халқ ба даст омадаро онҳо «бойгириву сарват» пиндоштанд ва дар кунҷи узлату ғарибӣ зиндагӣ карданро авлотар. Ҳол он ки сарвати асил ба даст овардани қалби ҳамин мардуми бенавову бечора аст, ки онҳоро бузургу ғаниву солор сохт. Ба Каъба чӣ меравӣ, дилеро дарёб, мақоли шоиста ва бозгӯкунандаи ин ҳолати кунунист. Ва танҳо ба хотире, ки рӯзи ҷанг «волӣ» -ву «сарқумондон» -у «вазир» -ашон пушт ба душман биниҳанду лаби баҳри Халиҷи Форсу Анталияро макони биҳиштосо барои зисти осоишта пиндоранд, онҳоро дар домани меҳру муҳаббат напарваронидаанд. Ёдатон бошад, зимистон мегузараду мардум раҳбарони асили худро дар ин набарди нобаробари ҳаётӣ ва сарнавиштсоз пайдо хоҳанд кард, вале сад афсӯс рӯйсиёҳӣ дар интиҳои ин қисса ба зоғон хоҳад монд.

Масъалаи дигареро, ки дар ин лавҳа мехостем, рӯнамоӣ кунем, пойбандӣ ба арзишҳои бегонагон аз сӯйи тоҷикони Афғонистон ҳаст, ки аз неруи худӣ бархӯрдор набуда, баҳри хуморшикании ҳокимияти қавмии дигарон саъю талоши беандоза карданро дар чанд соли охир ба имтиҳон гирифтанд, ки пайомадаш пешопеш маълум буд. Мардум дар натиҷаи ин муомилаҳои нобасомади калонҳои тоҷикони он сӯйи Ому бесарнавишт, кишвар дар зери юғи манҳустарин қувваи иртиҷоӣ ва сарзамин барои солҳои дароз харобу валангор гардид.

Як назари иҷмолӣ ба ҳаёту сарнавишти тоҷикон ва Тоҷикистони имрӯза бо қиёс бо ҳамтаборонашон дар он сӯйи Панҷ нишон медиҳад, ки дар тӯли сад соли ахир Тоҷикистон ҳам таърихи ҳамвору бе мушкилот надоштааст.Ба гуфти

рӯзноманигори тоҷик – онҳо дар умқи кӯҳҳо ҷой гирифта дар ин 100 соли охир аз кӯҳистон шаҳристон сохтанд, аз кӯҳ сангар дуруст карданд. Давлати мустақили аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ эътирофшуда доранд. Устод Айниву Шотемуру Ғафуров дар муқобила бо бадхоҳони миллат ва пантуркизми фурсатҷӯ, ки аз сӯйи босмачиҳо доман зада мешуду аз ҷониби доираҳои судҷӯйи хориҷимаоб маншаъ мегирифт, тавонистанд бо виқору бузурсолорӣ, ҳарчанд ки бо марги воқеӣ мувоҷеҳ буданд, чароғи мустақили давлати тоҷиконро бо ҷонҳои ширини худ ва ба зӯри дасту дандон равшан нигоҳ доранд. Дар 30 соли Истиқлоли давлатӣ бо раҳбарии Пешвои муаззами миллат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон давлати тоҷикон аз нав эҳё гашт ва ба сӯйи рушду шукуфоӣ раҳнамун шуд.

Дар фарҷоми таҳлилномаи имрӯза ба натиҷае мерасем, ки фарҳанги тоҷик ҷузъи тафаккури мардуми Афғонистон гаштааст, ки нишонаҳои он дар аъмоли завқӣ, рафторӣ, санъат, меъморӣ, ҳайкалтарошӣ, наққошӣ, ҳунар, умури давлатдорӣ ва ҳувиятӣ дида мешавад. Касе, ки китоби нависандаи турк Орхан Памук «Номи ман сурх»-ро мутолиа кардааст, медонад, ки он дар зери таъсири мактаби миниатюраи рассомони Ҳирот, аз ҷумла Камолиддин Беҳзод эҷод шудааст, ки бори дигар гуфтаҳои мақоларо дар ин робита тасдиқ менамояд.

То соли 1747 дар Хуросони таърихӣ ва аз он ба баъд дар Афғонистони ҳозира тоҷикон ҳамчун миллати фарҳангсолор, соҳибихтиёр ва тамаддунофар дар рушди зербинои давлатдорӣ, иқтисод, тиҷорат, илм, фарҳанг, адабиёт, меъморӣ ва ҳунар саҳми бузург гузоштаанд.

Ин ҳақиқати бебаҳс ва дар тӯли таърих шаклёфта аз ҷониби ягон гурӯҳ ва ҳукумате то ҳоло сарфи назар нашудааст. Ҳарчанд ки ҳокимони сулолаҳои вақт меомаданду мерафтанд ва ба қавми бегона мансуб буданд, бо мурури замон зери ҳавову ҳавас ва таъсири фарҳанги шахсиятсози ориёӣ қарор мегирифтанд ва марҳилаи полоиши тамаддуниро тай менамуданд. Аз соҳибони забон чун «оши аз коса сурхтар» дар ҳимояи фарҳанги бумӣ саъю талоши зиёдтар менамуданд. Аз сӯйи дигар, ин тағйироти ҳувиятӣ бистари таърихӣ ва омили айнӣ ҳам дар пай дошт, зеро паштунҳо аз шимолу шарқи Ҳинд дар асри XIV ба Хуросон омаданро оғоз карданд ва ин раванди муҳоҷирати иҷборӣ, ки таҳлилу таҷзияи он аз мавзуи ин мақола берун аст, то ҳоло идома дорад.

Дар ҷангҳои якум, дуюм ва сеюми афғону англис лашкари муназзами тоҷикон ва халқҳои дигари шимоли мамлакат ишғолгаронро маҷоли ҳаракат

кардан намедоданду бо ҷоннисориву фидокории пайдарҳам аз қаламрави ватанашон меронданд. Мизон ва сатҳу савияи ватандӯстӣ то ба ҷойе расида буд, ки ҷавоҳироту тилловорӣ ва зару зевари хонаводаҳои худро барои таъминоти молии ҷабҳа фидо мекарданд.

Тоҷикони Афғонистон фурсати барои ҳадафҳои дигарон мубориза бурданро дигар надоранд. Роҳи асосӣ ва меҳварии онҳо дарояндаи наздик басиҷ сохтани тамоми мардум бар зидди таҳдиду хатарҳои тамаддунӣ мебошад. Мардуми тоҷик дар Афғонистон бояд дарк кунанд, ки дигар зери чатри арзишҳои қабилавӣ, зеҳнияти биёбонӣ ва тафсири динмадор наметавонад ба сарманзили мақсуди худ бирасад. Муттаҳид шудан дар атрофи раҳбарони асил, ки худро дар байни аҳолӣ шармсор накардаанд, боло бурдани худшиносии миллӣ ва тарҳрезии «Нақшаи роҳ»-и дарозмуддат барои эҳёи нуфузу мақоми шоистаи тоҷикон метавонад роҳи ҳалли қазияи Афғонистон ва сарнавишти ояндаи минтақа арзёбӣ гардад.

Ҳамин тариқ, тоҷикони Афғонистон роҳе ба ҷузъ аз ташкили муборизаи мақсадноки сиёсӣ ва худгузариву ҷонфидоӣ дар масири ҳифзи манофеи миллӣ ва тамомияти арзии давлаташонро надоранд. Ин нома тобишу хислати хушдордиҳанда дорад ва бо мақсади канорагирӣ аз иштибоҳҳои замона ва такрори ҳодисаҳои таҳрикомези хатарзои гузашта дар ҷомеаи тоҷикии Афғонистон нигошта шудааст, зеро:

Ҳар кӣ бар худ нест
фармонаш равон,
Мешавад фармонпазири
дигарон.
(М.Иқбол)

**АДАБИЁТ:**


1. Ансорӣ Ҳ.Б. Зеҳнияти қабилавӣ. – Вашингтон, 2002.
2. Саидзода Ҷ. Тоҷикони Афғонистон – аз дирӯз то имрӯз, ҳафтаномаи Имрӯзнюс, 21 ноябри 2021.
3. Саидзода Ҷ. Афғонистон ва Хуросон – ду кишвари мустақил, ҳафтаномаи Имрӯзнюс, 11 ноябри соли 2021.
4. Сафаровардаҳо ва таҳқиқоти муаллиф.
5. Убайдуллоев Н.К. Инъикоси таърихи ниҳодҳои омӯзишии Варорӯд дар осори академик В.В. Бартолд/ Убайдуллоев // Муаррих, 2020, №1 (21). – С.5-15.
6. Улуғзода С. Восеъ: Роман. – Душанбе, 1969. – 367 с.
7. Нельсон Ф. Р. Наследие Центральной Азии. От древности до тюркского нашествия / Ф. Р. Нельсон. Предисловие В. А. Ранова. – Д., 2000. – 292 с.

# ДЕВБАНДИЯ ВА НАҚШИ ОН ДАР ТАШАККУЛИ ТОЛИБИЗМ

# ДЕВБАНДИЯ И ЕЁ РОЛЬ В ФОРМИРОВАНИИ ТОЛИБИЗМА

# DEVBANDIA AND ITS ROLE IN TALIBISMS GENESIS

**Хакимов Дж.А.**
**Hakimov J.A.**

*Унвонҷӯйи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон*

*Соискатель Института философии, политики и права имени А.Баховаддинова Национальной Академии наук Таджикистана*

*Applicant of the department of political science of the Institute of philosophy, political science and law named after A. Bakhovaddinov of the National Acadamy of sciences of Tajikistan*

**Аннотатсия:** Дар мақола идеологияи динӣ-мазҳабии девбандия (ё деобандия) ҳамчун заминаи пайдоиш ва шаклгирии «Ҳаракати Толибон» мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Муайян шудааст, ки идеологияи «Ҳаракати Толибон» як мафкураи радикалӣ буда, аз идеологияи мактаби девбандия сарчашма мегирад. Мубаллиғони девбандия ба ташаккули ақидаҳои динии «Толибон», хусусан ба ҳайати роҳбарикунандаи ин ҳаракат таъсири амиқ гузоштаанд. Девбандия як шохаи мазҳаби суннии ҳанафӣ маҳсуб ёфта, ҳанӯз соли 1967 дар Осиёи Ҷанубӣ 9 000 мадрасаи девбандӣ (ё деобандӣ) фаъолият дошт, ки дар байни толибилмони онҳо шумораи афғонҳо (пуштунҳо) ниҳоят зиёд буданд. Раванди мазкур мақсаднок идома ёфта, ба мафкураи толибилмони пуштун таъсир ва заминаи идеологӣ гузоштааст.

Муаллиф дар заминаи таҳқиқ муайян намудааст, ки муҳимтарин асл дар андешаи сиёсии девбандия ва дигар гурӯҳҳои бунёдгаро, аз ҷумла «Ҳаракати Толибон» эҳёи асли Хилофат дар низоми сиёсии ислом ё баргашт ба низоми сиёсии даврони ибтидоии ислом аст. Ҳаракати мазкур имрӯз тавассути такмили идеологияи худ мақсад, ҳудуди ҷуғрофӣ ва иҷтимоии худро густариш дода, аз тариқи интиқоли фаъолияти таблиғотӣ дар кишвар ва манотиқи дигар талош дорад, то ин ки сатҳи таъсирбахшии идеяҳои худро ба оммаи васеи мардум боз ҳам афзунтар намояд.

**Калидвожаҳо**: девбандия, толибизм, салафизм, ваҳҳобизм, таҳриризм, идеология, идеологияи динӣ, хилофат, мадраса, таблиғ.

**Аннотация:** В статье исследуется идеология религиозного течения девбандия как основа зарождения и формирования «Движения Талибан».

Установлено, что идеология «Движения Талибан» является радикальной идеологией и берет свое начало от идеологии девбандийской (или деобандийской) школы. Миссионеры девбандии оказали глубокое влияние на формирование религиозных верований талибов, особенно на руководство «Движения Талибан». Девбандия является ответвлением суннитского крыла ханафитского мазхаба, и уже в 1967 году в Южной Азии действовало 9000 медресе девбанди, среди учеников которых было большое количество афганцев. Этот процесс целенаправленно продолжался, повлиял на мировоззрение афганских студентов и составил идеологическую основу.

В контексте исследования автор определил, что важнейшим принципом в политической идеологии девбанди и других радикальных группировок, в том числе «Движения Талибан», является возрождение принципа халифата в исламской политической системе или возврат к политической системе раннего ислама. Сегодня это движение, совершенствуя собственную идеологию, расширяет свою цель, географическую и социальную территорию, а через пропагандистскую деятельность в стране и других регионах пытается повысить уровень эффективности своих идей среди широкой публики.

**Ключевые слова:** девбандия, талибизм, салафизм, ваххабизм, тахриризм, идеология, религиозная идеология, халифат, медресе.

**Annotation:** The article examines the ideology of the Devbandi religious movement as the basis for the origin and formation of the «Taliban Movement». It has been established that the ideology of the «Taliban Movement» is a radical ideology and originates its beginning from the ideology of the Devbandi (or Deobandi) school. Devbandi missionaries have had a profound influence on the formation of Taliban religious beliefs, especially on the leadership of the «Taliban Movement». Devbandiya is an offshoot of the Sunnite wing of the Hanafi sect and already in 1967 there were already 9,000 Devbandi madrasas in South Asia, among whose students there were a large number of Afghans. This process purposefully was continuing and influenced to the outlook of the Afghan students and made up an ideological basis.

In the context of the research, the author determined that the most important principle in the political ideology of Devbandi and other radical groups, including the «Taliban Movement», is the revival of the caliphate principle in the Islamic political system or a return to the political system of early Islam. Today, this movement, improving its own ideology, expands its goal, geographical and social territory, and through propaganda activities in the country and other regions, it tries to increase the level of effectiveness of its ideas to the general public.

**Key words:** Devbandiya, Talibism, Salafism, Wahhabism, Tahrirism, ideology, religious ideology, persuasion, caliphate, madrasah.

Дар шароити кунунӣ таъсири идеологии созмону ташкилот ва равияву ҳаракатҳои динӣ-мазҳабӣ ба раванди вазъи сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангии Афғонистон, ки низоми идоракунии диниро дорад, рӯз то рӯз зиёд шуда истодааст. Ҳатто метавон зикр намуд, ки идеологияи равияҳои тундгаро, ба вижа, идеологияи «Ҳаракати Толибон» ба идеологияи давлатӣ ва заминаи асосии низоми сиёсии идоракунии Афғонистон табдил ёфтааст.

Вобаста ба ин, бояд таъкид намуд, ки идеологияи «Ҳаракати Толибон» як мафкураи иртиҷоӣ (радикалӣ) буда, аз идеологияи мактаби девбандия (ё деобандия) ибтидо мегирад. Уламои девбандия ба ташаккули ақидаҳои динии толибиҳо, дар навбати аввал, ба ҳалқаи роҳбарикунандаи «Ҳаракати Толибон» таъсир гузоштаанд. Девбандия ба унвони як шохае аз мазҳаби суннии ҳанафӣиониста мешавад ва аз ин ҷост, ки «Ҳаракати Толибон» муталлиқ ба мазҳаби ҳанафӣ ва пайрави ақидаи Муҳаммад бинни Маҳмуд Абумансури Мотуридӣ (соли 333-и ҳиҷрӣ вафот кардааст) хонда мешавад. Ба ақидаи девбандиҳо пайравӣ аз як мазҳаби фиқҳӣ ё калом ба маънои пайравӣ аз тамоми усулу ақидаи он мазҳаб ва имоми он нест. Уламои девбандия бар ивази тақлид аз мактаби фиқҳии ҳанафӣ мазҳабҳои чоргонаи аҳли суннатро ҳатмию зарурӣ медонанд. Оид ба ин масъала муҳаққиқи муосири амрикоии мактаби девбандӣ Б.Д.Меткаф чунин таъкид мекунад: «уламои суннимазҳаби девбандӣ баробарӣ ва қонуниятро дар чор мазҳаби суннӣ қабул карданд, онҳо дар гузашта ҳанафӣ буда, тарафдори идеологияи меъёрҳои умумӣ ва қонунҳои шариатӣ буданд» [9, 30]. Дар баробари ин, «Ҳаракати Толибон» мактаби девбандияро тафсири радикалӣ намуда, онро бо суннатҳои қабилавии худ омехта кардаанд.

Ба таърихи пайдоиши девбандия руҷуъ намуда, метавон зикр намуд, ки мактаб ё мадрасаи «Девбандия» дар наздикии шаҳри Деҳлӣ соли 1867 таъсис ёфтааст. Дар Ҳиндустони британӣ ташкил шудани девбандизм дар ибтидо, гӯё иртиҷоӣ набуда, балки ҳаракати пешбарандаи инқилобӣ ва муттаҳидкунандаи иттиҳоди мусулмонон ҳисобида мешуд. Сарвари асосии ғоявии ин ҳаракат Муҳаммад Козим Нанотавӣ (1833-1877) ва Рашид Аҳмад Гангоҳӣ (1829-1905) шинохта шудаанд, ки аз ҷумлаи асосгузорони якумин мадраса дар Девбанд буданд.

Вобаста ба масъалаи аз ҷониби хориҷиён таъсис додани созмону

ҳаракатҳои динӣ-мазҳабӣ ва таъсири онҳо ба ҳаёти сиёсии ҷомеа профессор Ятимов С.С. барҳақ зикр мекунад: «Ҳангоми клерикалишавии (зиёд шудани таъсири ташкилотҳои динӣ) муносибатҳои ҷамъиятӣ - сиёсӣ, дар ҳаёти сиёсӣ воқеаҳое рух медиҳанд, ки дар давлатҳои Шарқи Миёна ва Наздик ба вуқуъ пайваста истодаанд. Бисёр идеологияҳо ихтироъ гардидаанд. Ба монанди ваҳҳобизм, салафизм, таҳриризм, толибизм ва бисёр «изм»-ҳои дигар, ки дар берун сохта шуда, дар миёни мусулмонон ворид карда шудаанд ва ба манфиати муаллифонашон – бадномсозони ислом ва халқҳои пайравони ин дини муқаддас хизмат карда истодаанд» [8]. Бо ақидаи маҳақиққон бо кӯшишу ҳаракатҳои хадамоти махсуси Британияи ҳамон давра ин мактаб ташкил шудааст.

Бо сабаби дар боло зикршуда, аз эҳтимол дур нест, ки аз ҳама машҳуртарин маркази омӯзиши динӣ дар байни аҳолии Афғонистон мадрасаи динии «Дор-ул-улуми Девбанд» низ чунин сарчашма дошта бошад. Дар ҳар сурат, девбандиҳо дар саросари Ҳиндустон чандин мадраса ташкил карда, толибилмони афғонро барои таҳсил ҷалб намуданд. Соли 1879 дар Ҳиндустон 12 мадрасаи девбандӣ ташкил карда шуд. Ҳанӯз соли 1967, ҳангоме ки 100-солагии ташкилшавии «Девбандия»-ро таҷлил менамуданд, дар Осиёи Ҷанубӣ аллакай 9000 мадрасаи девбандӣ мавҷуд буд, ки дар байни толибилмони онҳо афғонҳо хеле зиёд буданд, гарчанде охириҳоро дар ин минтақа «бадҷаҳл ва исёндӯст» меҳисобиданд [9, 87].

Дар миёна ва охирҳои солҳои 90-уми қарни гузашта бошад, дар Покистон мадрасаҳои зиёде буданд, ки таҳти назорати қувваҳои динии мухталиф қарор дошта, аксарияти онҳо ба мактаби «Девбандия» мутааллиқ буданд. Маҷаллаи покистонии «Нюслайн» оид ба ин масъала чунин менигорад: «Соли 1995 дар Покистон 2500 мадраса фаъолият мекард ва дар онҳо 225 ҳазор донишомӯзон (толибон) дарс мегирифтанд» [6, 91]. Ҳамин далелро низ дар китоби «Энсиклопедияи Покистон» дарёфтан мумкин аст: «Соли 1997 дар Покистон 5,5 ҳазор мадраса фаъолият мекард ва зиёда аз 200 ҳазор толибилм дарс мегирифт, ки дар 100 мадрасаи онҳо фанҳои низомӣ таълим дода мешуд» [7, 109].

Рӯзномаи «Ҳиндукуш» бо такя ба ҷаридаи покистонии «Нюс» менигорад, ки фақат дар як вилояти Панҷоб 2419 мадрасаи динӣ амал мекард, ки аз тарафи кишварҳои хориҷӣ кумаки моливу пулӣ мегирифт ва аз онҳо «928 мадраса (38%) таҳти назорати уламои «Девбандия»; 1216 (50%) зери ҳимояи мактаби барелвиҳо

(равияи муътадил дар байни суннимазҳабон, ки миёни ғайрипаштунҳои Покистон паҳн шудааст); 175 мадраса (7%) ба уламои бунёдгаро рабт дошт, ки аз рӯйи ҷаҳонбиниашон ба ваҳҳобиҳои саудӣ наздик, лекин комилан мутобиқ набуданд. Инҳо ваҳҳобиҳои ҳинду покистонии мактаби аҳли ҳадис ба шумор мерафтанд ва 100 мадрасаи дигар (4%) бошад, таҳти назорати ташкилотҳои шиамазҳаб қарор доштанд» [3, 76].

Ба ҳамин тариқ, ҳаракати «Девбандия» дар Ҳиндустон ташаккул ёфта, дар оғози қарни XX ба ҷамъияти афғонистонӣ таъсири калон расонд. Ғояҳои девбандия бо тасаввурот оид ба ваҳдати дин ва сиёсат дар Афғонистон амри зарурӣ гардида, ба воқеияти афғонии ҳамдастии қишри дунявӣ ва динӣ такя намуд. Мактаби анъанавии девбандӣ ба мустаҳкам намудани меъёрҳои маънавии патриархалӣ (куҳнагароӣ) даъват намуда, зидди дар як даста ҷамъ шудани қудрат ва сарват баромад мекард, ки бо руҳияи қисми зиёди диндорони қаторӣ созгор буд. Аксарияти ин қоидаҳоро ҳоло ҳам «Ҳаракати Толибон» барои ҷалби намояндагони қишри камбизоат, ки ҷӯёи «адолати иҷтимоӣ» ва ҷонибдори «исломи анъанавӣ» ҳастанд, истифода мекунад.

Бояд зикр намуд, ки низоми Аморати исломие, ки «Ҳаракати Толибон» қабул кардааст, баргирифта аз андешапардозии ҷараёни девбандии Ҳиндустон бо номи «Ҷамъият-ул-уламои Ҳинд»-и Абукаломи Озод аст. Маҳз ҳамин шахс аввалин бор чунин модели «хилофат» -ро дар шакли Аморати исломӣ пешниҳод намуд ва ҳизби «Ҷамъият-ул-уламои ислом»-и Покистон, ки ҳомии «Ҳаракати Толибон» аст, аз «Ҷамъият-ул-уламои Ҳинд» ҷудо шуд. Бо назардошти он, ки Мавлоно Муҳаммад Илёс Канделавӣ яке аз идеолог ва мубаллиғи мактаби «Девбандия» буд, «Ҷамоати Таблиғ» маҳз дар заминаи идеологияи ин мактаб пайдо ва ташаккул ёфтааст.

Тарафдорони мактаби девбандӣ дар Покистон ҳизби парлумони сиёсии худро бо номи «Ҷамоати уламои ислом» созмон доданд. «Ҷамоати уламои ислом», ки соли 1948 ташкил гардидааст, ҳамчун анъана дар байни паштунҳои покистонии шимолу ғарб дастгирӣ меёбад. Қисми зиёди мадрасаҳои Покистон, ки аъзо ва пайравони «Ҳаракати Толибон» дар он таълим гирифта буданд, аз тарафи Арабистони Саудӣ ва дигар кишварҳои Халиҷи Форс маблағгузорӣ карда мешуданд. Арабистони Саудӣ мадрасаҳои динӣ ва мактаб-мадрасаҳои зиёдро дар Покистон созмон дод, ки миқдори онҳо имрӯз дар ин давлат ба ҳазорҳо расида, дар он садҳо ҳазор ҷавонони паштунзабон

таҳсили идеологияи динӣ мегиранд: «То миёнаҳои соли 2001 дар мактабҳои покистонӣ, ки девбандиҳо таҳти назорат гирифта буданд, на камтар аз 1 миллион нафар таҳсил кардаанд» [1, 211].

Мактабҳои Покистон аз тарафи роҳбари «Иттиҳоди исломии озодии Афғонистон» Абдулраб Расул Сайёф ташкил карда шуданд ва худи ӯ хатмкардаи Донишгоҳи исломии «ал-Аҳзар»-и Қоҳира буда, тарафдори равияи ваҳҳобия аст. Толибон, бешубҳа, бояд, ки таҳти тасъсири ин равия бошанд ва он расман идеологияи давлати Арабистони Саудӣ мебошад: «Он уламо бисёр фаъол буданд ва кӯшиш мекарданд, ки ба самти «Девбандия» дар ислом қатъият, радикалӣ будан ва тақвияти ваҳҳобидоштаро ба назар намоён намоянд» [4, 22].

Бори дигар таъкид мегардад, ки «Ҳаракати Толибон» – ҳаракати исломии сиёсӣ-низомии Афғонистон мебошад. Аъзои ин ҳаракатро асосан, паштуҳои Қандаҳор ташкил медиҳанд. Онҳоро бо сабаби он толиб номгузорӣ кардаанд, ки дар сафи ин ҳаракат хонандагони мадрасаю донишгоҳҳои исломӣ шомил буданд ва ҷавҳари ин ҳаракатро толибилмон ва собиқ хатмкардагони мадрасаҳову донишгоҳҳои исломӣ ташкил медоданд. Маҳз аз ҳисоби онҳо соли 1994 ҳамчун ҳаракати террористӣ дар Афғонистон ташкил карда шуд. «Ин мадрасаҳо дар кишвари Покистон (Кветта, Пешовар) арзи вуҷуд намуданд ва кӯдаконе, ки дар ҷанг ятим мондаанд, шомили ин мактабҳои динӣ мешуданд. Ин мадрасаҳо аз тарафи Арабистони Саудӣ, разведкаи Покистон ва Раёсати разведкаи Марказии ИМА маблағгузорӣ карда мешуданд» [2 130].

Пайравии толибҳо ба мактаби динии «Девбандия», ки ба равияи суннӣ мутааллиқ мебошад, маънои тобеияти давлатро ба фармудаҳои рӯҳониёни бонуфуз дорад. Анъанаи мудохила намудан ба сиёсат аз ҷониби рӯҳоният на танҳо дар Афғонистон, балки дар минтақаи паҳновари Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ, ки хоси мазҳаби маҳаллии ҳанафӣ аст, мавҷуд буда, он зери таъсири қавии сохторҳои сӯфия, алалхусус тариқати «нақшбандия», қарор дорад. Оид ба ин мавзуъ, нависанда ва рӯзноманигори покистонӣ Аҳмад Рашид таъкид мекунад, ки андешаи девбандӣ замоне барои ислоҳи ҷомеаи исломӣ ба вуҷуд омада буд, аммо вақте дар қомати толибон даромад, яке аз хашинтарин чеҳраҳои худро ба намоиш гузошт.

Дар ин росто, сазовори таъкид аст, ки баъди таъсисёбии Ҷумҳурии Исломии Покистон соли 1947 мадрасаҳои «Девбандия» дар ин кишвар бо суръати баланде ташкил ва паҳн шуданд. Девбандиҳо

«Ҷамоати уламои ислом»-ро ташкил карданд, ки ҳаракати динӣ буда, мақсад аз он таблиғоти ақидаҳо ва сафарбарии ҷамоати диндорон маҳсуб меёфт. Соли 1962 роҳбари «Ҷамоати уламои ислом» Мавлавӣ Ғулом Ғиёс Ҳазоравӣ дар шимолу ғарби вилоятҳои сарҳадӣ ҷамоатро ба ҳизби сиёсӣ табдил дод, ки баъдан он ба якчанд гурӯҳҳо тақсим шуд. Мавлавӣ Муфтӣ Маҳмуд гурӯҳи паштунии «Ҷамоати уламои ислом»-ро дар шимолу ғарби вилоятҳои сарҳадӣ роҳбарӣ менамуд ва онро дар рӯҳияи оммафаҳм тағйир дод. «Ҷамоати уламои ислом» таҳти роҳбарии Маҳмуд нақши муҳимро дар интихоботи соли 1970 бозид, зеро интихобкунандагонро бар зидди режими низомӣ бархезонд. Маҳмуд барномаи исломиеро иншо намуд, ки аз 22 банд иборат буда, талаботи дигаргуниҳои пешқадамро дар ҷомеа бо талаботи зиддиамерикоӣ ва зиддиимпериализм пайваст намуд. «Ҷамоати уламои ислом» дар давраи маъракаи пешазинтихоботӣ бо «Ҷамоати исломӣ» низоъ кард ва дар байни ду ҳизби исломӣ ихтилоф ба вуҷуд омад [10, 46].

Илоҳиётшиносони девбандии покистонӣ ҳизби «Ҷамоати уламои ислом»-и худашонро доштанд, ки солҳои 1980-ум ба ду гурӯҳ – Фазл-ур-Раҳмон ва Самеъ-ул-Ҳақ ҷудо шуданд. Гурӯҳи якум бештар мавқеи иштироки расмии парлумониро дар муборизаи сиёсӣ ишғол мекард, гурӯҳи дуюм, ки бештар мавқеи канорӣ ғоявӣ дошт, ба корҳои тарбиявӣ ва маърифатпарварӣ-тарғиботӣ майл дошт. Маҳз, зери таъсири Самеъ-ул-Ҳақ ва дигар фақеҳону воизони наздики ӯ дар асоси ақидаҳои пуштунҳои Покистон ва Афғонистон, назарҳои ҷаҳонбинӣ, динӣ ва сиёсии қисми асосии ҷанговарони ҷавон ва роҳбарони «Ҳаракати Толибон» ташаккул ёфт.

«Девбандия» дар тӯли таърихи на чандон тулонии худ дар таъсиси «Ҳаракати Толибон» нақшофаринии бештар дошта, мавқеи хешро густариш бахшидааст. Аз ҷумла, моҳи сентябри соли 1998 собиқ Вазири корҳои дохилии Покистон Насирулло Бобур иқрор шуд, ки дар вақти дар ин вазифа буданаш, дар соли 1994 ӯ шахсан ба ташкили гурӯҳи толибҳо ва омодагии ҳарбии онҳо машғул шудааст.

Оид ба идеологияи толибон дар маҷмуаи ««Толибон: аз мадраса то ҳукумат» қайд шудааст, ки толибон-эътиқодманди аҳли суннат (аҳли суннат ва ҷамоат ҳастанд, яъне одамони мувофиқи суннат), пайрави мактаби девбандӣ буда, асоси таълимоти онро шинохтани чор далел ва ё шинохтани чор роҳбарони мазҳабҳо» [6, 99], ташкил медиҳанд. Яъне, шинохтани принсипҳои баробарӣ ва қонунҳои чор мазҳаби суннӣ (ақоиди ҳуқуқӣ-

динӣ)–ақоиди шариатӣ–ҳанафӣ, моликӣ, шофеъӣ ва ҳанбалӣ [11, 250].

Таблиғгарони «Ҳаракати Толибон» кӯшиш мекунанд, ки толибонро ҳамчун мусулмонони асил нишон диҳанд, ки ҳар чор тавсифи қонунинии исломи сунниро эътироф менамоянд, ки ин мақсади муайяне дошт: якум, исбот намоянд, ки онҳо радикалисти динӣ нестанд, ба монанди аъзои ташкилоти бунёдгароёнаи «Тариқаи Муҳаммад», ки дар асри XIX дар Ҳиндустон паҳн шуда буд ва аз чор мазҳаби суннӣ ягонтаашро қабул накарда буд; дуюм, дар навбати аввал аҳолии паштунро бовар кунонанд, ки толибҳо давомдиҳандагони бошарафи ақидаҳои динӣ ва анъанаҳои паштунҳои асил мебошанд, ба монанди шоири машҳури пашту, ҷанговар, пешвои қабилаи ҳаттакиҳо ва роҳбари низомии асри XVIII Хушҳолхон Ҳаттак, ки ҳар чор мазҳаби сунниро эътироф кардааст.

Бо вуҷуди ҳамаи ин, ақидаҳои девбандиҳо оид ба дин ва идеологияи толибҳо таъсири аввалиндараҷа гузоштааст. Дар солҳои 80-ум сиёсати афғонии Покистон бо кумаки «Ҷамоати исломӣ» ва «Ҳизби исломии Афғонистон» (роҳбараш Гулбиддин Ҳикматёр) муайян карда мешуд, ки рақибони асосии «Ҷамоати уламои ислом» дар Покистон буданд. Алоқаи хадамоти махсуси Покистон (Раёсати разведкаи байниидоравӣ) бо «Ҷамоати исломӣ» ҳамчун воситаи муҳим дар тақсимоти кумак байни муҷоҳидон хизмат мекард. Аммо, дар ниҳояти кор, эҳтимолан ҳамаи мадрасаҳои «афғонӣ»-ро тақдири мактаби М.Н.Муҳаммадӣ интизор буд, зеро онҳо зуд ба таъсири мадрасаҳои «покистонӣ» афтида, ба анъанаҳои мактаби девбандӣ такя намуданд. Тасодуфӣ нест, ки маҳз анъанаҳои девбандӣ барои толибҳо ва ворисону дар як вақт рақибонашон–муҷоҳидон ҳукмрон шуданд.

Хотиррасон кардан лозим аст, ки роҳбарони маънавии толибон–уламои девбандӣ аз «Ҷамоати уламои ислом»-и Покистон дар коркарди принсипҳои асосии Конститутсияи Покистон таъсир гузошта буданд ва исрор карда, муваффақ шуданд, ки ин ҳуҷҷат аз мавқеи Қуръон асоснок карда шавад. Лекин онҳо натиҷаи қонеъкунанда ба таҳияи Конститутсия надоданд, зеро мақсадашон таҳияи Конститутсия набуда, ҳадаф идоракунӣ тибқи қоидаҳои шариатӣ буд.

Ҳамин тариқ, толибҳо давомдиҳандагони ҷиҳоди қисми муҷоҳидоне буданд, ки таҳти таъсири сахти мактаби девбандии расмии аз рӯйи решаҳои таърихиаш ҳиндуӣ ва покистонӣ аз рӯйи асосҳои динӣ-сиёсӣ дар марҳилаи баъди ҷанги дуюми

ҷаҳонӣ қарор гирифтаанд. Илова бар ин, таърихан чунин аст, ки онҳо шуҳрати зиёд ва мавқеи мустаҳкам дар шимолу ғарби минтақаи пуштунии Покистон доштанд.

Мустаҳкамии алоқа байни «Ҳаракати Толибон» ва баъзе девбандиҳои канории покистонӣ дар ғояи умумии онҳо арзёбӣ мегардад. Баъзе роҳбарони девбандиҳо аз ҳар ду тарафи сарҳад нажоди қавми дурронии пуштунӣ буданд, ки дар атрофи Қандаҳор ва Чамани Покистон зиндагӣ мекарданд. Расму оини девбандӣ иерархияи қавмӣ ва феодалиро эътироф намекард, аз ин ҷост, ки нобоварии толибҳо ба сарварони қавму гурӯҳ ё кланҳо, таъсири онҳоро пурра бартараф сохтанд. Ҳоло девбандиҳои покистонӣ хоҳиш доранд, ки дар Покистон инқилоби исломӣ, ба монанди толибҳо дар Афғонистон, анҷом диҳанд.

Оид ба идеологияи «Ҳаракати Толибон» сухан ронда, бояд ба эътибор гирифт, ки онҳо, яқинан, аз анъанаҳои девбандии илмӣ ва ислоҳотӣ дур мондаанд, зеро барои онҳо ҳамагуна шубҳа гуноҳ ва дилхоҳ баҳс бидъат аст. Аммо, бо пайравӣ аз ин, онҳо модели нави канорӣ ва ба ҳамаи давлатҳои минтақа таҳдидкунандаи инқилоби исломиро ба миён оварданд. Толибҳо бо қатъият мухолифи навоварӣ ҳастанд ва заррае хоҳиши қабули идеяҳои пешрафт ва рушди иқтисодиро надоранд. Хатари ҷиддитарин, ки маҳз ҳамин «қонун» ислом ва мусулмононро дар ҷаҳон бадному бадбахт кардааст.

Қобили тазаккур аст, ки як нишонаи тафаккури девбандӣ, ки ба андешаи «Ҳаракати Толибон» мувофиқат мекунад, мухолифат ба баргузории ҳамагуна интихобот мебошад, зеро интихобот, аз назари онҳо, як тақлиди ғайриисломӣ мебошад. Уламои девбандӣ чунин боваре доранд, ки низоми ҷумҳурӣ ҳеҷ рабте ба дин надошта, зарурияти роҳандозии низоми секулярӣ аст. Онҳо муътақиданд, ки ҷумҳурият ба аксарияти оро мақоми худоӣ дода аст ва ҳеҷ гуна тасмим ва ҳукми он рад намешавад ва ҳақ бар ҷониби аксарияти оро мебошад. Эътиқоди онҳо ба ин аст, ки райъи аксарияти мардуми авом дар низоми мавҷуда ҳаргиз наметавонад, меъёр қарор гирад ва чунин мешуморанд, ки авом аксаран камсавод ё бесаводу ноогоҳ мебошад.

Ҳамзамон, девбандия ҳатто нақши занонро маҳдуд намуда, ҳама гуна шакли табақабандиро дар ҷамоати мусулмонӣ ва шиизмро инкор мекунад, лекин Толибон ҳамаи инро дар шаклҳои ифротӣ амалӣ карданд, ки девбандиҳои ибтидоӣ ба он розӣ намешуданд. Рафтори золимона ва сахтгиронаи онҳо бо занон ва дидгоҳи онҳо оид ба нақши иҷтимоӣ ва тарбиявии зан дар

ҷомеа реша дар ҳамин рӯҳи салафигарии девбандии онҳо дорад, ки ба заруроти зиндагии имрӯза тамоман бегона аст.

Тавре ки маълум аст, дар замони худ «Девбандия» чунин мақсад гузошта буд, ки насли нави мусулмонони босаводу бомаърифат омода кунад, дар такя ба донишҳои илмӣ, таҷрибаи маънавӣ, қонунҳои шариатию тариқати суфизм ва бо ин роҳ муқаддасоти исломро аз нав эҳё намояд. Муҳассилинро тафсири шариат омӯзонда, ин мактаб кӯшиш мекард, ки матнҳои классикиро бо ҳаёти муосир мутобиқ намояд. Аммо «Ҳаракати Толибон» хоҳони бозгашт ба асри қабл аз таҷаддуд ва тафсири сахтгирона аз мафҳумҳои динӣ дар умури иҷтимоӣ мебошад.

Ҳамин тариқ, мубориза сиёсии «Ҳаракати Толибон» чун ҳаракати тундраву ифротгаро омили нахустини бухрон ва муташанниҷ шудани вазъи ҳаёти сиёсиву иҷтимоӣ дар Афғонистон маҳсуб мешавад. Ин омил торафт шиддат гирифта истода, дар замони муосир яке аз монеаҳои асосии пешрафти кишварҳои исломӣ ба шумор меравад. «Фаҳмидани заминаҳои идеологии толибизм имкон медиҳанд, хусусиятҳои бунёдгароии онҳоро донем, ки на танҳо бозгашт ба исломи ибтидоӣ, балки бозгашт ба вазъияти Афғонистон дар солҳои 1930-40 дар назар дошта мешавад, ки он вақт ҳукмронии олимони динӣ ба нуқтаи олӣ расида буд. Дар ҳалли масъалаҳои динӣ нуқтаи назари онҳо чӣ дар ҳокимияти қонунгузорӣ, чи дар ҳокимияти иҷроия нақши ҳалкунанда мебозид. Дар ихтиёри онҳо судяҳо ва мактабҳо буданд, онҳо аз болои ҳаёти шахсӣ, ҷамъиятӣ ва риояи урфу одат, анъанаҳои аҳолӣ назорат мекарданд» [5 95].

Ба ҳамин тариқ, таъсири бевоситаи девбандияро ба «Ҳаракати Толибон» ба таври мухтасар мавриди баррасӣ қарор дода, масъалаи асосии мавриди назар – нақши онро дар ташаккули толибизм муайян кардан имкон дорад. Таърих нишон медиҳад, ки бо мақсади зиёд кардани шумораи пайравони «Ҳаракати Толибон» фаъолияти васеи он дар асоси идеологияи девбандия ба роҳ монда шуда ва дар давраи ташаккулёбии ин ҳаракат бо истифода аз идеологияи динӣ, кӯдакони зиёди паштунзабон ба он ҷалб гардиданд. Дар шаҳру навоҳии мусулмоннишини Ҳиндустон мактабу мадрасаҳои исломӣ таъсис ёфта, дар онҳо, дар баробари таълим ва тарбияи динӣ, инчунин омӯзиши силоҳи оташфишон ва истифодаи он, омӯзонда ба роҳ монда шуда буд, ки ҳамаи онҳо дар оянда тарбиятгоҳи кадрҳои «Ҳаракати Толибон» гардиданд. Инчунин, собит мегардад, ки «Ҳаракати Толибон» тафсирҳои иртиҷоии динро аз мактаби девбандия

гирифта, онро бо суннатҳои қабилавӣ омехта намуд.

Омӯзиши масъала инчунин собит месозад, ки қисми зиёди мадрасаҳои девбандӣ дар ҷамоату деҳаҳо ва қароргоҳҳои гурезагони қавми пуштунҳо ташкил карда шуда буданд. Устувории алоқаи онҳо бо баъзе девбандиҳои канории покистонӣ дар ғояи умумии онҳо арзёбӣ мегардад. «Ҳаракати Толибон», ки дар замини андешаи девбандия ба вуҷуд омадааст, маданияти башариро ба таври мутлақ рад мекунад ва як мухолифати таассубомез нисбат ба навовариҳои фарҳангӣ дорад. Дар баробари ин, толибҳо давомдиҳандагони ҷиҳоди қисми муҷоҳидоне буданд, ки таҳти таъсири девбандия ташаккул ёфта буданд.

Таҳлилҳо инчунин нишон медиҳанд, ки муҳимтарин асл дар андешаи сиёсии девбандия ва дигар гурӯҳҳои бунёдгаро, аз ҷумла «Ҳаракати Толибон» эҳёи асли Хилофат дар низоми сиёсии ислом ё баргашт ба низоми сиёсии даврони ибтидоии ислом аст. Ҳаракати мазкур имрӯз тавассути такмили идеологияи худ мақсад, ҳудуди ҷуғрофӣ ва иҷтимоии худро густариш дода, аз тариқи интиқоли фаъолияти таблиғотӣ дар кишвар ва манотиқи дигар боз ҳам талош дорад, то ин ки сатҳи таъсирбахшии идеяҳои худро ба оммаи васеи мардум боз ҳам афзунтар намояд.

**АДАБИЁТ:**


**I. Ба забони тоҷикӣ ва русӣ:**

1. Джованни Бенси. Откуда взялись талибы // Независимая газета, 19.06. 2002.
2. Ежов Г.П. Афганистан. История, экономика, культура. – Москва, 1989.
3. Милославский Г.М. Ваххабизм в идеологии и политике мусульманских стран в кн: Ислам и политика. – М.,2001.
4. Паёми Ниҳоди байналмилалии занони Афғонистон, № 44, сентябри 1996.
5. Питер Марсден. Талибан. Война и религия в Афганистане. – М., 2002.
6. Талибан: из медресе к власти (Толибон: аз мадраса то хукумат). – Вашингтон, ноябрь 1995.
7. Энциклопедия Пакистана. Отв.ред. Ю.В.Ганковский. – Москва, 1998.
8. Ятимов С.С. Идеология ва манфиати миллӣ. – Душанбе: Ганҷ нашриёт, 2015. – 192 с.

**II. Ба забони англисӣ:**

9. Metcalf B.D. Islamic Revival in British India: Deoband, 1860-1900.
10. Shafqat, Saeed, Civil Military Relations in Pakistan. From Z.A. Bhutto to Benazir Bhutto. – Westview Press, 1998.
11. The Concise Encyclopedia of Islam. – L.,1989.

# ТАЪМИНИ АМНИЯТИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН: НАЗАРИ ГЕОПОЛИТИКӢ

# ОБЕСПЕЧЕНИЕ НАЦИОНАЛЬНОЙ БЕЗОПАСНОСТИ ТАДЖИКИСТАНА: ГЕОПОЛИТИЧЕСКИЙ ВЗГЛЯД

# ENSURING THE NATIONAL SECURITY OF TAJIKISTAN: A GEOPOLITICAL VIEW

**Асламов Б.С.**

**Aslamov B.S.**

*Ходими калони илмии шуъбаи адъюнктураи Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон*

*Старший научный сотрудник отдела адъюнктуры Академии МВД Республики Таджикистан*

*Senior researcher of the adjunct department of the Academy of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan*

**Ташрифзода Ф.К .**

**Tashrifzoda F.Q**.

*Муаллими калони кафедраи фанҳои ҷамъиятии факултети №2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон*

*Старший преподаватель кафедры общественных дисциплин факультета №2 Академии МВД Республики Таджикистан*

*Senior Lecturer of the Department of Social Disciplines of Faculty No. 2 of the Academy of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan*

**Аннотатсия**: Дар мақола сухан дар бораи ташаккули афкори амнияти миллии Тоҷикистон аз нигоҳи таърихӣ ва геополитикӣ рафта, муаллифон дар асоси адабиёти илмӣ мавзуъро тадқиқ намуда, сиёсати хориҷии Тоҷикистонро дар шароити муосир бо назардошти манфиатҳои миллӣ баён намудаанд.

**Калидвожаҳо:** амният, геополитика, манфати миллӣ, ғоя (идея), панисломия, пантуркия, истиқлолият, мавқеи геополитикӣ, консепсия.

**Аннотация:** В статье речь идет о формировании национальной безопасности Таджикистана с исторической и геополитической точек зрения. Авторы на основе научной литературы исследовали эту тему и изложили внешнюю политику Таджикистана в современных условиях с учетом национальных интересов.

**Ключевые слова:** безопасность, геополитика, национальный интирес, идея, панисламизм, пантюркизм, независимость, геополитическая позиция, концепция.

**Annotation:** The article deals with the formation of Tajikistan's national security from a historical and geopolitical point of view. The authors examine this topic on the basis of scientific literature and stated foreign Tajik policy in modern conditions, taking into account national interests.

**Keywords:** security, geopolitics, national intires, idea, pan-Islamism, pan-Turkism, independence, geopolitical position, conception.

Амнияти миллӣ ҷузъи ҷудонопазири сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад. Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният» (аз 15.03.2016, № 1283) чунин омадааст: «Амнияти миллӣ ҳолати муҳофизатии манфиатҳои ҳаётан муҳимми кишвар аз таҳдидҳои воқеӣ ва эҳтимолии дохилию берунӣ маҳсуб меёбад. Мафҳуми амнияти миллӣ ба мафҳуми манфиатҳои миллӣ вобастагии зич дорад. Манфиатҳои миллӣ – маҷмуи эҳтиёҷоти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва эҳтиёҷоти дигари Ҷумҳурии Тоҷикистон аст, ки аз амалишавии онҳо қобилияти давлат дар таъмини ҳифзи ҳуқуқҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд, арзишҳои ҷамъият ва ниҳодҳои асосии давлатдорӣ вобаста мебошад» [1,1].

Дар моддаи 43 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст: «Ҳифзи Ватан, ҳимояи манфиатҳои давлат, таҳкими истиқлолият, амният ва иқтидори мудофиавии он вазифаи муқаддаси шаҳрванд аст. Тартиби хизмати ҳарбиро қонун муайян мекунад» [2, 22].

Вақте ки сухан дар бораи ҷанбаи геополитикии амнияти миллӣ меравад, мо бояд донем, ки он меҳвари сиёсати дохилӣ ва берунии ҳар як кишвари мустақилро ифода менамояд. Ҳеҷ як давлат дар танҳоӣ ва бидуни муносибатҳои муштараки минтақавӣ ва байналмилалӣ арзи ҳастӣ карда наметавонад. Дар баробари воридшавӣ ба арсаи муносибатҳои байналмилалӣ давлатҳо кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки манфиатҳои миллии хешро ҳамеша ҳифз намоянд.

Мафҳуми «манфиати миллӣ» бори аввал соли 1935 аз ҷониби олимони америкоӣ Р.Нибур ва Ч. Бирду ба илм ворид гардид, вале классики он сиёсатшиноси амрикоӣ Г. Моргентау (1904-1980) маҳсуб меёбад. Ӯ ба афкори файласуфони Ғарб Ф. Нитсше, Н.Макиавелли, Т.Гоббс шиносоӣ пайдо намуда, принсипи реализми сиёсии худро пешниҳод намудааст, ки ҷузъи ҷудонопазири онро муносибатҳои байналхалқӣ ва

манфиатҳои миллӣ ташкил медиҳанд.

«Принсипҳои асосии манфиатҳои миллӣ аз нигоҳи Г.Моргентау инҳоянд:

1) манфиат категорияи объективӣ буда, аз қувва иборат аст;

2) манфиатҳои миллӣ сиёсатро муайян мекунанд;

3) манфиатҳои миллӣ аз ҳолат, вақт, замон ва шароит вобастагӣ доранд [3, 13].

Манфиати миллӣ – ин қобилияти дарк намудани талаботи ҳаётан муҳимми ҷомеа, давлат ва сарварони сиёсии он мебошад. Манфиати миллӣ дар натиҷаи густариш ёфтани муносибатҳои иқтисодӣ, сиёсӣ-ҳуқуқӣ, ҳарбӣ, молиявӣ ва илмӣ-техникӣ метавонад нуфузи геополитикии давлатро афзун гардонад.

Мафҳуми «амният» яке аз объектҳои асосии тадқиқот дар соҳаи рушди устувор ба ҳисоб рафта, гарчанде ки ба категорияи фалсафӣ дохил нашавад ҳам, аз рӯйи мавқеи худ мафҳуми хусусияти илмидошта буда, кӯшиши равшан намудани мафҳуми умумиилмиро дорад. Зери мафҳуми амният – тарзи махсуси ҳастии ин ё он объект фаҳмида мешавад, ки хусусияти системавӣ, таркибӣ дошта, хислати асосии миқдориро дар система ҳангоми таъсири манфӣ расондан ба дигар равандҳо ва ашё доро аст», – менависад профессор Нечаев Д.Ю. [4,470-471].

Чӣ тавре ки маълум намудем, амният ин мавҷудияти ҳимояи қавӣ аз хатар ё ҳолате мебошад, ки ба он хатар таҳдид менамояд. Амният бо мафҳумҳои амнияти шахсӣ, ҷомеа ва давлат вобастагии зич дорад. Муҳаққиқон дараҷаҳои зерини амниятро муайян намуданд:

– амнияти маҳаллӣ;

– амнияти минтақавӣ;

– амнияти давлатӣ;

– амнияти байналмилалӣ.

Манфиатҳои миллӣ дар сатҳи давлатӣ ба вазъи геополитикии минтақа ва ҷаҳон, робитаҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ вобастагии зич доранд.

Геополитика – ин таълимот дар бораи арзиши сиёсӣ-стратегӣ аз рӯйи мавқеи географӣ буда, мақоми ин ё он давлат ва миллатро дар таърихи хеш амалӣ менамояд. Новобаста аз таърихи чандинҳазорсолаи тоҷикон, мавҷудияти давлати бузурги Сомониён, давлатҳои қадимаи Суғд, Бохтар, Хоразм, доираҳои геополитикии давлатҳои хориҷии манфиатдор ҳамеша кӯшиш менамуданд, ки бар зидди ташаккули давлатдории миллии тоҷикон дар қаламрави Осиёи Марказӣ баромад намоянд. Ин раванд дар марҳилаи азхудкунии Осиёи Марказӣ аз ҷониби Империяи Британияи Кабир ва Империяи Россия нимаи 2-юми асри XIX оғоз ёфт. Дар ниҳоят

Осиёи Марказиро Империяи Россия тасарруф намуда, генерал-губернатории Туркистонро таъсис дод. Яъне, мавҷудияти геополитикии тоҷикон ҳамчун нажоди ориёӣ ба назари эътибор гирифта нашуд. Ин имкониятро ба вуҷуд овард, ки дар солҳои 20-30-юми асри XX ҷараёни пантуркия ба муқобили ташкили давлати миллии тоҷикон рӯйирост баромад намояд. Махсусан, муборизаҳои сиёсӣ аз ҷониби Россия, Туркия ва Британияи Кабир ба марҳилаи нав гузаштанд. Бо таъсири доираҳои болшевикии Россия, 1-уми сентябри соли 1920 дар маркази тоҷикнишини Бухоро Инқилоби халқӣ ғалаба кард. Дар ин инқилоб аскарон ва генералҳои рус мавқеи муҳим бозиданд. 14-уми сентябри соли 1920 Кумитаи инқилобӣ ва Шӯрои комиссарони халқии Бухоро таъсис ёфт. 6-8-уми сентябри соли 1920 Анҷумани якуми умумибухороӣ Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Бухороро эълон намуд. Мутаассифона, дар сохтори идоракунии он қавмҳои туркӣ бо идеяҳои пантуркистӣ афзалият доштанд. Моҳи апрели соли 1917 миллатчиёни буржузии турктабор Анҷумани мусулмонони Туркистонро гузаронида, дар байни аҳолӣ ғояҳо панисломия ва пантуркизмро тарғиб менамуданд, худро ҷадид номида, дар асл мехостанд, ки сохти куҳнаи феодалиро барқарор нигоҳ доранд. «Пешвоёни ҷадидҳо – М. Беҳбудӣ, Мунавварқорӣ Абдурашидов, Абдурауф Фитрат ба тарғибу ташвиқи ғояҳои пантуркизм аҳамияти махсус дода, бо ҳамин роҳ байни меҳнаткашони маҳаллӣ ва камбағалони рус низоъ меандохтанд. Дар ин кор «Тӯрон» ном гурӯҳи буржуазии маҳаллӣ, ки баъдтар ба Ташкилоти федералистони турк («Турка адам марказият») табдил ёфт, мақом намоён дошт», – менависад Б.Ғафуров [5,271]. Такя ба мавқеи афкори илмии С.Ятимов «идеяҳо, дар умум ҳеҷ коре карда наметавонанд. Барои роҳандозӣ кардани идеяҳо одамон лозиманд, ки ин қувваи амалиро истифода баранд» [6,30]. Соли 1924 аз ҷониби комиссияи ҳизби болшевикии ВКП (б) бар хилофи манфиатҳои миллии тоҷикон, тақсимоти миллӣ-ҳудудӣ гузаронида шуд. Мутаассифона, худи роҳбарони тоҷик низ ба идеяи пантуркия гаравида буданд. Онҳо зидди таъсиси Ҷумҳурии Шӯравӣ-Сотсиалистии Тоҷикистон баромад мекарданд. Дар ибтидои асри XXI шумораи умумии тоҷикон дар қаламрави Осиёи Марказӣ 1 миллиону 890 ҳазорро ташкил медод. Чӣ тавре ки рақамҳо нишон медиҳанд, новобаста аз раванди ассимилатсияи халқу миллатҳо, шумораи тоҷикон аз дигар халқҳои туркзабони Осиёи Марказӣ дар ин давра зиёдтар буд. Олимони маъруфи сатҳи ҷаҳонӣ Е.Э. Бертелс, И.С. Брагинский, В.В.Бартолд, С.Айнӣ, А.Лоҳутӣ

таърих, адабиёт ва фарҳанги тоҷиконро ба тамоми ҷаҳониён муаррифӣ намуда, асарҳои калонҳаҷмро дар мавзуъҳои гуногуни илмӣ-бадеӣ таълиф намуданд. «Мутаассифона, бо тасдиқи Ҳокимияти Шӯроҳо тоҷикон амалан ба ҳайати халқҳои асосии Осиёи Миёна ворид карда нашуданд» менависад Р.Масов [7,53]. Ниҳоят 14-уми октябри соли 1924 Ҷумҳурии Мухтори Шӯравӣ-Сотсиалистии Тоҷикистон дар ҳайати ҶШС Ӯзбекистон таъсис ёфт. 2-юми январи соли 1925 ВМКБ дар ҳайати ҶМШС Тоҷикистон таъсис ёфт. 15-19-уми октябри соли 1929 Анҷумани 3-юми умумитоҷикии Шӯроҳо Эъломияро дар бораи табдили ҶМШС Тоҷикистон ба ҶШС Тоҷикистон қабул намуд. Барои таъсиси Ҷумҳурии худмухтор ва ҶШС Тоҷикистон дар пасманзари он бозиҳои геополитикии давлатҳои манфиатдор дар Осиёи Марказӣ тарҳрезӣ гардида буд. Давлатҳои манфиатдор Россия, Британияи Кабир ва Туркия буданд. Бахусус, дар нимаи 2-юми асри XIX ҷараёни пантуркия зидди давлати миллии тоҷикон дар Осиёи Марказӣ пайдо гардида буд. Пантуркистон, ки онҳоро Туркия пуштибонӣ мекард, мақсад доштанд, ки Иттиҳоди ягонаи давлатҳои туркиро дар Осиёи Марказӣ, бе назардошти манфиатҳои тоҷикон, созмон диҳанд. Дар навбати худ, Британияи Кабир аз васеъшавии Артиши сурх дар қаламрави Осиёи Марказӣ ва ғалабаи Инқилоби халқии Бухоро (1-уми сентябри соли 1920) норозигӣ баён менамуданд. Британияи Кабир чунин мешуморид, ки нуфузи Россия метавонад дар давлатҳои Шарқ, аз ҷумла Афғонистону Эрон зиёд гардад. 8-майи соли 1923 вазири корҳои дохилии Британияи Кабир Н.Керзон ба ҳокимияти Шӯравӣ нотаи эътирозӣ пешниҳод менамояд, ки бо номи «Ултиматуми Керзон» дар таърих маълум аст. Дар матни нотаи эътирозӣ чунин омада буд, ки Британияи Кабир сиёсати пешгирифтаи Россияро дар Шарқ маҳкум намуда, эътироз баён мекунад. Таъсири нотаи эътирозӣ дар Осиёи Марказӣ чандон ба назар нарасид. Баръакс, 5-уми декабри соли 1929 ҶШС Тоҷикистон ба ҳайати ИҶШС дохил шуд. Аз соли 1929 то соли 1991 ҶШС Тоҷикистон дар ҳайати ИҶШС боқӣ монд. Дар давраи мавҷудияти давлати Шӯравӣ Тоҷикистон ягона кишвари дорои тамаддуни ориёӣ буд, ки роҳбарияти Шӯравӣ муносибатро бо давлатҳои Афғонистон, Эрон, Ҳиндустон, Покистон тавассути он амалӣ мегардонданд. Худи Тоҷикистон дар ин давра сиёсати берунии худро мустақилона пеш бурда наметавонист. Баъди ба даст овардани Истиқлол (9-уми сентябри соли 1991), вазъияти

геополитикии минтақа ва ҷаҳон тағйир ёфт. Тоҷикистон дар ҳайати ИДМ чун давлати соҳибихтиёр шомил гашт. Акнун таваҷҷуҳи на танҳо Россия, Британия, Туркия, балки таваҷҷуҳи дигар давлатҳо, аз қабили ИМА, Иттиҳоди Аврупо, кишварҳои арабӣ, Чин, Покистон, Эрон, Афғонистон ба Осиёи Марказӣ, алалхусус ба Тоҷикистон, афзуд.

«То давраи пошхӯрии ИҶШС ва воқеаҳои фоҷиаовари Тоҷикистон дар миёнаи солҳои 1970 дар марказҳои таҳлилии давлатҳои Ғарб ва кишварҳои мусулмонӣ барномаи муштараки шикасти сохти коммунистӣ дар ҷумҳуриҳои мусулмоннишини Иттиҳоди Шӯравӣ тарҳрезӣ гардида буд» – менависанд, Назаршоев Н.М ва Бониёзов И.Х [8,514].

Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар ҳамсоягӣ ва ҳаммарзӣ бо Афғонистон қарор дошт, дар натиҷаи таъсири сиёсати яккатози бозсозӣ ва ошкорбаёнии М.С. Горбачёв (1985-1991) ба гирдоби ҳаракатҳои тундгаройӣ-ифротӣ зери ниқоби «Демократия» гирифтор шуд. Ҳанӯз моҳи ноябри соли 1990 Президенти ИҶШС М.С. Горбачёв дар маҷлис ба роҳбарони ҷумҳуриҳои иттифоқӣ барномаи аз бухрон баровардани мамлакатро, ки аз ҳашт қисм иборат буд, пешниҳод намуд, вале ин барномаи таъҷилӣ натавонист интизомро дар мамлакат мустаҳкам намуда, фазои иқтисодиро муътадил гардонад. Раиси Шӯрои Вазирони ИҶШС В.С.Павлов моҳи апрели соли 1991 дар назди вакилони халқ суханронӣ намуда, қайд кард, ки дар мамлакат вазъияти ҳалокатовари иқтисодӣ ба амал омадааст. Пеш аз ҳама, вайрон шудани робитаҳои иқтисодии байни ҷумҳуриҳои иттифоқӣ ба пош хӯрдани ИҶШС бевосита таъсир расонда истодааст. Аз ҷумла, аз буҷети ҷумҳуриҳои иттифоқӣ 40 дарсади маблағҳоро нагирифта, сатҳи истеҳсолии мамлакат дар як сол 5 фоиз ва даромади миллӣ то 10 дарсад кам шудаанд. Сабаби дигари пош хӯрдани ИҶШС ба ҳалли муаммоҳои муносибатҳои миллии солҳои 80-ум ва 90-ум робита дорад. Дар ин солҳо ИҶШС 15 ҷумҳурии иттифоқӣ, аз ҷумла Тоҷикистонро дар бар гирифта, дар якҷоягӣ 270 миллион аҳолӣ дошт ва дар миқёси байналмилалӣ яке аз давлатҳои сермиллат ба ҳисоб мерафт. Дар ИҶШС зиёда аз сад миллату халқият зиндагӣ мекарданд. Дар Иттиҳоди Шӯравӣ масъалаи миллӣ ҳалли дурусти худро ёфта бошад ҳам, иҷро нагардидани нақшаҳои ислоҳоти иқтисодӣ, иҷтимоӣ, тадбирҳои экологӣ ва дар рафти ошкорбаёнӣ афзудани баъзе муаммоҳо ба тезутунд гардидани муносибатҳои миллӣ оварда расониданд. Дар миқёси ИҶШС масъалаҳои бахсталаби ҳудудӣ ба амал

омаданд, вале Давлати Шӯравӣ аз уҳдаи ҳалли ин мушкилиҳо баромада натавонист. Ба ин воқеаҳои нохуше, ки дар Вилояти Мухтори Қаробоғи Кӯҳии Ҷумҳурии Озарбойҷон рух доданд, мисол шуда метавонанд. Ҳанӯз моҳи октябри соли 1987 арманиҳои ин вилоят, ки аксари аҳолии минтақаро ташкил медоданд, талаб намуданд, ки Қаробоғи Кӯҳӣ ба Ҷумҳурии Арманистон ҳамроҳ карда шавад. Оид ба ин масъала дар ҳудуди Арманистон ва Озарбойҷон гирдиҳамоиҳо ва дар Қаробоғи Кӯҳӣ задухӯрдҳои ҳарбӣ ба амал омада, чандин нафар шахсон ҳалок ва маҷрӯҳ гаштанд. Соли 1988 дар байни Арманистон ва Озарбойҷон ҳатто задухӯрди ҳарбӣ рух дод. Ҳамин тавр, дар охири асри XX дар Иттиҳоди Шӯравӣ мушкилоти ҳудудӣ ва муайян намудани сарҳад дар байни ҷумҳуриҳои мамлакат ба миён омад. Ба ин масъалаи ҳудудӣ дар байни ноҳияи Исфараи Тоҷикистон ва ноҳияи Ботканди Қирғизистон низ мисол шуда метавонад.

Идеяи таҳмилии марказҳои таҳлилии давлатҳои хориҷа амалӣ шуда, ба Тоҷикистон дар намуди экспансияи идеологӣ ва аз байн бурдани давлат ва ҳувияти миллӣ ба ҳаракат даромад. Ба ҳаракатҳои тундгароии Тоҷикистон, ки худро «Иттиҳоди нерӯҳои демократӣ» меномиданд, дар асл ТЭТ Ҳизби наҳзати исломӣ (29 сентябри соли 2015 бо Қарори Суди олии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияташ қатъ гардидааст) аз хориҷа роҳбарӣ менамуд. Оқибати ин бозиҳои геополитикӣ ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ гашт, ки аз 5-уми майи соли 1992 то 27-уми июни соли 1997 идома ёфта, ба Тоҷикистони соҳибистиқлол зарари гарони моддӣ ва маънавӣ расонид, аз ҷумла як миллион тоҷикон фирорӣ гашта, 150 ҳазор ҳалок гардида 55 ҳазор кӯдакон ятим монданд, зарари иқтисодӣ ба 10 миллион доллари амрикоӣ расид. Хушбахтона, бо ибткори Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 27-июни соли 1997 ба чандин даври музокироти душвор бо мухолифин дар шаҳри Москва Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ ба имзо расид. Тоҷикистон ба марҳилаи нави рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангӣ ворид гашт.

Бенҷамин Дизраели менависад: «Барои Англия на душмани доимӣ ва на дӯстони доимӣ лозим аст, балки танҳо манфиатҳои абадии Британияи Кабир вуҷуд доранд». Ин мақоли қадимаи геополитикӣ, ки аз ҷониби собиқ сарвазири Британияи Кабир Бенҷамин Дизраели (1804-1881) замоне гуфта шуда буд, то ҳол арзиш ва қиммати худро дар масоили таъмини амнияти миллии кишварҳои Осиёи

Марказӣ, аз ҷумла Тоҷикистон, гум накардааст.

Қабл аз он ки дар бораи роҳи тайнамудаи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тӯли Истиқлол ва мавқеи кишварамон дар ҷаҳони имрӯза сухан бигӯем, бояд бидонем, ки раванди ташаккули сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар кадом давра оғоз ёфт ва кадом марҳилаҳоро сипарӣ намуд, то ба ҷойгоҳи кунуниаш бирасад. Бояд аз назари коршиносон ва диди мунсифона баҳо диҳем, ки чӣ гуна як кишвари ошӯбзадаву дар ҳоли ҷанг қарордошта ба оромтарину босуботтарин кишвари минтақа ва яке аз мамлакатҳои осоиштаву бонизом дар ҷаҳон табдил ёфт. Бегумон, ин ҳама дастоварду комёбиҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон натиҷаи барномарезии дақиқ, талошҳои пайгирона ва хизматҳои софдилонаи фарзанди фарзонаи тоҷик, Қаҳрамони Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аст.

Нигоҳе аз дариҷаи имрӯз ба рӯзҳои аввали таъсиси давлатдории тоҷикон пас аз Истиқлол ва ташаккули заминаҳои сиёсати хориҷӣ нишон медиҳад, ки роҳандозии сиёсати хориҷии ҷумҳурӣ низ дар он шабу рӯз чун ҷузъи раванди умумии ҳаводиси кишварҳои пасошӯравӣ сурат мегирифт. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти муайян кардани сиёсати хориҷии худ ба комёбиҳои назаррас марҳила ба марҳила ноил гардид. Аз 26-уми феврали соли 1992, ҳамчун иштирокчии Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо ва аз 2-юми марти ҳамон сол узви комилҳуқуқи Созмони Милали Муттаҳид гардид. Мутаассифона, ҳукуматдорони вақт, натавонистанд низоми муносибатҳои байналмилалиро дуруст ба роҳ монда, ҷомеаи ҷаҳониро ба танзими вазъи ноором ва буҳронии сиёсиву иқтисодии кишвар ҷалб созанд. Бо авҷ гирифтани нооромиҳои дохил, шуруъ аз тобистони соли 1992, муносибатҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои хориҷӣ ва созмонҳои байналмилалӣ, тадриҷан рӯ ба коҳишёбӣ ниҳода, як қатор намояндагиҳои дипломатӣ ва созмонҳои байналмилалӣ ҳайатҳои худро ихтисор ва фаъолияташонро муваққатан манъ карданд. Сабабгори аслии инро метавон ба вазъи ноороми давлати тозаистиқлоли Ҷумҳурии Тоҷикистон рабт дод, зеро ба ҳамагон маълум буд, ки шароити ҳамонвақта метавонист ба ҳамкориҳои дипломатии ин давлати навбунёд бо кишварҳои хориҷӣ ва созмонҳои байналмилаливу минтақавӣ таъсири ҳамаҷонибаи худро расонад.

Хушбахтона, дар баробари ба сари қудрат омадани Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои

миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон як такони ҷиддие дар сиёсати хориҷии кишвар ба амал омад. Аз ҳамон вақте ки Пешвои миллат ба вазифаи Раиси Шӯрои Олӣ интихоб шуданаш, моҳи ноябри соли 1992 дар Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон рисолати ҳифзи Истиқлолияти ҷумҳурии тозабунёди тоҷиконро бо дарки комили масъулият барои ояндаи миллату давлат бар дӯши худ гирифт. Аз ҳамон лаҳзаҳои душвор сиёсати хориҷии Тоҷикистон оҳиста-оҳиста рушд намудан гирифт.

Бо талошу дастгириҳои Пешвои миллат оташи ҷанги шаҳрвандӣ хомӯш гардида, дар арсаи сиёсии кишвар пешравиҳои назаррас ба чашм мерасад.

Заминаҳои ташаккули сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистонро метавон аз даврони Шӯравӣ ёдовар шуд, зеро Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон 12-уми майи соли 1944 дар давраи Ҷанги дуюми ҷаҳон таъсис ёфта буд. Соли 1991 ҳангоми соҳибистиқлол шудани ҷумҳурӣ дар ин вазорат теъдоди умумии кормандони дипломатӣ ва техникӣ, ҳамагӣ ба понздаҳ нафар мерасид. Моҳи январи соли 1992 дар асоси Вазорати корҳои хориҷӣ Вазорати робитаҳои хориҷӣ таъсис ёфт, ки ҳалли масъалаҳои вобаста ба ҳамкориҳои иқтисодии хориҷӣ низ ба уҳдаи он гузошта шуд.

Вале ин таҷриба дурустии худро собит накард ва моҳи июли ҳамон сол вазорати зикршуда барҳам дода шуда, дар заминаи он Вазорати корҳои хориҷӣ ва Кумитаи ҳамкориҳои иқтисодии хориҷӣ таъсис ёфт.

Ҳамин тариқ, аввалин санадҳои муайянкунандаи масири сиёсати хориҷии Тоҷикистон ин Қонун «Дар бораи хизмати дипломатӣ» ва Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон буд. Дар баробари ин, шабакаи васеи намояндагиҳои дипломатӣ ва муассисаҳои консулии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷа ба роҳ монда шуд, ки барои таъмин намудани робитаҳои доимӣ ва пайгирии рафти иҷрои тавофуқҳо бо кишварҳои дӯсту ҳамёр нақши муҳим мебозад. Ҳамаи ин таъбиру ибтикорҳо ба он овард, ки имрӯз Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сиёсати ҷаҳонӣ ҷойгоҳи худро мустаҳкам намуда, доираи муносибату ҳамкориҳои худро сол то сол тавсеа мебахшад.

Бояд тазаккур дод, ки эҳёи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароите шуруъ шуд, ки рӯйдодҳои сиёсии кишвар дар соли 1991-1992 ва омилҳои берунае, ки онҳоро ба ҳаракат оварда буданд, ба нуфузи байналмилалӣ, хусусан ба мавқеи кишварамон дар минтақа халали ҷиддӣ ворид намуда буданд.

Президенти кишвар дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20-уми апрели соли 2012 оид ба ташаккули сиёсати хориҷии ҷумҳурӣ сухан ронда, аз ҷумла, чунин иброз намуд: «...ба иллати оғоз ёфтани ихтилофоти дохилӣ, шиддат ёфтани он ва ниҳоят, забона задану доман паҳн кардани оташи ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ, раванди шаклгирӣ ва татбиқи сиёсати хориҷии мо бо мушкилоти зиёди мухталиф рӯ ба рӯ шуд» .

Дар Иҷлосияи XVII Шӯрои Олӣ аз ҷониби Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нуктаҳои муҳимми тақдирсоз баён гардид, ки заминаи аввалини Консепсияи сиёсати хориҷии Тоҷикистонро ташкил дод: «Сиёсати хориҷии Тоҷикистон дар асоси эҳтироми меъёрҳои умумибашарӣ, принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва ба мадди назар гузоштани манфиатҳои олии Тоҷикистон фаъолият хоҳад кард. Тоҷикистон манфиатдор аст, ки сиёсати мутавозину прагматиро пеш гирад, ки аз пайравии якҷониба холӣ бошад» .

Принсипҳои асосии сиёсати хориҷии Тоҷикистон ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи стратегияи фарогири рушди кишвар пурра барои ҳалли масоили афзалиятноки он, аз ҷумла, таҳкими суботу Ваҳдати миллӣ, тақвияти ислоҳоти сиёсию иқтисодӣ, тавсеаи рукнҳои демократии давлатдорӣ ва ташкили ҷомеаи шаҳрвандӣ, таъмини пешрафти босуръати ҳамаҷониба ва ноил шудан ба ҳадафҳои стратегии ҷумҳурӣ равона гардиданд.

Дар замони муосир мақсаду маром ва Стратегияи сиёсати хориҷии Тоҷикстонро ҳифзи манфиатҳои давлат ва миллат, қабл аз ҳама, ин таъмини амнияти миллӣ, суботи сиёсию иқтисодӣ ва фароҳам овардани шароити мусоид барои рушду такомули иқтисоди кишвар мебошад.

Ин нукта мусаллам аст, ки пешбурди сиёсати хориҷии муваффақ ва мутобиқ бо ниёзҳову манфиатҳои миллӣ бе доштани заминаи қавии ҳуқуқӣ ва мушаххас будани самтҳои ҳамкории хориҷӣ муяссар намегардад. Роҳбарияти ҷумҳурӣ ҳангоми таҳияи сиёсати хориҷӣ ба ин натиҷа расид, ки барои амалӣ кардани ин мақсад таҳияи санади алоҳида зарур аст. Панҷ ҳавзаеро, ки Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар консепсияи сиёсати хориҷии Тоҷикистон дақиқ намуда буд, дар он вақт Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи маҳалли ҷуғрофӣ, мавқеи геополитикӣ ва манофеи иқтисодиаш дохил мешуд ва аз ин ҷиҳат, бояд ҳангоми таҳияи консепсия ба назар гирифта мешуданд:

**Ҳавзаи якум** – Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил аст, ки бо вуҷуди душвориҳои солҳои аввали ташаккулаш ба сӯйи таҳкими равобити ҳамаҷиҳата тамоили ботинӣ дорад.

**Ҳавзаи дуюм** – Осиёи Марказист, ки кунун рӯ ба ваҳдати иқтисодию сиёсӣ қарор дорад.

**Ҳавзаи сеюм** – фазои зисту амали давлатҳои ҳамсояи форсизабон аст, ки ҳанӯз ба ягон иттиҳоди муштараки сиёсӣ ё иқтисодӣ нарасида бошанд ҳам, онҳоро нафақат ҳамбастагии таърихӣ ва мазҳабию фарҳангӣ, балки дурнамои воқеии рушди миллӣ бо ҳам наздик мекунанд.

**Ҳавзаи чорум** – доираи нуфузи давлатҳои мусалмоннишини Шарқ аст, ки онҳоро нафақат ягонагии дину ойин ва суннатҳои рӯҳонӣ, балки имконот ва эҳтиёҷоти рушди миллӣ низ ба ҳам мепайванданд.

Ниҳоят, **ҳавзаи панҷум** – ҷомеаи байналмилалист, ки ҳамбастагии зоҳирию ботиниаш беш аз пеш қувват мегирад ва ҳам оҳиставу пайваста ба сӯйи тамаддуни воҳиди умумибашарӣ роҳ мепаймояд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон тавонист дар зарфи истиқлолияташ дар сиёсати хориҷии худ бо роҳбари созандаву арзанда ба комёбиҳои назаррас ноил гардад. Ҳамин буд, ки сиёсати сулҳҷӯёна ва бунёдкоронаи Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ мавқеи худро пайдо кард ва тавонист, ки Тоҷикистонро ба ҳайси як субъекти муносибатҳои байналмилалӣ дар арсаи ҷаҳонӣ машҳур сохт.

Тоҷикистон тадриҷан фазои муносибатҳои худро дар ҷомеаи байналмилалӣ вусъат намуда, ширкати намояндагии худро дар мамлакатҳо ва созмонҳои байналхалқӣ васеъ менамояд. Мазмун, моҳият, ташаккул ва шаклгирии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз вазифаи бунёдкоронаи давлати мустақили мо маншаъ мегирад ва ба вазифаҳои умдатарини сиёсати дохилӣ зич алоқаманд аст. Аз ҳамин лиҳоз, метавон гуфт, ки сиёсати хориҷии ҷумҳурӣ, алҳол дар сатҳи ташаккул ва боз ҳам васеътар шудан қарор дорад. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ бо пеша кардани сиёсати мавқегирии геополитикӣ ва сиёсати хориҷии худ ба муваффақиятҳои бузург ноил гардида, дар арсаи байналмилалӣ ҷойгоҳи бузургеро соҳиб мебошад.

## АДАБИЁТ:


1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният». Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2011, №6, мод. 434; с. 2014, №11, мод. 646; Қонуни ҶТ аз 15.03.2016, № 1283).
2. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Ганҷ, 2019.
3. Муҳаммад Б.С., Муҳаммад С.А., Самиъзода Б.С. Геополитика. Назария ва равандҳои муосири геополикии ҷаҳон. – Д.: Сармад-Компания, 2021.
4. Нечаев Д.Ю. Безопасность и устойчивые развитие, как общественные проблемы научного поиска и философско-методологического анализа //Информатизация и информационная безопасность правоохранительных органов. – Москва: Академия Управления МВД России, 2008.
5. Ятимов С. Асарҳо. Ҷилди 11. Масъалахои забоншиносӣ дар таълимоти Пешвои миллат. – Душанбе: Нашриёти муосир, 2020.
6. Ғафуров Б. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим ва давраи нав. Китоби 1,2. – Душанбе: Ирфон, 1996.
7. Масов Р. Таджики: история с грифом «совершенно секретно». – Душанбе, 1995.
8. Назаршоев Н.М., Бониёзов И.Х. Военная история Таджикистана. Том 2. – Худжанд; Хуросон, 2019.

# МАҚОМ ВА НАҚШИ САРҲАД ДАР ТАЪМИНИ АМНИЯТ ВА СУБОТИ ДАВЛАТДОРӢ

# СТАТУС И РОЛЬ ГРАНИЦЫ В ОБЕСПЕЧЕНИИ БЕЗОПАСНОСТИ И СТАБИЛЬНОСТИ ГОСУДАРСТВА

# THE PLACE AND ROLE OF BORDER IN ENSURING SECURITY AND STABILITY OF THE COUNTRY

**Хакимов Р.М.**
**Hakimov R.M.**

*Номзади илмҳои сиёсатшиносӣ, дотсенти кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ*

*Кандидат политических наук, доцент кафедры политологии Таджикского государственного педагогического института имени С. Айни*

*Candidate of sciences docent of the Deportment of works politics - of Teacher University Stan by name S.Ayhi*

**Шарифзода Ф.Х.**
**Sharifzoda F.H.**

*Дотсенти кафедраи корҳои сиёсӣ-тарбиявӣ, педагогика ва психологияи Донишкадаи олии сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон (унвонҷӯйи Донишгоҳи давлатии тиҷоратии Тоҷикистон, ихтисос 08.00.05 «Иқтисодиёт ва идораи хоҷагии халқ»)*

*Доцент кафедры политико-воспитательный работы, педогогики и психологии Вышего пограничного института Государственного комитета национальной безопасности Республики Таджикистан (соискатель Таджикского государственного университета комерции, по специальности 08.00.05. – Экономика и управление народным хозяством)*

*Docent of the Departmen of works politick – educational, pedagogics and psychology of Higher border Institute state Committee of National Security of Republic of Tajikistan (applicant)*

**Аннотатсия:** Дар мақолаи мазкур дар заминаи омӯзиш ва таҳлили ҷомеаи муосир паҳлӯҳои гуногун, хусусият ва таърихи сарҳад, нақши он дар давлатдории муосир, муносибатҳои илмӣ оид ба илми сарҳадшиносӣ, яъне лимология, инчунин мақом ва нақши сарҳад дар пешгирии ихтилофҳои байнидавлатӣ нишон дода мешавад. Муаллифон яке аз масъалаҳои мубрами на танҳо илми сиёсӣ, балки илмҳои географияи сиёсӣ, сарҳадшиносӣ ва геополитикаро мавриди таҳқиқ қарор додаанд. Муаллифон як қатор лаҳзаҳои муҳимму асосии баҳсҳои сарҳадӣ ва андешаи олимони хориҷӣ ва ватаниро нисбат ба ин баҳсҳо нишон дода

мегузаранд. Ба ҷиҳати мусбати мақолаи мазкур метавон сарчашмаҳоеро, ки нуқтаи назари объективиро ба мавзуи баррасишаванда нишон додаанд, дохил намуд. Махсус бояд қайд кард, ки муаллифон мавқеи хешро ба мавзуи таҳқиқшаванда ба таври мушаххас ва мантиқан асоснок баён кардаанд.

**Калидвожаҳо:** абарқудратҳо, сарҳад, сарҳадҳои табиӣ, сарҳадҳои сунъӣ, низоъ, баҳсҳои сарҳадӣ, лимология, геополитика, географияи сиёсӣ, амният, манфиатҳои миллӣ, минтақаи буферӣ.

**Аннотатция:** В данной статье на основе изучения и анализа современного общества показаны разнообразные стороны, специфика и история границы, её роль в современном управлении государством, научный подход к изучению границы, иначе говоря, лимология, а также статус и роль в локализации межгосударственных противоречий. Авторами исследованы не только актуальные проблемы политологии, но и затронуты такие научные сферы как политическая география, лимология и геополитика. Также авторами показан ряд важных и основных моментов пограничной полемики и мнения отечественных и зарубежных учёных. В положительном плане данной статьи можно выделить те источники, которые на тему передаваемой информации освещается с объективной точки зрения. Особенно необходимо отметить, что авторы свою позицию в отношении исследуемой темы обосновали определённо и логически.

**Ключевые слова:** сверхдержава, граница, естественные границы, искусственные границы, конфликты, пограничные дебаты, лимология, геополитика, политическая география, безопасность, национальные интересы, буферные регионы (буферные зоны).

**Annotation**: In this article on the bases of the study and analysis of modern society, the history, have shown various aspects, specificity and the history of the border, its role in modern State governing, scientific approach to studing of the border, in other words limology and also the status and role in localization of interstate dissension. The authors have analyzed not only one of the actual problems of political science, but also touched upon political geography, limology and geopolitics. And also, the authors have shown the row of important and main moments of the border disputes and the idea of the domestic and foreign scientists. The positive aspects of this article can be considered the resources that demonstrate the objective point of view concerning the analyzing problem. It should be pointed out that the authors have concretely and logically justified their position regarding the analyzing issue.

**Keywords:** superstates, border, natural borders, artificial borders, dispute, border dispute, limelogy, geopolitics, political geography, security, national interests, buffer zone.

Баъд аз пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ, воқеаҳои 11-уми сентябри соли 2001 дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ва амалиёти махсуси Россия нисбат ба миллатгароёни Украина ҷаҳони муосир ба бисёр масъалаҳои мубрами сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дучор гардидааст, ки натиҷаи сиёсати давлатҳои абадқудрати ҷаҳонӣ мебошад. Давлатҳои абарқудрат тарҳи нави тартиботи низоми ҷаҳониро қабул надоранд ва бозиҳои пасипардагии онҳо сабаби нооромиҳо, ихтилофҳои қавмию иқтисодӣ гардидааст. Бояд таъкид намоем, ки мардуми шарифи Тоҷикистон марҳилаи пурпечутоби таърихи навини хешро паси сар намуда, аз буҳрони марговари солҳои навадуми асри XX бо сарбаландӣ баромад ва кишвари зебои хешро аз нигоҳи иқтисодию маданӣ рушд бахшид.

Ҳамаи ин пешравиҳои иқтисодию иҷтимоӣ нуфуз ва мавқеи байналхалқии Тоҷикистонро баланд намудааст, аммо сад афсӯс, ки ин оромӣ, сулҳу суботи ватани азизи мо ба ҳама хуш намеояд. Ин пешравиҳои Тоҷикистонро на танҳо давлатҳое, ки худро «дӯст» ва «шарикони стратегӣ»-и мо нишон медиҳанд, пазируфтанд, балки як гурӯҳ ба ном «дилсӯзон»-и миллати тоҷик, ки дорои мафкураи танг буда, дар хориҷ бо дастгирии доираҳои гуногуни ҷаҳонӣ зиндагонӣ мекунанд, дар фикри нооромии Тоҷикистон мебошанд.

Ба ҳамагон маълум аст, ки ҷомеаи муосири ҷаҳон имрӯз дар кадом ҳолати ҳассос қарор дорад ва рушду инкишофи он бо кадом таҳдидҳо дучор аст. Аз ин лиҳоз, вазифаи ҳар як коршинос аз он иборат аст, ки ин таҳдидҳоро мавриди таҳқиқ қарор диҳад. Аз нигоҳи мо, масъалаи сулҳу субот ва амнияти кишвар аз оромии Сарҳади давлатӣ вобастагии калон дорад, чунки мафҳуми «сарҳад» яке аз категорияҳои калидии илмҳои сиёсӣ, аз қабили геополитика, сиёсатшиносӣ, географияи сиёсӣ, лимология ва ғ. ба шумор меравад. Агар хато накунем, қариб ҳеҷ муҳаққиқи илмҳои сиёсии ватанӣ кори комилеро оид ба таърихи сарҳад, мақом ва нақши он дар таъмини манфиатҳои миллӣ, рушду нумуи давлатдории навини тоҷикон ба анҷом нарасонидааст. Аммо мақолаҳои таҳлилӣ оид ба мавзуъ аз ҷониби сиёсатшиносон Абдуллои Раҳнамо, Ш. Ризоев баъди ҳодисаҳои сарҳадии байни Қирғизистону Тоҷикистон дар матбуоти даврӣ ба чашм мерасанд, ки ин як пешравӣ дар илми лимология мебошад.

Вобаста ба фазои ниҳоят мураккаби пурихтилоф ва ноороми ҷаҳони муосир, вазъи геополитикии сайёра, минтақаи Шарқи Наздик ва Миёна, аз ҷумла минтақаи Осиёи Марказӣ, афзудани тамоюлу хатарҳои

радикализм, экстремизм, муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир, қочоқи силоҳ ва дигар ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ аз он тақозо менамояд, ки истиқлоли миллӣ, ҳимояи манфиатҳои халқ ва давлати Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонанд дучори хатару таҳдидҳои ҷиддии хориҷӣ ва дохилӣ гарданд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии худ ба муносибати Рӯзи сарҳадбонон зикр намуд, ки «Неруҳои марзбони Тоҷикистон, ки зодаи даврони истиқлоли кишварамон мебошанд, ҳамчун сипари боэътимоди давлатдории навини тоҷикон, яке аз рукнҳои муҳимтарини Қувваҳои Мусаллаҳи мамлакат ба ҳисоб мераванд. Мо имрӯз ифтихор мекунем, ки сарҳадбонони мо марзу буми аҷдодӣ, яъне амнияту суботи давлат ва оромиву осоиши ҷомеаро бо ҳисси баланди миллӣ ва эҳсоси гарми ватандӯстӣ таъмин карда истодаанд. Бояд гуфт, ки неруҳои сарҳадбони Тоҷикистон дар давраи ниҳоят сахту сангини оғози истиқлоли давлатӣ, яъне дар замони ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ, инчунин, дар шароити бисёр мушкили иқтисодиву молиявии кишвари тозаистиқлоламон таъсис дода шуданд. Воқеан, дар оғози солҳои навадуми асри гузашта дар сатҳи ноустувор қарор доштани ҳимояи Сарҳади давлатӣ як иллати сар задани ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон буд [4].

Мавриди зикр аст, ки дар хусуси истилоҳ, маънои этимологӣ ва таърихи пайдоиши мафҳуми сарҳад назаре ба таърих намоем. Ба ҳамагон маълум аст, ки аҷдоди тоҷикон яке аз аввалин бунёдгузорони давлат ва дар ин замина асосгузорони марзу марзбонӣ ба шумор мераванд. Беҳуда нест, ки истилоҳи марз дар осори гаронарзиши «Авесто» ба маънои сарҳади як кишвар ва дар забони паҳлавӣ ба маънои хона ва маскан зикр шудааст. Истилоҳи «марз», «марзбон», «ҳад» дар «Луғати Фурс»-и Асадии Тӯсӣ, «Анҷуманоро»-и Рашидӣ, «Фарҳанги Деҳхудо», «Фарҳанги Амид» ва ғ. ба як маъно шарҳ ёфтаанд. Агар марз ва ҳад «хатти фосил миёни ду кишвар» маънидод шавад, пас марзбон «ҳофизи ҳудуд, муҳофизи марз, ҳокиме, ки дар сарҳад бошад ва ҳокиму мири сарҳад бошад» ташреҳ шудаанд. Дар асрҳои баъдина аломатҳои асосӣ, яъне забону фарҳангу марзҳо ба вуҷуд омада, дар бунёди сохторҳои давлатдорӣ гомҳои боэътимод гузоштаанд. Акнун мардумони ҳамхун сарҳади муайянро доштанд, ки дар пайи ҳаводиси таърихӣ комилтару устувортар мегардиданд

Яке аз категорияҳои асосию муҳимми геополитика ин мафҳуми

фазои сиёсӣ мебошад. Предмети геополитика, пеш аз ҳама, ин имконият, восита ва шаклҳои назорати фазоро аз тарафи институтҳои сиёсӣ ва дар навбати аввал давлат ё иттиҳодияи давлатҳо меомӯзад, чунки фазои сиёсӣ яке аз аломатҳои асосии давлат ба шумор меравад. Давлатро ҳамчун фазои сиёсӣ сарҳадҳои он муайян менамоянд, ки ҳамчун омили амният ва аз ин лиҳоз, сарҳад нақши асосиро дар муносибатҳои фазоии байни давлатҳо мебозад. Оид ба масъалаи «сарҳад», мувофиқи андешаҳои мутахассисон, ҳанӯз дар замонҳои қадим дар рисолаи «Артхашастра» ва достонҳои юнониҳои қадим андешаҳо баён гардидаанд. Баъдан, Ф. Ратсел, К. Хаусхофер нисбат ба мафҳуми сарҳад андешаҳои худро иброз доштаанд.

Умуман, яке аз таҳқиқотчиёни масъалаи сарҳад лорди англис Ҷ. Н.Керзон (1859 – 1925) дониста шудааст. Вай дар Ҳиндустон ба сифати муовини аввали шоҳ фаъолият намуда, таҷрибаи тақсимоти осиёиро хуб медонист. Бо андешаи ӯ, халқҳои Осиё нисбат ба сарҳади мустаҳкам нафрат доранд, чунки аксарияти ин халқиятҳо тарзи зиндагонии кӯчиро доранд ва аз ин ҳисоб сарҳадҳои расмиро эътироф намекунанд. Сарҳад тавре ки дар фаҳмиши мардуми қитъаи Аврупо вуҷуд дорад, қобили қабули аст ва ба андешаи Керзон, байни давлатҳо бояд минтақаи буферӣ мавҷуд бошад.

Сарҳад вазифаҳои муайян дорад, ки аз инҳо иборатанд: маҳдуд намудан ва роҳ надодани шахсиятҳои номатлуб; роҳ надодан ба алоқаи байниҳамдигарии аҳолии ҳамсоякишварҳо; дастгир намудани ҷинояткорон; роҳ надодан ба қочоқгарон; ҷамъ намудани андози гумрукӣ ҳангоми ворид ё содир шудан; назорат аз болои молҳои иҷозатшуда ва маблағҳо; назорати тиббӣ ва ғайра. Умуман, сарҳадҳоро ба ду гурӯҳ тақсим мекунанд: сарҳадҳои табиӣ ва сарҳадҳои сунъӣ.

Баъди пароканда шудани Иттиҳоди Шӯравӣ масъалаи сарҳад дар ҳудуди собиқи вай ниҳоят тезутунд гардид.

Моҳияту мазмуни Артхашастра таҳлили бевоситаю дар амал санҷидаи меъёрҳои сохторҳои деҳаҳо, ноҳияҳо, сохтмонҳои марказҳои маъмурӣ, округҳои ҳокимият, додани имтиёзҳо ба намояндагони гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ, додани имтиёзҳо ва озод намудани муҳоҷирон аз андоз дар ҷойи нави истиқоматӣ, ташкили ҳаёти иқтисодӣ, ҳокимияти сиёсӣ ва судҳоро дар бар мегирад. Инчунин, аз мадди назар масаълаи муҳимми геополитикӣ, аз қабили мустаҳкамнамоии сарҳад дар ҷойҳои нав ё забткардаи дур намондааст. «Сарҳади мулкро, – навишта шудааст дар Артхашастра, – вай (ҳоким) бояд аз

рӯйи дарёҳо ё кӯҳҳо, ҷангалзорҳо, буттаҳои хордор, ҷариҳо ё бунёди дарахтҳо барин аломатҳо ҷудо намояд» [2, 52], яъне ё ба таври табиӣ ё ба таври сунъӣ сохта шаванд.

Асари калонтарини Ратсел бо номи «Географияи сиёсӣ» соли 1897 аз чоп мебарояд. Дар ин асар Ратсел таъкид менамояд, ки хок яке аз омилҳои асосиест, ки дар атрофи вай манфиати халқҳо давр мегардад. Вобастагии таърих бо хок ва ҳудуд муайян гардидааст. Ратсел ақидае дошт, ки таърихи инсоният ин таърихи мутобиқшавии одамон ба муҳити атроф мебошад. Дар хулоса қайд мекунад, ки давлат организми зинда аст, аммо организме, ки дар хок реша дорад [6,7].

Ратсел дар ҷараёни андешаронихои худ ҳафт нуктаро баён карда ва онҳоро «қонунҳои рушди давлат» номид:

1) фазои давлат якҷоя бо зиёд шудани аҳолии он, ки дорои фарҳанги умумӣ мебошанд, афзоиш меёбад;

2) рушди ҳудудии давлат ҳамроҳ бо дигар атрибутҳои инкишоф (идеяҳо, савдо, фаъолияти миссионерӣ ва ғ.) амалӣ карда мешавад;

3) рушди давлат бо роҳи пайваст ва маҳви давлатҳои хурд амалӣ мегардад;

4) сарҳад узви канории давлат буда, инъикосгари рушд, тавоноӣ ё заифии он мебошад, бинобар ин, тағйирёбанда аст;

5) давлат ҳангоми инкишоф кӯшиш мекунад, ки унсурҳои муҳимтарини табиати атроф, соҳилҳои баҳр, маҷрои дарёҳо, ҳамвориҳо, ноҳияҳои дорои захираҳои зеризаминӣ ва рӯйизаминиро аз худ намояд;

6) такони рушди ҳудудӣ ба давлатҳои одӣ аз давлатҳои дорои тамаддуни баланд мегузарад;

7) тамоили рушди ҳудудӣ «гузаранда» буда, бо гузашти вақт пурқувват мешавад;

Умуман, дар «Географияи сиёсӣ» Ратсел давлатро на аз мавқеи иқлим, балки аз мавқеи муносибати давлат бо замин нишон медиҳад. Шиори вай «давлат ба замин эҳтиёҷ дорад, чунки бояд зиндагонӣ намояд», буд.

Соли 1927 асари «Сарҳад дар маънои географӣ ва сиёсии он»-и олими немис Хаусхофер нашр мешавад, ки дар он муаллиф ҳамаи адабиёти илмии вобаста ба мавзуъро таҳлил намуда, дар назди худ вазифа мегузорад, ки таълимоти ягонаро оид ба сарҳади давлат ба вуҷуд биёрад. Ӯ адабиёти илмӣ (аз ҷумла, асарҳои Ф.Ратсел, О.Маул, Р.Зигер, Е. Шейн, Ҷ.Брайс, Г.Тейлор, Д.Уэхар ва ғ.)-ро оид ба сарҳад аз нуқтаи назарияҳои географӣ, биогеографӣ, психологӣ, таърихи ва моҳияти сиёсии онҳо таҳлил намудааст. Ӯ муваффақият ва

норасоиҳои сарҳадҳои табиӣ, сунъӣ, баҳрӣ, хушкӣ, дарёҳоро нишон дода, талаб мекард, ки ҳиссиёти сарҳаддӯстдориро дар миллат ба роҳ монанд, омӯзиши сарҳади давлатиро таҳқиқ намуда, гурӯҳбандии марзҳои сарҳадиро нишон дода, бояд таълимотро оид ба сарҳад ҳамчун мақомоти давлат ба роҳ монд.

Хизмати олими рус Владимир Алексеевич Колосов низ дар назарияи геополитика аз он иборат аст, ки бештари таҳқиқотҳои ӯ оид ба **лимология** (назарияи сарҳадҳои давлатӣ) ва бо ҳаммонандии марзҳои якхела мебошанд. Вай чор шакли асосии сарҳадро дар шароити муосир нишон дода мегузарад:

1. Сарҳадҳои муҳосирашуда дар ҳолате муқаррар карда мешаванд, ки дар байни давлатҳои ҳамсарҳад тақсимоти ҷиддии зиддиятҳои идеологӣ ва сиёсӣ мавҷуд аст, инчунин байни худ ҳудудҳои тақсимнашудаи даъвоию баҳсӣ доранд ва ҳар яке аз ин давлатҳо сиёсати маҳдудкунию автаркияро пеш гирифтааст.

2. Сарҳадҳои нимгузар, ки яке аз шакли маъмулу машҳури сарҳад дар ҷаҳонӣ муосир ба шумор мераванд. Вай дар ҳолате баркарор мегардад, ки асоси онро муносибатҳои шартномавии дуҷониба бо назардошти манфиатҳои умумии ҳамсоякишварҳо баста мешаванд ва мақсади пешгирии низоъҳои назди сарҳадиро дорад, ки принсипи онро «гузаронидани мол» ташкил медиҳад.

3. Сарҳадҳои васлшуда ё муттаҳидгардида, ин навъи сарҳад дар ҳолате амалӣ карда мешавад, ки ҳамсоякишварҳо дар як ташкилоти минтақавӣ ё байналхалқӣ аъзо бошанду байни онҳо муносибатҳои гуногуни иттифоқӣ вуҷуд дорад ва мақсаду манфиатҳои онҳо дар лоиҳаҳои якҷояи дарозмуддат амалӣ карда мешаванд.

4. Сарҳадҳои интегратсионӣ дар раванди интегратсияишавии абарқудратҳои ҳамсоя дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёт ба вуҷуд омада, ташкил карда мешавад ва қисми зиёди функсияҳои давлатиро дар сатҳи байналхалқӣ фаро мегирад.

Мутаассифона, таърихи инсоният ин таърихи ҷангҳо мебошад ва аксарияти ҷангҳо мақсади азнавсозии сарҳадҳоро дорад. «La geographie – ca sert d‧ord a faire la guerre» – «География, пеш аз ҳама, барои ҷанг хизмат менамояд» , тахминан чунин ном дорад, асари олими сиёсатшинос-географи француз И. Локост.

Барои исботи даъвоҳои марзии хеш ва талаби сарҳадҳои нав ҳукуматҳо ва ходимони давлатӣ, эҳтиёҷ барои асосноккунии бештарро доранд. Ғайр аз ин, аз нав дидани сарҳад дар ҳама ҳолат боиси талаботи тозаи таҳқиқотҳои амалӣ оид ба делимитатсияи онҳо дар харита ва демаркатсия дар

маҳал мебошад, ки дар ин ҳолат предмети география нақши ҳалкунандаро мебозад.

Беҳуда нест, ки ташкилотҳои байналхалқӣ ва ҳукуматҳои абарқудратҳои ҷаҳонӣ олимони географи машҳурро ба сифати коршиноси делимитатсияи сарҳад даъват менамоянд. Ҳатто дар замони муосири мо олимони соҳаи география, аз ҷумла амрикоиҳо Гилберт Уайт, М. А. Гласснер, инчунин географ-сиёсатшиносони англис Ҷ. Блейк, Ю. Андерсен дар ҳалли ихтилофҳои сарҳадии Шарқи Наздик ва мамлакатҳои нимҷазираи Арабистон иштирок намудаанд.

Бояд қайд намоем, ки **лимологияи географӣ** илм оид ба сарҳад (аз калимаи юнонӣ «лимес» – сарҳад гирифта шудааст) мебошад, чунки то вақтҳои охир навиштаҷотҳо аз тафаккури назариявии мушахасси таҳқиқоти бархӯрдор набуданд.

Умуман, ҳангоми омӯзиши сарҳад вобаста ба географияи сиёсӣ ***чор муносибатро*** истифода мебаранд:

**1. Таърихӣ-харитавӣ,** ки моҳияти он аз принсипҳои зерин иборат аст.

- ***Таърихӣ:*** омӯзиши бевосита якҷояи сарҳад дар фазо ва вақт мебошад. Барои баҳои арзишманд додан ба сарҳади сиёсӣ ва вазъи ноҳияҳои маҳалӣ ҷойгиршавии он, таърих, ташкилшавӣ ва ба вуҷуд омадани онро бояд омӯзанд. Дар ҷаҳон кам сарҳадҳое мавҷуданд, ки муддати садсолаҳо бетағйир монда бошанд. Барои мисол, танҳо сарҳади байни Франсия ва Испанияро, ки ҳанӯз аз асри ХУ11 ба қайд гирифта шуда буд, ном бурдан мумкин аст, ки ба воситаи Пиренея мегузарад ва кӯҳҳои касногузар, ағба ва нишебиҳои мураккаб дорад.

- ***Алоқаи байни сохтори давлатдорӣ, режими сиёсӣ ва сиёсати мушаххаси ориентатсияи хориҷии давлат аз як ҷониб ва вазифаи сарҳад аз ҷониби дигар.*** Географи машҳури фаронсавӣ Жак Ансел дар соли 1938 қайд карда буд, ки ҳангоми омӯзиши сарҳад набояд, ки моҳияти давлат нодида гирифта шавад, яъне «муҳим пӯст нест, балки он чизест, ки вай печонида шудааст».

- ***Алоқамандии режим ва вазифаҳои сарҳад, аз ҷумла дар бисёр ҳолат таносуби он бо қувваи ҳарбӣ, иқтисодӣ ва сиёсии ҳамсоякишвар.*** Давлати абарқудрат дар бисёр ҳолатҳо шартҳои хешро нисбат ба ҳамсоякишвари заифаш пешниҳод менамояд ё бо таври одӣ онро ба худ тобеъ месозад.

- ***Дастнорасии «сарҳадҳои табиӣ.*** Мувофиқи ин назария барои ҷудо намудани сарҳад мамлакатҳои ғосиб дар бисёр ҳолат кӯҳҳои баланд, дарёҳои калонро интихоб мекунанд, ки ин роҳи дурусти ҳалли масъала нест. Жак Ансел ва бисёр олимон зидди

чунин «табартақсимкунӣ» мебошанд.

**2. Муносибати силсилабандӣ (классификатсионӣ)** оид ба омӯзиши сарҳади таърихӣ нисбатан аз муносибати таърихӣ - харитавӣ баъдтар пайдо шудааст. Сиёсатшиноси британӣ лорд Керзон морфологияи сарҳадро ба сарҳадҳои **астрономӣ** (аз рӯйи меридиана ва параллелҳо), **математикӣ** (мисол, аз рӯйи доираи радиуси иҳотаи ягон марказ бо шаҳр) ва **референтӣ** (масоҳати ягон объекти географӣ) ҷудо намудааст.

**3. Муносибати функсионалӣ,** ки дар ин омӯзиш омӯзиши географии сарҳадро якчанд насли таҳқиқотчиёни баъди Ҷанги Дуюми Ҷаҳонӣ инкишоф додаанд. Намояндагони бештар машҳури он географи австралиягӣ Ҷ. Прескотт ва сиёсатшинос-географи англис Ҷон Хауз эътироф шудаанд.

**4. Муносибати сиёсӣ - географӣ** мебошад, ки оид ба омӯзиши сарҳади давлатӣ равона шудааст. Чунин шакл, пеш аз ҳама, дар сиёсатшиносӣ ба вуҷуд омадааст, чунки фанни сиёсатшиносӣ ба муносибатҳои байналхалқӣ алоқаи зичеро дорост. Барои сиёсатшиносон аз ҳама муҳим таъсири сарҳад ва ҳолати оромии он ба вазъи муносибатҳои байналхалқӣ сахт алоқамандӣ дорад. Сиёсатшиносони амрикоӣ Ҷ. Герс ва П. Дил маълумотҳоро оид ба 870 низои сиёсӣ, ки боиси тағйири сарҳадҳои давлатӣ дар солҳои 1815 то 1990 гардида буданд, ҷамъоварӣ намудаанд [3, 311].

Дар ин радиф, низоъҳои дар фазои пасошӯравӣ бавуҷудомада, аз ҷумла низоъҳои сарҳадии байни Озарбойҷон ва Арманистон барои Карабоғи Кӯҳӣ, Россия ва Украина барои Крим, Донбас, Россия ва Гурҷистон барои Абхазия ва Осетия, Қирғизистон ва Тоҷикистон оид ба сарҳади Ботканд ва Исфарaро мисол овардан мумкин аст.

**АДАБИЁТ:**


1. Раҳнамо А. Мавқеи Тоҷикистон ё чаро Ҷумҳурии Тоҷикистон кишвари таҷовузгар нест?/ Рӯзномаи «Ҷавонони Тоҷикистон», № 50 (9788), 2022.
2. Артхашастра, или Наука политике / Перевод с санскрита С.Ф.Ольденбурга, Ф.И.Щербатского, Е.Е.Обермиллера, А.И.Вострикова, Б.В.Семичова. Издание подготовил В.И.Кальянов. Примечания В.И.Кальянова. Указатели В.Г.Эрмана. Редакционная комиссия издания: В.В.Струве (ответственный редактор), Б.А.Ларин, В.И.Кальянов, И.П.Байков. – М.-Л.: Издательство Академии наук СССР, 1959. – 796 с.
3. Колосов В. А., Мироненко Н. С. Геополитика и политическая география: Учебник для вузов. – М: Аспект Пресс, 2002. – 479 с.

4. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Рӯзи сарҳадбонон аз 28.05.2022. Сарчашмаи электронӣ: //http: //www.president.ti/28377.
5. Умаралӣ Ф. Марз. Аз аҳдшикании ҳамсоя то даъвати Пешвои миллат ба ҳамдигарфаҳмӣ./ Рӯзномаи «Ҷавонони Тоҷикистон», №16 (9754), 21.04.2022.
6. Ҳакимов Р.М., Ҳусейнов А.Қ. Геополитика. Васоити таълимии ёрирасон. – Душанбе: ДДОТ, 2017.

# ОСЕБШИНОСИИ МАКТАБИ МИЛЛӢ
(Эҳсоси масъулият ва бухрони бекифоятӣ)

# ИЗУЧЕНИЕ УЯЗВИМОСТИ НАЦИОНАЛЬНОЙ ШКОЛЫ
(Чувство ответственности и кризис компетентности)

# STUDING OF VILNERABILITY OF NATIONAL SCHOOL OBJECTIVES
(Sense of responsibility and crisis of inadequacy)

**Рахматкарим Д.**
**Rahmatkarim D.**

*Директори Маркази мероси хаттии АМИТ, номзади илмҳои таърих*

*Директор Центра письменного наследия НАНТ, кандидат исторических наук*

*Director of the Center of Written Heritage of AMIT, candidate of historical sciences*

**Аннотатсия:** Дар мақола андеша ва мулоҳизаҳои муаллиф роҷеъ ба моҳияти усулии масъалаҳои маориф ва мактаби миллӣ дар партави Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, саҳми Пешвои миллат дар бозсозии тафаккури миллӣ ва эҳёи андешаи давлатдории миллӣ, нақши таълиму тарбия ва китоби дарсӣ дар ташаккули зеҳният ва ҷаҳонбинии ҷомеа баён шудаанд.

**Калидвожаҳо:** Паём, шахсияти таърихсоз, хирад, мактаби миллӣ, осебшиносии мактаб, бухрони бекифоятӣ, андешаи дунявӣ, мафкурасозӣ.

**Аннотация:** В статье отражены размышления и мнения автора о методологическом характере вопросов образования и национальной школы в свете Послания Президента Республики Таджикистан, вклад Лидера нации в обновление национального мышления и возрождения идеи национальной государственности, роль образования и учебников в формировании интеллекта и мировоззрения общества.

**Ключевые слова:** послание, историческая идентичность, мудрость, национальная школа, школьная травма, кризис неадекватности, светская мысль, идеология.

**Annotation:** The article contains the author's reflections and opinions on the methodological nature of education and the national school in the light of the message of the President of the Republic of Tajikistan, the contribution of the Leader of the Nation to the renewal of national thinking and the revival of the idea of national statehood, the role of education and textbooks in shaping the intellect and worldview of society.

**Keywords:** message, historical identity, wisdom, national school, school trauma, crisis of inadequacy, secular thought, ideology.

**Марди таърихсоз**

Бидуни шак яке аз муҳимтарин дастовардҳои миллати тоҷик дар се даҳаи Истиқлоли давлатӣ эҳёи дубораи мактаб ва маорифи миллӣ, ба роҳ мондани низоми таълиму тарбия ва фароҳам кардани шароити созгор барои рушди илму маърифат аст. Ояндаи пойдор ва равшани миллат аз низоми таълиму тарбияи ҳамин мактаб ва маърифатбахшии ҳамин маориф вобаста аст. Аз ин нигоҳ аст, ки Сарвари давлат ба ниҳоли парваридаи худ ба назари меҳр ва бо ҷиддияти тамом муносибат намуда, маориф ва илмро дар сархати Паёми солонаи худ қарор додаанд.

Муаллифи мақолаи «Тавоно бувад, ҳар ки доно бувад», ба унвони як муҳаққиқ ва нозири дақиқназар ҳамин ҷиддияти рисолат ва зарурати таваҷҷуҳ ба онро солҳост, ки дарк намуда ва дар талоши ҳамкорӣ барои таҳкими пояҳои маориф ва маънавиёти миллӣ ҳаст. Муаллиф бо мурури ба гузашта як қиёси таърихӣ анҷом додааст: «...агар давронн салтанати Сомониён, давраи тиллоии тараққиёти илм, адабиёту фарҳанг ёдоварӣ шавад, замони роҳбарии Пешвои миллат дар шароит ва имконоти навин, бидуни шак, муассиртар, самараноктар ва бузургтар аз он аст» [6]. Ин ҷо як қиёси шоиронаи Бозор Собир ёд меояд, ки меҳоҳад хидмат ва заҳматҳои бузургу бесобиқаи таърихии устод Садриддин Айниро барои миллати тоҷик дар қиёс бо устод Рӯдакӣ бозгӯ кунад ва мефармояд:

***Гарчи табъи Рӯдакӣ шеъри***
***закӣ эҷод кард,***
***Офарин бар табъи Айнӣ,***
***Рӯдакӣ эҷод кард.***
[1, 226]

Манзури шоир аз ин сатрҳоро аз худи ӯ пурсида будам, ки барои аҳли фаҳм ошност. Қиёси муаллифи муҳтарам низ дақиқан дар ростои ҳамин мантиқ қобили арзёбӣ аст. Ҳамин тавр, Пешвои миллат рисолати таърихии худро аввал бо ҷасорат қабул карданд, дарк намуданд ва ба дурустӣ анҷом доданд. Парчами ҷунбишҳои ба камол нарасида ва ба шикаст мувоҷеҳшудаи миллиро баланд намуда, роҳбарӣ карданд ва бо баланд кардани дасти Исмоили Сомонӣ дар майдони Озодӣ –

рамзи қудрати сиёсии тоҷикон ба кӯйи мурод расонида, орзуи ҳазорсолаи миллати тоҷик ва дудмони Сомониро бо ин иқдом ба курсӣ нишонданд.

Бидуни шак, метавон гуфт, ки рӯҳи Куруши Бузург, Абумуслими Хуросонӣ, Яъқуби Лайси Саффорӣ ва Исмоили Сомонӣ дар симо ва шахсияти муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон буруз кардааст. Аз ин нигоҳ, арзёбии муаллиф қобили дарк ва дақиқ аст: «Таърихсоз Инсон аст, ки ба вақту муҳит муҳтаво мебахшад» [6]. Бо баёни оммиёнатар метавон хулоса кард, ки дар воқеъ як давраи томи таърихи миллати тоҷикро Пешвои миллат сохта ва сабти таърих кардаанд. Аз ин рӯ, дар ин баҳси фалсафии муаллиф Инсони таърихсоз муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аст.

**Хирад мояи ҷовидонӣ бувад**

Зимни арзёбии сабаб ва омили шикастҳои пай дар пайе, ки тоҷикон дар дарозои таърих ба он рӯ ба рӯ шудаанд, муаллиф бо ҷасорат ба ин хулоса мерасад: «Бузургтарин фоҷеаҳое, ки дар тӯли асрҳо ба сари миллати тоҷик омадаанд, аз зарфияти камтарини дарки оммаи мардум дар қиболи воқеияти ҳастӣ сарчашма мегиранд» [6]. Бояд гуфт, ки дар осебшиносии таърихи миллати тоҷик ин назария ва хулосаи бисёр муҳим қобили таҳқиқ ва пажӯҳиш аст. Ҳам таърихнигорӣ ва ҳам оянданигарии мо бояд бар мабнои ҳамин назария ва ҳамин андеша шакл бигирад. Мутаассифона, то кунун ҳеҷ яке аз бузургони мо аз ин манзар таърихи моро мӯшикофӣ ва осебшиносӣ накардааст. Умуман, осебшиносӣ дар соири илмҳои муосир, хусусан, осебшиносии таърих асли муҳим барои ояндаи миллатҳо маҳсуб мешавад, ки дар илми мо ривоҷ надорад. Ин масъала қобили баҳси ҷудогона аст.

Мутаассифона, метавон гуфт, ки тоҷикон дар олами муосир аз ҷумлаи камтарин миллатҳое ҳастанд, ки «фардои худро на ба қудрат, тавоноӣ, воқеият, имконоти инсонӣ, ҳолат ва вазъияти ақлонии мавҷудоти соҳибтафаккур», балки ба тақдир ҳавола кардаанд. Мушоҳидаи муаллиф дар мавриди қиёси мизони динзадагии миллатҳои Осиёи Марказӣ ҳам қобили таваҷҷуҳ ва дақиқ аст: «... барои чӣ, ҳадди ақал, дар Осиёи Миёна ва умуман, Осиёи Бузурги Марказӣ, миллати тоҷик нисбат ба дигар халқияту миллатҳо майли зиёдтар ба таваккалу тақдирсолорӣ дорад?» [6].

Бояд гуфт, ки дар ҳақиқат дар ин миён мо танҳо миллате ҳастем, ки аввал ба ақида ва дини худ менозем, баъд ба миллати худ. Дар аксари маврид миллатро муҳим намешуморидем ва намешуморем. Хусусан, барои аҳли таассуб ва хурофот дар тӯли таърих миллат ва давлат муҳим набуд ва имрӯз ҳам

нест. Он ки аз давлат гоҳе имрӯз ҳам ҳимоят мекунанд, аз рӯйи риёст, на вафо ва садоқат.

Аз ҳамин ҷиҳат аст, ки омили суқути ҳамаи давлатҳои миллии тоҷикон, чӣ то исломӣ ва чӣ замони исломӣ динзадагӣ ва ҳамон ҳаволаи оянда ба тақдир буд ва ҳаст. Имрӯз ҳам дар андешаи аксари кулли диндорон ҳамин ақида чира аст, ки дар сурати ҳамлаи як кишвари исломӣ оё мо ҳаққи шаръии ҳимоят аз худро дорем ё не? Ин тоифа дар асли худ ба ақидаи давлат-миллат боварманд нестанд. Ва дар ҳавои 1400 соли пеш ба сар мебаранд. Ин ҷо бояд ҳатто зикр намуд, ки дар таҳти шуури баъзе аз афрод ҳатто андешаи хилофатхоҳӣ ҳам зинда аст. Яъне андешаи ДИИШ-ӣ, ки аз маҷрои сиёсӣ тавассути қудратҳои фароминтақавӣ обёрӣ ва фарбеҳ шудааст.

Ҳатто сабаби иқтидори сиёсиро аз даст додани тоҷикони Афғонистон, ки наздики даҳ сол (1992 - 2001) қудратро дар ихтиёр доштанд, пойбандии беш аз ҳадди онҳо ба арзишҳои динӣ назар ба андешаи миллӣ буд. Баъди қатли Аҳмадшоҳи Масъуд маълум гашт, ки танҳо тоҷики соҳибнуфузе, ки «фардои худро ба қудрат, тавоноӣ, воқеият, имконоти инсонӣ, ҳолат ва вазъияти ақлонии мавҷудоти соҳибтафаккур» вобаста медонист, ба иқтидори сиёсӣ барои бақои миллат бовар дошт, шахси Аҳмадшоҳи Масъуд будааст. Баъди вафоти ӯ дар ҳамсоякишвар ихвониҳо андешаи «қудрати сиёсӣ»-ро ба ақидаи «тақдири илоҳӣ» иваз намуданд.

Иттифоқан, тоҷик шояд танҳо миллати соҳибдинест, ки на аз дини миллии худ ва на аз динҳои дигаре, ки дар дарозои таърих ба ӯ таҳмил шуда, ҳаргиз ба нафъи бақои миллӣ фоида наҷустааст. Балки динхӯйӣ дар ин муддат барои давлатҳои миллӣ ва ҳувияти миллӣ кушанда воқеъ шуда ва имрӯз ҳам бузургтарин таҳдид ба ҳастии давлат динзадагии афрод ва ба хислати фардӣ табдил шудани он аст. Дар дараҷаи аввал хатари ба хислати фарогир табдил шудани ҳамин зуҳурот вуҷуд дорад, ки он гоҳ ба таҳдиди билфеъл барои вуҷуди давлати миллӣ низ табдил хоҳад шуд.

Ин дугонагии тафаккур садсолаҳост, ки дунболагири афроди миллат аст, ҳоло ман дар худам ин ҷуръатро суроғ надорам, то бигӯям, он хислати миллии моро ташкил медиҳад, аммо шодравон Лоиқ Шералӣ бо дарки умқи масъала ва вусъати пайомади он, ин ҷасоратро дошт, ки гуфта буд:

***Миллати мо миллати яклахт нест,***
***З-ин сабаб хушдавлату хушбахт нест.***

[2].

Ин давоми ҳамон андешаи шоири дигари забони тоҷикии форсӣ Муҳаммад Иқбол аст, ки бовар дошт:

*Миллат аз якрангии дилҳостӣ,*
*Равшан аз як ҷилва ин симостӣ.*
*Қавмро андешаҳо бояд яке,*
*Дар замираш муддао бояд яке.*
[3].

Аз ин манзар, хулосаи муаллиф роҷеъ ба аҳамияти усули ташаккули андешаи воҳиди миллӣ, қобили таваҷҷуҳ аст: «Муваффақияти миллат, таъмини амният ва рушди он ба раванд ва натиҷаи ҷамъиятикунонии (милликунонии) андешаи аъзои он вобаста аст» [6].

Албатта, мафкура ё идеологияи давлатӣ ҳамеша бар мабнои бовару ормонҳои миллӣ, ки маҷмуи ҳаёти фарҳангӣ, сиёсӣ ва иҷтимоии миллатҳоро дар маҳдудаҳои замонию маконӣ муайян мекунанд, сохта мешавад. Ва тафаккури дунявӣ, ки ба ҳайси як ҷаҳонбинии фарогир дар ҷомеаи муосир ҷой уфтодааст, реша дар хиради тоҷикӣ ва ориёии мо, дар биниши миллии мардуми мо дорад. Хиради тоҷикӣ, ки бар мабнои таҷриба, бовар ва ҷаҳонбинии гузаштагони мо ташаккул ёфта буд, барои ба вуҷуд омадани давлатҳои миллию дунявӣ, барои ҳифзи асолати миллӣ дар марҳилаҳои мухталифи сарнавиштсози таърих мусоидат намуд.

Дар боварҳои куҳани миллии мо масъалаи давлатсозӣ ва иштироки мардум дар рушди сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии кишвар ба унвони асл матраҳ мебошад. Мувофиқи боварҳои миллии мо, низоми сиёсӣ бояд бар мабнои мафҳум ва қарина (консепсия)-и ахлоқии меҳр, хирад, ростӣ, дод ва озодӣ бунёд ёфта бошад. Ин ҳама падидаест, ки муаллиф онро дар хусусияти давлати миллӣ ва сифатҳои шахсии Пешвои он пайдо намудааст: «Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, шояд аз нодиртарин раҳбарони сиёсии олам аст, ки бо мардуми одӣ ба тарзи мустақим, рӯ ба рӯ суҳбат ва ҷаласаҳо мероояд. Бо тамоми қишрҳои аҳолӣ... батафсил, тахассусмандона, бурдборона, бо дарки хусусияти шахсӣ, дараҷаи дониш ва касбияти ҳар кас муошират мекунад. Ба муҳтавои нутқи ҳар кадом таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамояд. Бо ин восита мехоҳад, тасаввурот ва маълумоти худро оид ба ҳолу аҳвол, сатҳи маърифатнокии онон бозсанҷӣ, хулосабарорӣ ва чораҷӯӣ кунад. Ин усул ва тарзи давлатдорӣ намунаи олии ҳидояткунандаи раҳбарист» [6].

Албатта, ба қадри ин заҳматҳо бояд расид ва ба он посухи муносиб дод, то дар роҳи расидан ба рифоъ, тавсеа ва ҳамзамон ташккули як хислат ва як тафаккури воҳиди миллӣ ё ба ибораи шоир «яклахт сохтани миллат» ҳамовозӣ ва кумак кунем.

Хирад, – яъне дониш, фаросат, огаҳӣ, ҳуш, дарк, зиракӣ, дарёфт ва тадбир, (*Шарофатномаи Мунирӣ, Анҷуманорои Носирӣ, Деҳхудо*) бо усулҳои аслии дунявият мисли илмгароӣ ва инсонгароӣ созгорӣ

дорад. Бинобар ин, талоши ба ҷойгоҳи худ бозгардонидани хирад ва озодсозии зеҳни миллӣ аз ишғоли таърихӣ вазифаи муқаддас аст. Зеро вақте «бахти араб бар Аҷам чира шуд», хирад ва хирадварзӣ ҷойи худро ба ақлонияти динӣ ва тақдири аз пештаъйиншуда дод. Фард озодиву қобилияти зояндагии фикрӣ ва миллат рӯҳияву иқтидори ҷаҳонкушоии худро бохт. Аз ин нигоҳ, хулосаи муаллиф саҳеҳ ва қобили дарк аст: «Муҳтавои ҷаҳонбинӣ ва равандҳоеро, ки дар ҷомеаи имрӯзаи мо тоҷикон, онро дар сатҳҳои гуногун, ба тарзи одӣ «пайравӣ ба фарҳанги бегона» меноманд, падидаи маъмулӣ - ғуломии рӯҳӣ ва ақидатӣ аст. Чизи дигаре нест. Маҳз ҳамин ҳолат, ҳамин ҷаҳонбинӣ муҳтавои гуфтор ва рафторҳои ғуломонаро тавлид, ташвиқ, тарғиб, «асоснок» ва барои мутеъшавӣ ба онҳо истодагариву якравӣ мекунад».

Ин ҷо суханони машҳури нависандаи бузург Лев Толстой ба ёд меояд, ки гуфтааст: «Бадбахттарин ғулом инсонест, ки хиради худро ба ғуломӣ додааст ва чизеро воқеият мепиндорад, ки хирадаш онро қабул надорад» [5].

Акнун дар ин маврид муносибат ба масъалаи мазкур муҳим аст. Бояд эътироф кунем, ки ғуломон дар фикри озодӣ нестанд, ин инсонҳои озода ҳастанд, ки ғуломонро озод месозанд. Бинобар ин, вазифаи давлати миллӣ дар симои маориф ва барномаи таълим иҷрои ҳамин вазифаи муҳим аст. Мутмаинан, агар давлати Сомониён ҳазор сол пойдор мемонд ва ё давлатҳои дигари миллӣ идома мекарданд, мо ҳоло ба як марҳили дигаре аз ғурури миллӣ ва истиқлоли фикрӣ расида будем. Ба ин маънӣ дарк, бардошт ва хулосаи муаллиф аз иллат ва сайри таърихии таҳаввули фикри миллӣ саҳеҳ аст: «Натиҷабардорӣ ва хулоса он аст, ки рӯҳ ва маънавиёти ғайримиллӣ натиҷаи ҳолати ғуломӣ, адами пуштибони аслӣ – ҳокимияти сиёсии миллати тоҷик дар тӯли ҳазор сол аст» [6].

Аммо бояд эътироф кунем, ки он чизе дар садсолаҳо шикаста шуда ва зарба хӯрдааст, то ин ки тармим шавад, роҳи дароз дорад. Яъне заҳмати зиёд мехоҳад, то дубора, хирад ва хирадварзӣ, ҷойи таваккал ва тақдирпарастиро бигирад. Дар ҳар сурат, масъалаи муҳим барои мо боз гардонидани хирад ва ё бозгашти мо ба хирадварзист. Ин вазифаи муқаддаси мактаб аст. Зиёиён ва олимон бояд дар ин масъала ба давлат кумак кунанд.

## Масъулият ва бухрони бекифоятӣ

Бидуни шак, мактаб курраи миллатгудозӣ, шахсиятсозӣ аст. Он чӣ мебинем ва он чӣ дорем, маҳсули мактаб аст. Тавре муаллиф зикр намудааст, «Дар мамлакат шароити воқеӣ барои рушди маорифи миллӣ, асосан,

омода шудааст. Аммо омили инсонӣ, масъулияти мудирият дар соҳаи мафкурасозӣ ҷавобгӯи талаботи замон нест» [6].

Агарчи дер, аммо бо истифода аз фурсати муносиб, мехоҳам ба профессори муҳтарам, узви вобастаи АМИТ муҳтарам Саймумин Ятимов барои таваҷҷуҳе, ки ба китоби «Андешаҳои дунявӣ дар адабиёти классикии тоҷику форс» зоҳир намуданд ва тақризи фарогир, ширкат ва суханронияшон дар муҳокимаи китоб, изҳори сипос ва миннатдории самимии муаллифонро изҳор намоям. Маҳз тақриз ва тавсияи мазкур буд, ки китоби «Андешаҳои дунявӣ дар адабиёти классикии тоҷику форс» мутобиқ ба таъйинот ва рисолати аслии худ таҳия ва ислоҳ шуд.

Ин ҷо ба ҷузъиёти нуктаҳои мавриди баҳс дар китоб намепардозам, танҳо бояд гуфт, ки эродҳои профессори муҳтарам дуруст ва усулӣ буданд. Аммо як нуктаеро мехоҳам ёдоварӣ намоям, ин аст, ки дар лоиҳаи аввалияи бархе саҳифаҳои он китоб, ки мавриди муҳокима қарор гирифт, воқеияти тарзи тафаккури ҷомеаи илмӣ ва умуман андешаи дугона дар зеҳни ҷомеаи мо ба намоиш омада буд. Зеро мо ҳудуди 70 тақриз аз муассисаҳои илмӣ ва донишгоҳҳо (роҷеъ ба муҳтавои ҳар боб то 3 тақриз) гирифтем. Он ҳам баъди ислоҳ ва таҳрир, ки ба ҳайси ҳамоҳангсози гурӯҳи таҳиягар анҷом додем. Ҳеҷ муқарризе ба масъалаи тарзи ҷаҳонбинӣ ва зикри масъалаҳои усулӣ дар китоб изҳори назар накард. Баръакс, муаллифонро дар баъзе маврид ба эҳёи дидгоҳи замони Шӯравӣ дар нисбат ба масъала муттаҳам месохтанд.

Бинобар ин, муаллифи муҳтарам вазъиятеро, ки дар таҳияи китобҳои дарсӣ, барномаи таълимӣ ва мушкилеро, ки дар ҷаҳонбинии муаллифон ҷой дорад, инчунин сабаб ва омилҳои вазъияти мавҷудро ба тафсил таҳлилу матраҳ намудаанд. Ба он чизе изофа намудан мушкил аст. Ҷойи баҳс ҳам надорад. Фақат бояд афзуд, аз нигоҳи осебшиносии маориф ё низоми омӯзишу парваришро ба ин вазъият «буҳрони бекифоятӣ» (incompetence crisis) метавон гуфт. Ин як амри табиист, бояд онро эътироф кард, осебшиносӣ намуд ва барои ислоҳи он ирода варзид.

Ба қавли А. Эйнштейн, «бидуни буҳрон, озмоишҳои ҷиддӣ пушти сар намешаванд. Ва буҳрони аз ҳама воқеӣ буҳрони бесалоҳиятӣ аст» [4]. Бояд гуфт, ки ин фақат мушкили нависандагони китобҳои дарсӣ нест. Ин ба як мушкил барои идораи муассисаҳои маориф, донишгоҳҳо ва муассисаҳои илмӣ низ табдил шудааст. Яъне, мушкил ин ҷо умдатан мушкили адами кадрҳои шоиста, огоҳ ва боиродаи миллист.

Муаллиф, зимни натиҷагирӣ аз пажӯҳиши худ роҷеъ ба роҳҳои ҳалли масъала, аз ҷумла таъкид мекунад: «Дар ин раванд олимоне, ки ба навиштани китобҳои дарсӣ ҷалб карда мешаванд, бояд на танҳо донишманди соҳибтаҷриба, дар байни аҳли илм эътирофгардида, ҳамзамон, боҷасорат, худогоҳ, хештаншинос, ватанпараст, соҳибтадбири худшиносии миллат, рӯҳбахш, вассофи рӯҳи тоҷикият, хирадситой, масъул, афзояндаи ғурур ва ифтихори миллӣ бошанд» [6].

Албатта, мутлақо дуруст аст, вале бояд фақат афзуд, ки хуб мебуд, онҳое низ, ки «ба ҷалби олимон барои навиштани китобҳои дарсӣ машғуланд», яъне масъулини соҳа ҳам донишманд, худогоҳ, хештаншинос ва хирадситою бо дарки амиқи миллӣ, ҷаҳонбинии илмӣ ва босалоҳияту бокифоят бошанд. Ин ҷо масъулият миёни муаллифон ва масъулин баробар тақсим аст, балки бори масъулият ва рисолати масъулон бештар аст.

Бинобар ин, роҳи берунрафт аз вазъият кумак хостан ва боварӣ кардан ба қишри боирода, соҳиби андешаи миллӣ, ҷаҳонбинии илмӣ, босалоҳияту бокифоят, шинохтан ва гумоштани онҳо ба идора ва роҳбари муассисаҳои маориф, барномаҳои таълимӣ ва илмӣ мебошад.

Он гоҳ метавонем ба тарбияи шоиста ва ба камол расонидани насли худогоҳ, миллиандеш, хирадгаро ва бокифояту босалоҳият, ки бақои давлати миллӣ ва ояндаи дурахшони миллатро тазмин намояд, умед бибандем ва дар татбиқи роҳнамоиҳои Паёми Пешвои муаззами миллат саҳм бигирем.

**АДАБИЁТ**:


1. Ахтарони адаб. Ҷилди 47. Бозор Собир. – Душанбе: Адиб, 2020.
2. Ахтарони адаб. Ҷилди 47. Лоиқ Шералӣ. – Душанбе: Адиб, 2020.
3. Иқбол А.М. Куллиёти форсӣ. – Исломобод, 1997.
4. Мерло-Понти М. В защиту философии. Эйнштейн и кризис разума.//дастрасӣ: https://sci.house/filosofiya-osnovi-scibook/eynshteyn-krizis-razuma-18287.html. (20.01.23).
5. Толстой Л.Н. Лев Николаевич Толстой, Цитаты. // дастрасӣ: https://socratify.net/quotes/lev-tolstoi. (20.01.23).
6. Ятимов С.С. «Тавоно бувад, ҳар ки доно бувад» (андешаҳо перомуни Паёми Пешвои миллат) / С.С. Ятимов // Илм ва ҷомеа. – №1(31), 2023.

# НАВРӮЗ – ҶАШНИ МИЛЛИСТ, НА ДИНӢ
# НАВРУЗ – НАЦИОНАЛЬНЫЙ, А НЕ РЕЛИГИОЗНЫЙ ПРАЗДНИК
# NAVRUZ – NATIONAL, BUT NOT RELIGIOUS HOLIDAY

***Саидов К.И.***
***Saidov K.I.***

*Сардори кафедраи забонҳои хориҷии Мактаби олии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон*

*Начальник кафедры иностранных языков Высшей школы ГКНБ Республики Таджикистан*

*Head of the department of foreign languages of the Higher school of the State Committee for National Security of the Republic of Tajikistan*

**Анотатсия:** Дар мақола муаллиф таъкид менамояд, ки Наврӯз барои тоҷикон, ки меросбарони бевоситаи фарҳанги бостонии ориёӣ мебошанд, аз қадим то имрӯз як зуҳуроти бисёр қавии ҳувиятсоз, яке аз рукнҳои муҳимми худшиносиву худогоҳӣ, унсури ҷудоинопазири фарҳанги миллӣ ва ҷузъи барҷастаи ҷаҳонбиниву ҷаҳоншиносӣ ба шумор меравад. Бо такя ба сарчашмаҳои боэътимоди илмию таърихӣ, фиқҳию ривоятҳои исломӣ, муаллиф кӯшиш намудааст, ки масъалаи ҷашни мазҳабию динӣ набудани Наврӯз, балки иди миллию қавмии миллати куҳанбунёди тоҷик маҳсуб шудани онро баррасӣ намояд. Қайд мегардад, ки Наврӯз яке аз бузургтарин ҷашнҳои фарҳангии ҷаҳонӣ буда, дар ташаккул, рушд ва густариши иду ойинҳои минбаъдаи ақвоми мухталифи башарӣ нақши муассир гузоштааст.

**Калидвожаҳо**: Наврӯз, ҷашни миллӣ, худогоҳӣ, худшиносӣ, ҳувияти миллӣ, ҳадис, ривоят, ислом, зардуштия, тамаддун, фақеҳ, расму ойин, таҳдиду хатарҳои муосир, салафия.

**Аннотация**: В статье автор подчеркивает, что для таджиков, являющихся прямыми наследниками древней арийской культуры, Навруз с древних времен и до наших дней является очень ярким проявлением менталитета, одним из важных столпов самопознания и самосознания, неотъемлемым элементом национальной культуры и видной частью мировоззрения и миропознания. Опираясь на достоверные научно-исторические источники, исламскую юриспруденцию и легенды, автор попытался обсудить вопрос о том, что Навруз является не сектантским и религиозным, а национально-этническим праздником древнего таджикского народа. Отмечается, что Навруз считается одним из крупнейших культурных праздников в мире и сыграл эффективную роль в становлении, развитии и распространении последующих праздников и обрядов различных народов.

**Ключевые слова:** Навруз, национальный праздник, самосознание, самопознание, национальный менталитет, хадис, легенда, религия, ислам,

зороастризм, цивилизация, правовед, ритуал, современные вызовы и угрозы, салафизм.

**Annotation**: In the article, the author emphasizes that for Tajiks, who are the direct heirs of the ancient Aryan culture, Navruz from ancient times to the present day is a very vivid manifestation of self-consciousness, one of the important pillars of self-knowledge and self-consciousness, an integral element of national culture and a prominent part of the ideology and worldview. Based on reliable scientific and historical sources, Islamic jurisprudence and legends, the author tried to discuss the issue that Navruz is not a sectarian and religious holiday, but a national-ethnic holiday of the ancient Tajik people. It is noted that Navruz is one of the largest cultural holidays in the world and has played an effective role in the formation, development and spreading of subsequent holidays and rituals of various peoples.

Отмечается, что Навруз является одним из крупнейших культурных праздников в мире и сыграл эффективную роль в становлении, развитии и распространения последующих праздников и обрядов различных народов.

**Keywords:** Navruz, national holiday, self-consciousness, self-knowledge, national mentality, hadith, legend, religion, Islam, Zoroastrianism, civilization, jurist, ritual, modern challenges and threats, Salafism.

***«Ҳар ки Наврӯз ҷашн кунад ва ба хуррамӣ пайвандад, то Наврӯзи дигар умр дар шодӣ ва хуррамӣ гузорад».***

аз «Наврӯзнома»-и Умари Хайём

### Ба ҷойи сарсухан

Наврӯз ҳамчун бузургтарин ойини мардумӣ ҳанӯз аз оғози пайдоиши он то ба имрӯз, ки таърихи беш аз шаш ҳазор солро дар бар мегирад, ҳамчун рамзи оғози сол, яъне айёми баробаршавии шабу рӯз, эҳёи табиат, оғози мавсими кишту кор, ибтидои корҳои саҳроӣ ва фаъолияти кишоварзон ҷашн гирифта мешавад.

Наврӯз ва расму ойинҳои махсуси он таърихи тӯлонӣ доранд, ки дар тӯли садсолаҳо аз даврони ориёиҳо, Ҳахоманишиён, Ҳайтолиёну Ашкониён, Сосониёну Сомониён то ба имрӯз бо ҳама пастиву баландиҳои худ зиндагӣ ва эътибори хоссае доштааст. Минтақаи ҳавзаи Наврӯз масоҳати бузург ва халқҳои зиёдеро дар Осиёу Аврупо, Африқо, аз ҷумла Тоҷикистон ва кишварҳои Осиёи Марказӣ, Озорбойҷон, Россия, Эрон, Афғонистон, Миср, баъзе қисматҳои Ироқ, Туркия, Покистон ва ғайра фаро мегирад.

Дар ин муддати тӯлонии таърихӣ ин иди бузурги аҷдодиамон дар радифи халқу миллатҳои ориёинажод, бахусус тоҷикон, борҳо ба муқобилиятҳо ва мухолифатҳои мазҳабии аҷнабиёну бадхоҳон мувоҷеҳ гардида, гирдобу ҳаводис ва

мухолифатҳои гуногуни давру замонҳоро паси сар намудааст.

Ба сифати ҷашни ҷаҳонӣ пазируфтани Иди Наврӯз аз бузургию шаҳомат, решаҳои амиқи фарҳангию таърихӣ ва ҳуқуқию иҷтимоӣ доштани он шаҳодат дода, далели эътирофи тамаддуни ориёинажодон, аз ҷумла тоҷикон, мебошад.

Халқи тоҷик чун меросбардори ориёиву Сомониён, баъди расидан ба соҳибистиқлолӣ, анъанаҳои арзишманди умумибашарӣ, аз ҷумла, Наврӯзро ҳам умри дубора бахшид ва бо талошу ташаббусҳои созандаву дурандешонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон 19-уми феврали соли 2010 Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид қатъномаеро қабул кард, ки тибқи он ҷашни Наврӯз мақоми байналмилалӣ касб намуд. Иди Наврӯз соли 2009 аз ҷониби Кумитаи ҳифзи мероси фарҳангии Созмони Милали Муттаҳид расман ба феҳристи ЮНЕСКО оид ба мероси башарияти фарҳанги ҷаҳонӣ дохил гардид.

Таҷлили ин иди ниёгон сол ба сол, бо таровати тоза, бо ҷилои рангин, бо навгониҳои мувофиқ ба замони муосир ҷараён мегирад. Тозаву обод кардани манзил, кӯчаву роҳравҳо, сарсабзу хуррам намудани макони зист, шинонидани ниҳол, донаи ин ё он зироатро зери хок кардану гузоштани пойдевори бинои нав, ташаббусҳои хайру эҳсон нисбат ба маъюбону оилаҳои камбизоат аз замони пайдоишаш то имрӯз аз ҷумлаи рисолатҳои аслии Наврӯзи дилафрӯз маҳсуб меёбад.

Дар бораи таъриху таҳаввулот ва этимологияи вожаи «Наврӯз», шоирону нависандагон, ба монанди Шамсуддини Димашқӣ, Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ, Абулқосим Фирдавсӣ, Умари Хайём, Носири Хусрав, Ҳофизи Шерозӣ, Садриддин Айнӣ, Мирзо Турсунзода, муҳаққиқону олимон ва коршиносони ватанию хориҷӣ, мисли Дорместетер, Кристенсен, Абӯрайҳони Берунӣ, Меҳрдоди Баҳор, Ҳошим Разӣ, Манучеҳри Ҷамолӣ, М. Рӯҳуламинӣ, М. Ҳазратқулов, К. Бекзода, Р. Аҳмад, Д. Раҳимов, К. Олимов, Ф. Баротзода, Т. Мардонӣ, Ҷ. Асрориён, Н. Нурзода ва дигарон бисёр гуфтаанду навиштаанд. Маълумотҳои бевосита ва пураҳамиятро дар сарчашмаҳои адабию таърихӣ, ба монанди «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, «Наврӯзнома»-и Умари Хайём, «Осор-ул-боқия» ва «ат-Тафҳим»-и Абурайҳони Берунӣ, «Зайн-ул-ахбор»-и Абулсаиди Гардезӣ, «Ал-маҳосин ва-л-аздод»-и Кисравӣ ва чанде дигар метавон пайдо кард, ки ба таърихи пайдоиши Наврӯз ва расму ойини он бахшида шудаанд.

Дар ҳар давру замон Наврӯз бо анъанаҳои неки худ, мантиқу

фалсафа, донишу хирад, меҳру муҳаббат, сулҳу субот ва шодиву нишот дар тӯли ҳазорсолаҳо барои мардуми мо ҳамчун омили ҳувиятсозу муттаҳидкунанда хизмат кардааст.

**Чанд сухан дар бораи таърихи Наврӯз**

Раванди таърихии худшиносии миллиро, ки ба Наврӯз иртиботи бевосита дорад, яке аз муҳаққиқони таърихи ташаккул ва таҳаввули ин ҷашни бошукӯҳи миллати куҳанбунёд Нозим Нурзода дар мақолаи «Наврӯзи бостонӣ ва марҳилабандии худшиносии миллӣ» [6] шартан ба панҷ марҳила тақсимбандӣ намудааст:

1) марҳилаи аввали худшиносии миллӣ бо зуҳури Наврӯз оғоз меёбад, ки бо шахсияти устуравии Ҷамшеди пешдодӣ вобастагӣ дорад;

2) марҳилаи дуюми худшиносӣ, ки ба Наврӯз иртибот дорад, ба даврaҳои салтанати ду сулолаи бузурги миллӣ – Ҳахоманишҳо ва Сосониён рост меояд;

3) марҳилаи сеюми худшиносӣ, ки реша дар Наврӯзи бостонӣ дорад, ба давраи ҳукмронии сулолаи тоҷикии Сомониён алоқаманд аст;

4) давраи дигари наврӯздӯстдорӣ ва арҷгузорӣ аз Наврӯз ба охирҳои солҳою ҳафтодуми садаи бистуми замони салтанати давлати Шӯравӣ рост меояд;

5) марҳилаи Истиқлоли давлатӣ уфуқҳои тозаро барои таҷлили саросарии Наврӯзи бостонӣ кушода, он ба сифати бузургтарин ҷашни аҷдодӣ ва миллӣ мавриди таҷлили ҳамагонӣ қарор гирифт.

Чунончи, Фирдавсӣ дар достони падид омадани Наврӯз нақл мекунад, ки вақте Ҷамшед аз корҳои кишвардорӣ бар тахти подшоҳӣ нишаст ва ҳама бузургони лашкар ва кишвар гирди ӯ ҷамъ шуданд. Ҷамшед он рӯзро, ки нахустин рӯз аз фарвардин ва оғози сол буд, Наврӯз номид ва ҷашн гирифт:

**Ба Ҷамшед-бар гавҳар афшонданд,**
**Мар он рӯзро рӯзи нав хонданд.**
**Сари соли нав Ҳурмузи фарвардин**
**Баросуда аз ранҷ тан, дил зи кин.**
**Бузургон ба шодӣ биёростанд,**
**Маю ҷому ромишгарон хостанд.**
**Чунин рӯзи фаррух аз он рӯзгор**
**Бимонда аз он хусравон ёдгор**
[1,63].

Наврӯз яке аз қадимтарин ҷашнҳои мардуми тоҷику форсизабон маҳсуб мешавад. Воқеан, тамоми қавму миллатҳо оғози соли навро бо як шаҳомату шукӯҳи хос таҷлил мекунанд. Аммо соли нави мардуми ориёитаборон ба куллӣ аз ҳамаи ҷашнҳои соли нави дар дунё

маъруфбуда, фарқ мекунад. Чунончи, масеҳиён соли нави худро аз рӯзи мавлуди Исои Масеҳ, соли нави қамарӣ, ки бештари қавмҳои сомӣ аз он пайравӣ мекунанд, аз ҳиҷрати пайғамбари ислом оғоз меёбад. Мардуми Чину Ҷопон ва ғайра низ соли нави ба худ хос доранд, аммо ҳеҷ кадом аз инҳо ҷавобгӯйи аслии ин мафҳум, яъне оғози соли нав аз нигоҳи табиатро надоранд ва танҳо ин ҷашни қадимии мардуми ориёитабор пурра ба ин мафҳум ҷавобгӯ мебошад. Зеро маҳз дар моҳи фарвардин (март) табиат аз хоби зимистонӣ бедор шуда, ориёиҳо ин бедориро Наврӯз ном ниҳоданд ва аз қадимтарин даврони таърихи хеш ин ҷашни бошукӯҳро то ба ин рӯз зинда нигоҳ доштаанд. Наврӯз чуноне аз номаш аён аст, **ҷашни миллии қавми ориёист ва метавон гуфт, бузургтарин ҳадяи ин қавм ба тамаддуни башарист.**

Барҳақ, Пешвои муаззами миллат дар Паёми шодбошиашон ба фарорасии Наврӯз таъкид карда буданд: *«Ҷашни Наврӯз барои мо – тоҷикон, ки меросбарони мустақими тамаддуни бостонии ориёӣ мебошем, аз қадим то имрӯз як падидаи бисёр қавии ҳувиятсоз, яке аз рукнҳои муҳимми худшиносиву худогоҳӣ, унсури ҷудоинопазири фарҳанги миллӣ ва ҷузъи барҷастаи ҷаҳонбиниву ҷаҳоншиносӣ ба шумор меравад»*[5]

**Шебу фарозҳои Наврӯз дар тӯли таърих**

Мутаассифона, душманони мардуми ориёӣ чандин маротиба кӯшиш карда буданд, ки ҷашни миллии ниёгони моро аз байн баранд. Аммо дар тӯли таърихи халқи куҳанбунёди тоҷик чандин нафар сарсупурдагони миллат ҷон ба каф гирифта, барои пойдории Наврӯз мубориза бурдаанд. Хушбахтона, имрӯз Наврӯз ҷаҳонӣ гаштааст, аз ин рӯ ҳар як фарди баору номус ва ватандӯсту дӯстдори миллату фарҳанги тоҷикро зарур аст, ки ба қадри ин ҷашну бошукӯҳу мондагор бирасанд ва ба он арҷ гузоранд.

Барои таъкиди сухан ба мақолаи «Лаҳзаҳо аз таърихи Наврӯз» рӯ меорем, ки дар он воқеае аз китоби «ал-Комил фи-т-таърих»-и Иззудин Абуҳасан Алӣ маъруф бо номи Ибни Асир (ҷ.18, с.301) иқтибос гардидааст, ки ба **кӯшиши бебарори дигар кардани ном ва вақти Наврӯз** вобастагӣ дорад: *«Дар замони хилофати Аббосиён, соли 282 ҳиҷрӣ / 895 мелодӣ халифаи араб Абулаббос Аҳмад ал-Муътазид (892-902) хост, ки номи ҷашни Наврӯзро дигар кунад. Онро на Наврӯзи эронӣ, балки* ***Наврӯзи муътазидӣ*** *номанд. Ҳамчунин санаи баргузор гаштани онро на дар якуми моҳи фарвардин, балки дар санаи ёздаҳуми моҳи ҳазирон (июн) қайд кунанд. Барои амалӣ гаштани ин кор вай супориш медиҳад, ки ба тамоми қаламрави*

*кишвар мактуб фиристонанд ва номи Наврӯз ба номи халифа пайваст гардад ва он ба моҳи июн рост меояд, ҷашн гирифта шавад»*[3].

Муаллифи мақола эълон гаштани чунин тадбирро ба хотири осон кардани супоридани хироҷ – як навъ андоз аз ҳосили рӯёнида номидааст. Он замон мардум бо баробари фарорасии Наврӯз хироҷ месупоридаанд. Вале ба андешаи мо, ки иқдом андешаи сиёсӣ дошта, халифа ал-Муътазид мехост, бо иваз намудани номи Наврӯз, онро ба фарҳанги миллии халқи араб мубаддал гардонад. Аммо ин табдилдиҳӣ (Наврӯзи муътазидӣ) дер давом накард ва он ба зудӣ аз байн рафт. Мардум боз Наврӯзро дар оғози моҳи фарвардин – ҳамал ҷашн мегирифтанд. Воқеаи мазкур далели он аст, ки ба таври маҷбурӣ ва бо сиёсати беандешонаю ҷоҳилона ҷашни мардуми бумиро тағйир дода намешавад ва он боз ба асли худ бармегардад.

Вобаста ба ин, овардани суханони Президенти кишвар хело бамаврид мебошад: *«Ҳарчанд ки дар давраҳои гуногуни таърихи ташаккули худ ин ҷашн таҳти таъсири монеаву маҳдудиятҳои зиёд қарор гирифтааст, вале бинобар асолати табиӣ, арзишу аҳамияти ҷовидонаи мардумӣ ва фалсафаи нерӯманд доштанаш зиндаву поянда монда, то замони мо расидааст»* [5].

Бале, бояд таъкид дошт, ки дар таърихи тамаддуни башарӣ, ба монанди Наврӯз ҷашни мондагортарин ва куҳантарин тақрибан дар ҳеҷ халқу миллати дигаре вуҷуд надорад. Ҷашне, ки таърихи гузаштаи 6000-сола дошта, давраҳо ва ҷамъиятҳои гуногуни таърихӣ (ғуломдорӣ, феодалӣ, капиталистӣ ва сотсиалистӣ)-ро бо ҳама шебу фарозҳояш, бо лашкаркашииии аҷнабиёну бегонаситезии нохалафони миллаташ, бо ҳама мағлубияту музаффариятҳояш тавонистааст худро ҳифз намояд.

Ҷашни Наврӯз, дар баробари лашкаркашиҳои Искандари Мақдунӣ, ки бо ҷаҳолати беандоза бузургаш, шаҳрҳо, китобхонаҳо, осори фарҳангию бадеии халқҳои тоҷику форсро сӯхта нобуд сохт ва сарватҳои онро ба ғорат бурд, худро нигоҳ дошт ва ҳамчун унсури эҳёгар, ҳувиятсоз барои дубора эҳё гаштани фарҳанги ориёӣ нақши асосӣ ва бориз бозид. Арабҳои бодиянишину кӯчманчӣ низ, пас аз ғолиб омадан ва шикасти империяи бузурги Сосониён ва ворид шудан ба манотиқи Шарқи Наздику Миср, Хуросону Мовароуннаҳр, бештари расму ойинҳо ва арзишҳои муҳимми қавмҳои зери ҳокимияти худ гирифтаро аз байн бурданд ва ҳатто сабабгори он шуданд, ки халқҳои соҳибтамаддун, ба монанди мисриёну сурёниҳо, на танҳо арзишҳои фарҳангӣ, балки

забони хешро низ аз даст доданд. Вале ҷашни миллии мардуми тоҷику форс – Наврӯз дар кашмокашиҳои хонумонсӯзи урдуи ғоратгари араб низ тавонист асолату ҳувияти хешро ҳифз намояд ва муддати тӯлонӣ халифаҳои Аббосӣ аз он ҷашн мегирифтанду ҳадяҳои наврӯзиро ба хушӣ қабул мекарданд.

Ба нобаробариҳои сиёсию фарҳангӣ нигоҳ накарда, *«рӯшанфикрону фарҳангиёни форсу тоҷик бо андешаи муқаввои миллӣ барои дифоъ аз фарҳангу маънавиёти бостонӣ бо сиёсати мутаассиби арабӣ сахт муқовимат карданд. Таҷлили ҷашни Наврӯз дар даврони хилофати араб, ки бо пофишории ҳушмандони зирак дар қисмате чанд аз қаламрави хилофат мутадовил буд, яке аз муҳимтарин васоили мубориза ва муқовимати сиёсӣ-идеологӣ бо фарҳанги бегона ба ҳисоб мерафт»* [4, 532-533].

Хонҳо ва амирони турку муғул низ дар даврони ҳукмронии худ на танҳо Наврӯзро аз байн бурда натавонистанд, балки онро ҳамчун суннати фарҳангӣ пазируфтанд ва бо гузашти замон, имрӯз ин ҷашнро иди миллии худ меҳисобанд. Чунончи, дар сомонаи расмии Созмони байналмилалии ТЮРКСОЙ, ки онро ЮНЕСКО-и олами турк меҳисобанд, соли 1993 бо аҳдномаи вазирони фарҳанги Озорбойҷон, Қазоқистон, Қирғизистон, Ӯзбекистон, Туркманистон ва Ҷумҳурии Туркия таъсис дода шудааст, дар яке аз хабарҳояш бахшида ба ҷашнгирии Наврӯз дар шаҳри Бурсо (Туркия) – пойтахти фарҳангии олами турк, рӯзи 22-юми марти соли 2022, Котиби генералии ин созмон Дюсен Касеинов чунин таъкид дошт: *«Мо чун туркзабонҳо мехоҳем, ки ҷашнҳои миллии худ, аз қабили ҷашни таърихии Наврӯзро, ки миллати туркро муттаҳид месозад, аз таърихи гузашта ва фарҳанги муштараки он пуштибонӣ мекунад, ҳифз кунем. Мо бовар дорем, ки ҳифзи ваҳдату ҳамбастагии мо ҳастии ин миллати бузургро машҳур хоҳад кард» [19].*

Дар охири солҳои Шӯравӣ ва ба даст овардани Истиқлол, Наврӯз ҳамчун ҷашни миллӣ дубора аз тарафи як қатор сарсупурдагони миллат, ба монанди устодон Садриддин Айнӣ, Бобоҷон Ғафуров, Мирзо Турсунзода ҷойгоҳи хешро дар ҷомеа пайдо намуд ва яке аз дӯстдоштатарин ва табиитарин ҷашни миллат гардид. Робита ба ин, овардани порчаи суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар маросими баргузории Наврӯзи ҷаҳонӣ дар шаҳри Теҳрони Ҷумҳурии Исломии Эрон (27.03.2011) хело бамаврид мебошад: *«Агарчи дар замони Шӯравӣ ин ҷашн ба таври расмии давлатӣ аз миён рафт, вале мардум ҳеҷ гоҳ аз ҷашн гирифтани*

*он даст накашиданд. Маҳз ҷашнгириҳои пайвастаи мардумӣ буд, ки тамоми одобу русуми Наврӯз дар ҷумҳуриҳои шӯравии ҷашнгиранда, аз ҷумла Тоҷикистон, ҳифз шуд ва дар давраи ба истиқлол расидан аз нав комилан эҳё гардид»* [22].

Новобаста аз он ки Наврӯз ҷашни ҷаҳонӣ гардидаасту бештари ҷаҳониён онро ҷашн мегиранду «иди миллии худ» меҳисобанд, вале иддае ба номи зиёиён, ба ҷойи он ки ҳисси баланди худшиносиву ифтихори миллиро дар зеҳни ҷавонону наврасон ба вуҷуд оранд, *«ҳанӯз дар дохили кишвар шахсиятҳое, ки фарҳанги бегонаро бар худӣ тарҷеҳ медиҳанд ва афкори муғризонаро перомуни ин ҷашн баён мекунанд, кам нестанд. Гоҳо ҳарфҳои пучу бемантиқ аз ҷониби шахсиятҳое садо медиҳад, ки худро ба истилоҳ «пешвои дин»* медонанд» [2, 530].

### Оид ба таҷлили Наврӯз дар таърихи ислом

Наврӯз аз ҳазорон сол ба инҷониб дар кишварҳои ҳавзаи Наврӯз, аз ҷумла Тоҷикистон, бошукӯҳ ҷашн гирифта мешавад. Аммо дар ҳама давру замон мухолифони таҷлили он, махсусан баъд аз интишори дини ислом, аз ҳисоби рӯҳонияти дур аз фарҳангу донишҳои илмӣ ва ба қаъри хурофоту таассубгароӣ афтода, мавҷуд буданд. Мухолифон онро дар муқобили ақоиди исломӣ медонанд, аммо ҷонибдорони он Наврӯзро ҷашни зиндашавии зебоиҳои табиат ва оғози зиндагии нав меҳисобанд, ки дар воқеият чунин аст. Ин ба он маъност, ки **таърихи таҷлили Наврӯз пеш аз ислом сарчашма мегирад ва таҷлили ин рӯз ҳатто пас аз зуҳури ислом ва то имрӯз идома дорад.**

Муайян кардани мавқеи ислом ва шеваи бархӯрди дин ба расму ойин, одобу русум ва фарҳанги миллатҳои мухталифи ҷаҳон аз масъалаҳои муҳимми иҷтимоӣ ва фарҳангӣ аст, ки дар замони мо таҳқиқи ҷиддию ҳамаҷонибаро тақозо мекунад.

Яке аз далелҳои асосие, ки мухолифони ҷашнгирии Наврӯз онро ҳамеша истифода мебаранду онро бе ягон пояи илмӣ исбот карданӣ ҳастанд, маҳз пас аз интишори ислом дар қаламрави Мовароуннаҳру Хуросон ба миён омадааст. Мухолифон асосан аз байни соҳибони аслии ин ҷашни миллии мардуми тоҷику форс, дар Тоҷикистону Афғонистон ва Эрон мебошанд, чуноне ки Ҳофиз Шерозӣ дар ғазали **«Саҳар булбул ҳикоят бо сабо кард»** мегӯяд:

***Ман аз бегонагон*** **дигар *нанолам,***
**Ки бо ман ҳар чӣ кард, он ошно кард** [7,6].

Чунин вазъият дар ҳамсоякишвари Афғонистон, махсусан дар замони салтанати имрӯзаи ҳаракати «Толибон» то ҳанӯз идома дорад. Дар ин маврид, пажӯҳишгар Хоҷа Башир Аҳмад

Ансорӣ таъкид мекунад, ки дар бораи Наврӯз суханони зиёде гуфта шудааст, аммо то кунун *«ҳеҷ навишта ва далели дақиқе дар бораи мамнуъ будани Наврӯз дар матнҳои муқаддас ва фарҳанги исломӣ вуҷуд надорад»* [20].

Оид ба таҷлили Наврӯз дар таърихи ислом Имом Бухорӣ дар китоби **«Адаби муфрад» («الأدب المفرد»)** ҳикоятеро зикр кардааст, ки бобои Имоми Аъзам Абӯ Ҳанифа фолуда (яке аз навъҳои маъруфи яхмос мебошад, ки дар асри V пеш аз мелод дар Шероз пайдо шудааст)-ро ба унвони ҳадя дар рӯзи Наврӯз ба амири муъминон Алӣ ибни Абу Толиб тақдим кард ва Алӣ дар ҷавоб чунин гуфт: **«Ҳар рӯзатон Наврӯз бод!»** [15]. Бинобар ривояти дигаре дар бораи рӯзи Меҳргон фармуд: «**Меҳруҷонуно куллу явмин» («**Ҳар рӯзамон Меҳргон бод!») бо додани ҳадя ҳар рӯзи моро Наврӯз ё Меҳргон кунед [13].

Принсипи дигаре, ки дар ин гирудори манъкуниҳо (таҳримҳо) ба гӯшаи фаромӯшиҳо партофта мешавад, **принсипи бетарафии илмӣ** мебошад. Ба ин маънӣ, Байҳақӣ чунин ҳикоятеро нақл кардааст: *«Дар рӯзи Наврӯз мусалмонон ба халифаи чаҳорум фолудае ҳадя намуданд ва ӯ гуфт: «Ин чист?». Гуфтанд: «Имрӯз Наврӯз аст». Алӣ посух дод: «Ҳар рӯзро пирӯзӣ бисозед!». Мутаассифона, ровии ҳадис мегӯяд: «Алӣ чун ин рӯзро зишт мешумурд, исми онро «Пирӯз» гузошт»* [23].

Аммо ба андешаи мо, ровӣ ғофил аз он буд, ки ибораи **«ҳар рӯзатон пирӯз»** то ба имрӯз дар байни мардуми тоҷику форс посух ба **«Наврӯзатон муборак!»** гуфта мешавад.

Бисёр мешунавем ва мехонем, ки ҷараёну равияҳои ифротӣ дар мавриди манъи Наврӯз суханонеро нақл кардаанд ва таҷлилкунандагон ва атокунандагони ҳадяи наврӯзиро гунаҳкор меҳисобанд, ки ақидаи онҳо бо сиёсат ва манфиатҳои ғаразноки онҳо олуда мебошад.

Ҳамчунин, Хоҷа Башир Аҳмад Ансорӣ дар идомаи мақолаи хеш менависад, ки Абуҳафси Кабир додани ҳадяи наврӯзиро ширк медонад. Муаллиф ба иқтибосгарони ин ривоятҳо савол мегузорад, ки ***асноди ин ривоят дар куҷост ва он имоми бузург ин суханро дар куҷо гуфтааст ва ровиёни ин ривоят киҳо буданд?*** *Агар ин гуфтаҳо дуруст бошад, пас чаро Абуҳафс, ки мураббии маънавии (рӯҳонии) хонадони Сомониён буд, ҷашнгирии Наврӯзро, ки Сомониён онро бошукӯҳу шаҳомат ҷашн мегирифтанд, манъ накард?* [23]

**Хулоса**, *на дар Қуръон, на дар суннат, на дар иҷмоъ ва на дар қиёс ҳеҷ гуна манъи Наврӯз вуҷуд надорад***,** балки метавон далелҳои ҷоиз будани онро овард. Яке аз ин сабабҳо баргузории «Бозори

Уккоз» дар соли 139 ҳиҷрӣ, пас аз зуҳури ислом буд, ки монанди фаровоне ба Наврӯзи мо дошт. Ба гуфтаи Бадриддини Айнӣ ва Шореҳи Бухорӣ яке аз роҳбарони хавориҷ бо номи Мухтор ибни Авф Аздӣ дар соли 129 ҳиҷрии қамарӣ, он ҳодисаи таърихию фарҳангиро ба хуну оташ кашид ва дар ҳамон лаҳза хомӯш намуд. *«Машҳуртарини ин бозорҳо, ки дар таърихи ислом аз он сухан рафтааст, ҳамон бозори Уккоз буд. Чун тамоми қабилаҳо пас аз ширкат дар бозорҳои дигар, дар охир ба «Суқу Уккоз» («Бозори Уккоз») меомаданд ва дар он ҷо бо ифтихор шеър мехонданд, ба танқиди шеър ва суханони дигарон, муаррифии худ мепардохтанд»* [16].

**Наврӯз дар ҳадис**

Мухолифони таҷлили Наврӯз ба як ҳадиси паёмбари ислом дар мавриди мамнуияти он ишора мекунанд. Мавлавӣ Холиқдод, яке аз мухолифони таҷлили Наврӯз, ба рӯзномаи «Садои Амрико» гуфта буд: *«Бар асоси як ривояти исломӣ, ҳангоме ки паёмбари ислом аз Макка ба Мадина ҳиҷрат кард, ба сокинони Мадина (ансор), ки ду рӯзи солро ҷашн мегирифтанд, гуфт, ки Худованд ду рӯзи беҳтарро ба мусалмонон дода, ки Иди Қурбон ва Иди Фитр аст»* [20].

Аммо Сайид Ҳасан Ахлоқ, пажӯҳишгари масоили исломии Донишгоҳи католикии Амрико бар ин назар аст, ки ин ҳадис ***«ягон сиғаи амр ва инкор»*** надорад ва дар он ҳеҷ ишора ба манъкунии Наврӯз нашудааст. Ӯ илова мекунад: *«Дар ин ҳадис танҳо чизе, ки паёмбар гуфтанист, ки барои шумо рӯзҳои беҳтар аз Наврӯз дода шудааст, аммо ҳеҷ мусалмоне иддао намекунад, ки Иди Қурбон ва Фитр беҳтар аз Наврӯз аст. Аммо беҳтар будан далел бар он нест, ки ҳолати одии масоил нодида гирифта шавад ва ё рад гардад»* [20].

Сарчашмаҳои таърихӣ нишон медиҳанд, ки муҳтавои ин ҳадис бо ақл созгор нест, зеро ҳеҷ далели таърихӣ ва илмӣ вуҷуд надорад, ҳангоме ки паёмбар вориди Мадина (соли 622 мелодӣ) шуд, мардуми он шаҳр зери таъсири фарҳанги ориёӣ ин ду рӯзро ҷашн мегирифтанд, то паёмбар онро рад кунад.

Ба гуфтаи муҳаққиқон, дар матни ҳадис аз Наврӯз ва Меҳргон зикр нашудааст, аммо аз ҷониби ровӣ изофа шудааст, ки баёнгари он аст, ки ровӣ бо гуфтани «**қил**» (*мегӯянд*, *ривоят мекунанд* – одатан дар афсонаву ривоятҳо калимаи оғоз мебошад) нишон медиҳад, ровӣ ҳам яқин надорад, яъне суханонаш саҳеҳ нестанд. Ин ривоят мухолифи ривояти Имом Бухорӣ мебошад, ки дар «Таърихи кабир» дар ҳимоят аз Наврӯз овардааст.

**Наврӯзситезӣ ва салафия**

Мубориза бо Наврӯз дар солҳои ахир бо афзоиши ифротгароӣ ва тафсири сахтгирона аз ислом дар минтақа ҳамоҳанг

шудааст. Коршиносон мегӯянд, ки наврӯзситезӣ алоқамандии бевосита бо «авчгирии ҷараёнҳои салафия» дар ҳавзаи таҷлили Наврӯз дорад.

Пажӯҳишгарони масъалаҳои динӣ бар ин назаранд, ки ҷараёни зидди Наврӯз дар фарҳанг ва расму ойини динии минтақа, бахусус Тоҷикистон, ки аксарияти кулл пайравони мазҳаби ҳанафӣ мебошанд, реша надоштааст, балки аз хостгоҳи пайравони салафия, ки сарчашмааш сарзамини Ҳиҷоз (Арабистони Саудӣ) мебошад, сироят кардааст.

Дар Тоҷикистон Наврӯзро бештар ба унвони як ҷашни миллӣ, анъанавӣ, суннатӣ ва фарҳангӣ ва як рӯйдоди алоқаманд бо таҳаввулоти табиат ҷашн мегиранд.

**Методология ё усули илмӣ муҳимтарин меъёрест**, ки тавассути он фарзия ва иддаоҳоро дар бораи ин ё он масъала метавон баркашид ва равшану мавриди баррасӣ ва таҳқиқот қарор дод. Дар баробари дигар холигоҳҳои баҳсбарангези дӯстонае, ки ҷашни Наврӯзро таҳрим мекунанд, метавон ба чанд холигоҳи методологии онҳо низ ишора намуд.

Мо аз забони баъзе «пешвоёни динии худ» мешунавем, ки Наврӯз суннати зардуштӣ аст ва дар шумори онҳо нафареро пайдо карда наметавонем, ки оё ин гуфтаҳои онҳо **аз нигоҳи илмӣ дуруст будааст ё не?** Ба андешаи мо, исбот кардани он, ки Наврӯз дар таърихи тӯлонии башарият суннати зардуштӣ буд ё на, вазифаи муаррихон ва бостоншиносон аст, на вазифаи як рӯҳонӣ ва фақеҳе, ки кори ӯ баровардани аҳкоми динӣ асту халос.

**Оё Наврӯз ҷашни зардуштист?**

Иддаои дигаре, ки пайравони салафия мекунанд, ин рабт додани Наврӯз ба дини зардуштия мебошад. Дар робита ба Наврӯз тамоми асноди таърихӣ ва бостоншиносӣ гувоҳӣ медиҳанд, ки Наврӯз аз Зардушт оғоз нашудааст ва ба дини зардуштия ягон алоқамандие надорад, чунки ӯ тақрибан солҳои 580-600 пеш аз мелод зиндагӣ кардааст. Пас, аз рӯйи ин ҳисоб, ҳудуди байни ниёгони Балх ва Зардушт тақрибан 25 аср аст. *«Беҳтар аст гуфта шавад, ки Наврӯз тақрибан 2400 ё 2500 сол пеш аз таваллуди Зардушт вуҷуд дошт ва ҷашн гирифта мешуд. Ин нишон медиҳад, ки Наврӯз ҷашни зардуштӣ нест ва ҳеҷ иртиботе ба дини зардуштӣ надорад»* [11].

Наврӯз бо динҳои пеш аз зардуштӣ ҳам иртибот надошт, зеро агар мебуд, ҳадди ақалл дар китобҳои муқаддаси он динҳо зикр мегардид ва ба ҷанбаи динӣ табдил мешуд. Ҳар қадаре ки таърихан ба гузаштаи дур рӯ орем, мефаҳмем, ки Наврӯз дар гузашта расму ойинҳои хосе надошт, аз ин рӯ, бо

итминони комил метавон гуфт, ки **Наврӯз ҷанбаи мазҳабӣ ҳам надорад, чунки он ҷашни миллӣ ва қавмист.**

Ба ҷуз аз ин мавридҳо, муҳаққиқон таъкид мекунанд, китоби Авасто, ки баёнгари комили таълимоти дини зардуштӣ аст, дар он оид ба Наврӯз баҳсе мавҷуд нест ва табиист, ки *«агар Наврӯз аз мазҳаби зардуштӣ мебуд, бояд дар ин китоб ёдовар мешуд, зеро дар Авасто ҳама ҷашну маросимҳои дигари зардуштӣ зикр шудааст»* [11].

Ҳарчанд тамоми динҳои бузург бо ҳар шакле бо Наврӯз пайванде эҷод кардаанд, аммо ин ҷашн бо ҳеҷ яке аз онҳо иртибот надошта, балки **бар пояи улуми риёзӣ ва донишҳои астрономӣ, таҷрибаю асоси эҳтиёҷоти табиӣ, ки аз вазъу шароити кишоварзӣ ба миён меоянд, муайян карда шудааст**.

### Ангезаҳое, ки боиси ба миён омадани мухолифтаҳо гаштааст

Имрӯз мардуми сайёра бо таҳдиду хатарҳои муосир, аз қабили экстремизу терроризм, қочоқи моводи мухаддир, ҷиноятҳои муташаккили фаромиллию фаромарзӣ мубориза мебаранд ва дар ҳама соҳаҳо ба қонуншиканиҳои зиёд дучор мешаванд. Фасод, беадолатӣ, зулму ситам дар баъзе кишварҳои минтақа, аз ҷумла Афғонистон, ба авҷи баланди худ расидааст ва «ҳокимони давр» ба ҷойи хизмат ба Ватан, обод намудани кишвар, бухрони онро меафзоянд. Бисёре аз ниҳодҳои иҷтимоӣ ва иктишофии исломию ғайриисломӣ барои заъифгардонӣ ва бухронофаринӣ ва ба гумроҳӣ кашондани ҷавонон ва ҳатто нобудсозии кишварҳои алоҳида фаъолият мекунанд ва сарнавишти миллатҳо дар дасти абарқудартҳои ҷаҳонӣ қарор мегирад, дар чунин вазъ масъалаи ҳурмати баргузории ҷашни Наврӯз ва масоили дигар, хело содалавҳона ба назар мерасад.

Аммо он чизе, ки моро ба ин масъала таваҷҷуҳ намудан водор кардааст, таблиғот ва садоҳое аст, ки бархе аз минбарҳо ва ниҳодҳои исломӣ оғоз кардаанд ва кори худро то ҷойе бурдаанд, ки ҷашни Наврӯзро ширк, бутпарастӣ ва куфр медонанд. Вале, мутаассифона, саволе ба миён меояд, ки онҳо **чаро таҳдиду хатарҳои дар боло зикршударо нодида гирифта, маҳз ба Наврӯз часпидаанд?**

Ба ақидаи мо, ***инҳо ангезаҳое доранд, ки боиси ба миён омадани мухолифтаҳо гаштааст:***

**Якум**: Маълум аст, ки ҷашни Наврӯз яке аз ҷашнҳои миллии форсизабонон ва бахше аз фарҳанги миллии онҳо ба ҳисоб меравад ва имрӯз ягона тамаддуне, ки дар ҷаҳони ислом, бахусус дар минтақаи мо, тамаддуни ғарбиро ба набард мекашад, тамаддуни тоҷикӣ-форсии исломӣ аст. Ва ба хотири пешгирӣ аз густариши ин тамаддун ва ҳамон гуна, ки дар

вақташ нимҷазираи Ҳиндустонро талаву тороҷ намуда буданд, бо номҳо ва унвонҳои созмонҳои мухталиф ба кишварҳои форсизабон, аз ҷумла Афғонистон, сар халонда, тамаддуни тоҷикӣ-форсӣ, забони тоҷикӣ ва миллати тоҷики ин кишварро зери тавтеаҳои навбатии худ қарор додаанд. Зеро онҳо медонанд, ки ҷилави зулму ғорати онҳоро дар минтақа танҳо фарҳанги тоҷикӣ-форсӣ гирифта метавонад. Бо мақсади амалӣ намудани ин мақсади муғризонаи худ, ҷӣ гуна «хирадмандона», бо истифода аз дин, рақиброн ғайрифаъол ва бозмедоранд, бо ин кор олами Ғарб бо **«як санг ду фохтакро шикор мекунад». Яке** ин аст, ки садди роҳи рушд ва густариши фарҳанги тоҷикӣ-форсӣ мешаванд. **Дигар**, ин ки дар шабакаҳои иҷтимоӣ чунин талқин мекунанд, ки ислом дини тангу маҳдуд ва сахтиҳо буда, мухолифи ҳар гуна хушию хушбахтӣ мебошад.

**Дуюм**: Бархе аз «ходимони дин», ки дар бахши илмҳои исломӣ дониши кам доранд ва тамоми ҳасту будашонро фатвои фақеҳони бегона ташкил медиҳад ва барои посух ба ҳар саволе, бидуни назардошти асру замон ва одату фарҳангҳои миллӣ, ба ин гуна китобҳо муроҷиат мекунанд. Ин гуна ашхос он чизеро, ки фақеҳони он замон дар бораи Наврӯз гуфтаанд, бидуни кушодани гиреҳҳо ва арзёбӣ миёни саҳеҳу нодурусти будани онҳо, он навиштаҳоро кӯркӯрона нусхабардорӣ карда, ба мардум пешниҳод менамоянд.

**Сеюм**: Яке аз роҳҳое, ки рӯҳонияти мутаассиб барои пайравӣ намудан аз ақидаҳои худ муносиб медонанд, бузург нишон додани ҳодисаю масъалаҳои ночиз ва пахн кардани он дар миёни мардуми одӣ аст, то мардумро муддате бо ин гуна масоил саргарм кунанд ва ҳадафҳои нопоки худро амалӣ созанд.

Барои боз ҳам равшантар ва фаҳмотар шудани ангезаҳои боло дар бораи ҷашни Наврӯз, мехоҳем ба чанд масъала аз дидгоҳи мухолифон ва ҷонибдорон равшанӣ андозем, ки боиси дуруст сарфаҳм рафтан ба ин масъала мегардад:

**Наврӯз кадом рӯз аст?**

Оғози соли табиӣ, ки ба таври муайян рӯзи аввали моҳи фарвардин аст, вақте ки Офтоб аз бурҷи Ҳут ба бурҷи Ҳамал мегузарад, он рӯз Наврӯз номида мешавад. Ин рӯз таърихи тӯлонӣ дошта, дар тӯли садсолаҳо аз замони ориёиҳо, Ҳахоманишиён, Ашкониёну Сосониён то ба имрӯз бо ҳама пастиву баландиҳои худ аз зиндагӣ ва рушду нуфузи хоссае бархӯрдор будааст. Ба андешаи аксарияти муҳаққиқон сабаби боқӣ мондани ҷашни Наврӯз ва дарозумрии он – *ҳамоҳангӣ ва шабоҳати он бо зебоӣ, нозукӣ,*

*зиндагӣ, ҳаракат ва нашъунамои табиат* мебошад.

Ҳарчанд дар замонҳои мухталиф, бахусус пас аз густариши ислом дар сарзаминҳои шарқу ғарбии ҷаҳони ислом, дар мавриди ин рӯз (Наврӯз) аз ҷониби уламои сунниву шиа то андозае шакку шубҳаҳо вуҷуд доштанд, аммо ин рӯз тавонист бо гузашти замонҳои зиёд ва мухолифатҳои бешумор роҳи худро идома дода, то ҳол боқӣ монад.

Онҳое, ки мухолифи таҷлили Наврӯз ҳастанд, ба ду гурӯҳ тақсим мешаванд:

**Гурӯҳи аввал** фақеҳони қадиме ҳастанд, ки таҷлили Наврӯзро ҳаром медонистанд, вале аз гуфтори онҳо маълум мешавад, ки ҳурмати таҷлили Наврӯз аз нигоҳи онҳо ҳатмист.

Бояд таъкид дошт, ки пайравони чаҳор мазҳаби фиқҳӣ бар ин боваранд, ки ҷашни Наврӯз макруҳ аст, зеро ҷашн гирифтани ин рӯз яке аз хусусиятҳои хоси мушрикон ба ҳисоб меравад ва ҳатто бархе аз онҳо ба такфири касоне, ки чунин кореро мекунанд ваъда додаанд. Ва баъзе аз эшон муболиға карда, таъкид намудаанд: онҳое, ки дар ин рӯз ба ҳамдигар ҳадя мекунанд, кофиранд.

Чунончи, яке аз уламои ҳанафӣ мегӯяд: *«Агар касе дар рӯзи Наврӯз чизеро харид, ки одатан онро намехарид, агар ҳадафаш бузургдошти Наврӯз бувад, кофир мешавад ва агар ҳадафаш фақат хӯрдан, нӯшидан ва лаззат бурдан бувад, кофир намешавад»* [21].

Моликимазҳабон низ баъзе ба макруҳ будан ва иддае бар ҳаром будани ҳадя додан дар Наврӯз сухан рондаанд. Ибни От чунин навиштааст: *«Агар касе ба таҷлили Наврӯз ва Меҳргон бипардозад, фарди ғайриодил шинохта хоҳад шуд»* [21].

Пайравони Аҳмад ибни Ҳанбал таҷлили Наврӯз ва Меҳргонро макруҳ дониста, бузургдошти онро ҳаром медонанд. Аммо пухтани шириниву ғизоро ҳаром намедонанд, аммо мегӯянд, ки агар аз истеъмоли ҳаррӯза зиёд бошад, хуб нест. Ҳамзамон, ҳанбалиҳо дар рӯзи Наврӯз ҳадя додан ба омӯзгоронро ҷоиз медонанд. Исҳоқ ибни Ҳонӣ мегӯяд: *«Абу Абдуллоҳ – яъне, Имом Аҳмадро дидам, ки дар рӯзи Наврӯз ба писараш як дирҳам дод ва ба ӯ гуфт: Инро ба муаллимат бидеҳ»* [21].

**Гурӯҳи дуюм** уламои салафии муосир аз рӯйи фаҳмиши хоси худ дар бораи бидъат, ҳар идро, ба ҷуз идҳои Фитр ва Қурбон – бидъат медонанд ва таҷлили онро дур шудан аз роҳи ислом мепиндоранд. Ва ҳуҷҷати онҳо ҳадисе аст, ки дар он паёмбари Худо *аз монанд сохтани худ бо кофиронро манъ мекунад*. Ҷоиз набудани таҷлили Наврӯзро бо як ҳадиси саҳеҳ асоснок мекунанд ва ин ки пайғамбар, ҳангоме ки вориди Мадина шуданд, мушоҳида

карданд, ки мардуми Мадина дар як сол ду рӯзро ид эълон кардаанд ва ҷашну идҳо барпо мекунанд. Пас аз он пурсид ва гуфтанд: *«Ин рӯзест, ки мо ҷашн мегирем». Расули Худо фармуд: «Худованд бароятон ду рӯзи беҳтарро муқаррар кардааст, ки он Иди Фитр ва Иди Қурбон аст»* [21].

Аз нигоҳи онҳо ҷашн гирифтани Наврӯз монанд шудан ба мушрикони оташпараст аст, зеро Наврӯз ҷашни мазҳабии зардуштиҳо мебошад. Ва гуфтаанд, ки дар китоби «Муснаф»-и Абу Шайба дар бораи Наврӯз омадааст, ки: *«Ибод аз Саид аз ал-Ҳасан ба мо нақл мекунад, ки ӯро аз рӯзадории Наврӯз пурсон шуданд, вай инро бад пиндошт ва гуфт: Оё шумо он рӯзро бузург медонед?». Ва дар ҳамон китоб аз Ҳасан низ нақл шудааст, ки гуфтааст: «Шуморо бо Наврӯз чӣ кор аст? Ба он рӯ наоваред, Наврӯз махсуси Аҷамиён аст»* [21].

Аз таҳлили муқоисавии гуфтаҳои боло чунин натиҷагирӣ кардан мумкин аст, ки **хулосаи гуфтаҳои фақеҳони гурӯҳи аввали чаҳор мазҳаб ва салафиёни муосир як аст, ҳарчанд дар баёни онҳо тафовут вуҷуд дорад. Андешаҳои онҳо беасос ва зидди фарҳанги миллӣ мебошад.**

Аз сӯйи дигар, **олимоне, ки ҷонибдори таҷлили Наврӯз ҳастанд,** дар мавриди иҷозат будани арҷгузорӣ ва қабули тухфаҳои наврӯзӣ то замоне ки Наврӯз таҷлил нашавад, сухан рондаанд. Ин гурӯҳ Наврӯзро аз хусусиятҳои хос ва бовариҳои ботили оташпарастон намешуморанд ва ҳеҷ далеле вуҷуд надорад, ки он ду рӯзе, ки пайғамбари ислом манъ карда буд, он рӯзҳо Наврӯз ва Меҳргон бошанд. Ва иртибот додани он ду рӯз ба Наврӯз ва Меҳргон аз нигоҳи ҷонибдорони ин гурӯҳ ба чанд далел хато аст:

1) аз зоҳири ҳадиси дар боло овардашуда бармеояд, ки он ду рӯз пай дар пай будаанд, дар ҳоле ки Наврӯз ва Меҳргон дар моҳҳои гуногун ҷашн гирифта мешаванд;

2) мардуми Мадина танҳо дар замони ҳазрати Умар, яъне пас аз вафоти пайғамбари ислом сарзамини Форсро забт карда, Наврӯз ва Меҳргонро шинохтанд ва қаблан аз ин ҷашнҳо пурра хабар надоштанд;

3) дар ҳадисе омадааст: *«Аҳли ҷоҳилиятро ду рӯз буданд ...»*, агар ҳадаф аз он ду рӯз – Наврӯз ва Меҳргон мебуд, пайғамбари ислом онҳоро зикр мекард ва номашонро мегирифт, ё мегуфт, ки ин ду ид аз форсизабонон гирифта шудааст;

4) бархе аз саҳобагон ҷашн гирифтани Наврӯзро ҷоиз донистаанд, агар ҳадафи ҳадиси боло аз ин ду рӯз – Наврӯз ва Меҳргон мебуд, саҳобагон ҳаргиз иҷозати ҷашнгирии Наврӯзро намедоданд, дар ҳоле ки аз онҳо аз дигарон дида дар ин бора огоҳтар ва ба пайғамбар наздиктар буданд.

Қайд намудан бамаврид аст, ки донишмандони зиёде баргузории ҷашни Наврӯзро ҷоиз дониста, сабабҳои қонунӣ будани онро таъкид намудаанд. Чунончи, Ибни Ҷарири Табарӣ дар таърихи худ зикр кардааст, ки «... Пас, Ҷамшед уламоро гирд овард, ки ин чист? Оё ин подшоҳӣ бар ман боқӣ ва поянда дорад? Гуфтанд: Додгустарӣ (адолат) дар миёни мардуми Худо. Пас, адолатро пеш гирифт. Сипас ба уламо гуфт: Рӯзи додхоҳие, ки ман менишинам, шумо ҳама назди ман оед, то ҳар чи раво бошад, маро бинмоед, то он кунам. Нахустин рӯз ба додхоҳӣ рафт, ҳурмуздрӯз буд, нахустин рӯзи моҳи фарвардин. Пас он рӯзро Наврӯз ном карданд» [23].

Роғиби Исфаҳонӣ низ дар китобаш «Муҳозароту-л-удабои ва муҳовароту-ш-шуарои ва булағоӣ» («Суханрониҳои адибон, гуфтугӯҳои шоирон ва суханварон») ба ин мазмун ҳикоятеро зикр кардааст. Ин қисса гувоҳи он аст, ки *ин рӯз ба унвони рӯзи миллии эрониён будааст, на рӯзи мазҳабӣ ва динӣ* [12].

Нақлу гуфтаҳои зиёдеро ад-Динаварӣ дар «ал-Ахбору-т-тиволу» («Хабарҳои тӯлонӣ») зикр намудааст, ки ҳамаи онҳо гувоҳӣ медиҳанд, ки таҷлили форсизабонон аз ин рӯз на бар пояи таълимоти динӣ, балки бар асоси иди миллӣ будааст [8].

Вобаста ба иҷозаи ҳадя додан ва пазируфтани тухфаҳо дар Наврӯз, Абубакри Байҳақӣ дар китоби худ «ас-Сунану-л-кубра» [9], Зубайдӣ дар «Тоҷу-л-арӯс» [17]. ва Фирӯзободӣ дар «ал-Қомусу-л-муҳиту» [13] ва Мақризӣ дар китоби «Имтоъ-ул-асмои» [10] низ қиссаҳои зиёдеро баён кардаанд.

Вобаста ба ин масъала боз асарҳои зиёде ҳастанд, ки ёдовар намешавем ва онҳое, ки мехоҳанд дар ин бора маълумоти бештар пайдо кунанд, бояд ба китобҳое, ки дар боло зикр кардем, муроҷиат намоянд.

**Аз гуфтаҳои боло бармеояд,** ки дар мавриди манъи ҷашнгирии Наврӯз матне аз Қуръон ва суннат вуҷуд надорад ва агар мебуд, ҷойи баҳсу ҷидол ҳам намемонд. Ҳадафи фақеҳон дар бораи манъи ҷашни Наврӯз анҷом додани ду кор будааст:

**1.** Ҳарчанд онҳо Наврӯзро ҷашни кофирон ва оташпарастон донанд ҳам, дар қабули ҳадяҳо ширкат мекарданд. Чунончи, дар «Муснаф»-и Абу Шайба ривояте омадааст, ки саҳобие дар ҳамсоягии худ сокинони маҷусӣ дошт ва вақте ки онҳо Наврӯз ва Меҳргонро ҷашн мегирифтанд, ба хонаи ин саҳобӣ ҳадя фиристоданд ва ӯ ба аҳли хонадонаш мегуфт: Агар ҳадяҳои оташпарастон мева бошад, онро бипазиред ва агар ғайри он (гӯшт) бувад, онро рад кунед [21].

**2.** Хавфи куфр ва ба ҳаром афтоданро замоне тасаввур мекунанд, ки мусалмоне Наврӯзро

ба унвони як ҷашни динӣ таҷлил мекунад ва ба муқаддас будани он эътиқод дорад.

Чунончи, қайд мегардад, ки «дар тӯли таърихи ислом суннатҳои маъмурии ҳар як макон то ҷойе, ки ба шариат мувофиқат мекарданд, нигоҳ дошта мешуданд ва идома меёфтанд: дар Сурия ва Миср суннати румӣ ва дар Ироқу Форс суннати сосонӣ» [14].

**Ба ҷойи охирсухан**

Бо дарназардошти навиштаҳои боло, метавон чунин натиҷагирӣ намуд:

**1.** Он суханоне, ки дар боло гуфта шудаанд, масъалаҳое буданд, ки бо андешаву муҳокимаи масъалаи баррасишуда алоқамандӣ доштанд. Мақсад аз баррасии ин масъалаҳо, маълумоти пурра дар бораи таърихи пайдоиш ва таҳаввули Наврӯз нест, танҳо ба хонандагони азиз расонидани он чизе мебошад, ки **Наврӯз ба ягон мазҳабу дине алоқамандӣ надошта, ҷашни миллию қавмии ориёиҳо – аҷдодони ниёгони мо – тоҷикон** мебошад.

**2.** Он чи ки дар гузашта бархе аз фақеҳон дар бораи манъ будани таҷлили он сухан гуфтаанд, гумон мекарданд, ки ҷашнгирии ин рӯзҳо аз ойинҳои мушрикон будааст. Аммо чуноне ки аз далелҳои таърихӣ ва фиқҳии овардашуда муайян гардид, чунин тасаввурот дуруст набуда, таҷлили Наврӯз дар гузаштаҳои дур, на ба унвони як ҷашни динӣ, балки ба унвони ҷашни миллии мардуми тоҷику форс буд, ки дар замони паҳншавии ислом низ ҷашн гирифта мешуд ва мусулмонони асри аввали ислом на танҳо монеи он намешуданд, балки бо пазируфтани туҳфаҳо ва ҳадяҳо дар ин ҷашн шарик мешуданд.

Масалан, Алӣ ибни Абу Толиб бо хитоб ба Молик Аштар ба унвони волии Миср, сарзамини таърихӣ ва бостонӣ, ки тамаддунҳо, ҳукуматҳо ва фарҳангҳои зиёдеро дидааст, дар бораи чигунагии бархӯрд бо расму оинҳои муштарак дар миёни мардуми он сарзамин чунин навиштааст: *«Ва суннати солеҳро поймол накунед, ба он амал кунед … ва ба мардум адолат кунед ва дар бораи суннатҳое, ки аз гузашта зарар дорад, ҳарф назанед»* [18].

**3.** Ҳарчанд ин ҷашни фарҳангӣ аз тамаддуни ориёӣ сарчашма мегирад, аммо пас аз интишори ислом дар сарзаминҳои Эрон, Афғонистон ва Осиёи Марказӣ, мухолифони худро дар симои рӯҳониёни мутаассиб ва дур аз фарҳангу тамаддун ва орӣ аз диди илмӣ, дар ҳар давру замон дошт ва дорад. Аммо, бо такя ба сарчашмаҳои муътамади таърихӣ ва мазҳабӣ маълум гардид, ҳукме вуҷуд надорад, ки хоси манъ будани таҷлили Наврӯз бошад ва далелҳо дар ин маврид хеле заифанд.

Аз ин лиҳоз, теъдоде аз олимони дин муътақиданд, ки

масъалаи мухолифат бо Наврӯз бештар аз ҷанбаи динӣ, ҷанбаи таърихӣ-ҳувиятӣ дорад. Онҳо барои худ заминаи динӣ муқаррар мекунанд, аммо дар маҷмуъ, «далели устувореро барои нораво будани ҷашнгирии Наврӯз ё ҳар рӯзи дигаре, ки ҷанбаи иҷтимоӣ ва фарҳангӣ дорад, дар ислом наметавон пайдо кард» [11].

**4.** Унсурҳои ба ниёзҳои инсонӣ созанда ва созгор, аз қабили тиб, геометрия, нуҷум, астрономия, фалсафа, санъат, технология, расму оинҳои ҷолибу омӯзанда, ки ба наслу нажоди башар, забон, обу хок ва ҳатто дину мазҳаб тааллуқ доранд, ҳамеша пешбарандаи ҳаёт ва рушду такомули ҷомеаҳои мутамаддин мебошанд. Ҳарчанд дар тӯли таърих мухолифони Наврӯз натавонистаанд дидгоҳи қавию устувори диниро дар бораи радди Наврӯз ироа кунанд, аммо то ба ҳол ба он пофишорӣ мекунанд ва бо ҳамин далелҳои заъифи *«ба ном илмӣ»* талош мекунанд, ки Наврӯзро таҳрим кунанд.

Чунончи, Ибни Таймия гуфтааст, ки таҷлили Наврӯз дуруст нест, дар ҳоле ки худи ӯ дар Миср зиндагӣ мекард ва ҳеҷ гоҳ шоҳиди таҷлили Наврӯз аз наздик набуд ва дар ин замина санади таърихӣ ҳам пешниҳод накардааст. Иддаи дигари олимони дин, ки бар зидди ҷашни Наврӯз сухан меронанд, шахсиятҳои матншинос мебошанд ва матншиносӣ табиатан як навъ муҳофизакориро дар инсон эҷод мекунад ва ҳамеша чунин ашхос аз қолаб ва суханони гуфташуда ва дар китобу асарҳо дарҷшуда ва аз нигоҳи илмӣ тасдиқнашуда пайравӣ мекунанд ва ақида ва андешаи шахсии худро надоранд.

**5.** Ақл, дониш ва мантиқ низ таҷлили ин рӯзро меписандад, зеро бо фаро расидани фасли зебои баҳор, ҳама чиз дар табиат тағйир меёбад, зардиҳо ба сабзиҳо, хушкиҳо ба тароватҳо табдил меёбанд. Имрӯз Наврӯз дар Тоҷикистон ва бисёре аз кишварҳои ҳамсоя ба унвони ид, бо расму ойинҳои мухталиф таҷлил мешавад, ҷашни расмӣ ва миллӣ мебошад.

**Ҳамин тариқ,** Наврӯз дар силсилаи ойину маросимҳои миллӣ қадимтарину фарҳангитарин ба шумор меравад ва дигар маросим дар домони ин ҷашни инсонпарвар ва ҳувиятсоз парварда шудаанд. Ин аст, ки Наврӯз бо худогоҳию худшиносии миллӣ ба арсаи фарҳангу тамаддуни башарӣ ворид гардида, ба унвони ҳастаи худогоҳию худшиносии миллӣ дар марҳилаҳои гуногуни таърихӣ шинохта мешавад.

Ин ҷашни миллию бостонӣ дар тӯли таърих аслу ҷавҳари худро, ки бар пояи ҳувиятсозию хештаншиносӣ устувор аст, на танҳо аз даст надодааст, балки онро бо тобишу ҷилоҳои тоза аз замонҳои қадим то ба имрӯз

интиқол дода, то ба замони мо беосеб оварда расондааст.

Наврӯз яке аз бузургтарин ҷашнҳои фарҳангии ҷаҳонист, ки дар ташаккул, рушд ва густариши иду ойинҳои минбаъдаи ақвоми мухталифи башарӣ нақши муассир гузоштааст. Мардуми тоҷику форс аз қадимулайём ба ин натиҷа расида буданд, ки бидуни муҳаббат ба инсоният, донишу фарҳанг, бо чашми ақлу мантиқ ба зиндагӣ нигаристан, аслан умр ба сар бурдан, бефоида мебошад.

**АДАБИЁТ:**


**I. Ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ:**

1. Абулқосим Фирдавсӣ. Шоҳнома. Ҷилди 1. Ахтарони адаб (Силсила) иборат аз 50 ҷилд. Ҷилди 3. – Душанбе: Адиб, 2007. – 480 с.
2. Исомуддин Шарифзода. Носипосӣ ба Наврӯз беэҳтиромӣ ба миллат аст. Маҳфили фалсафии «Ҷаҳони андеша». «Ҷаҳонбинии оянда» ва бархӯрди андешаҳо. – Душанбе: Матбаа, 2014. – 701 с.
3. Ислом Раҳимов. Лаҳзаҳо аз таърихи Наврӯз. http://www.khujand.tj/ сайти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлати шаҳри Хуҷанд (Санаи муроҷиат: 15.02.2023).
4. Нозим Нурзода. Бозтоби наврӯзи бостонӣ дар ривоёти исломӣ. Маҳфили фалсафии «Ҷаҳони андеша». «Ҷаҳонбинии оянда» ва бархӯрди андешаҳо. – Душанбе: Матбаа, 2014. – 701 с.
5. Паёми Шодбошии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати ҷашни Наврӯз, 19.03.2021.
6. Ҳафтаномаи «Фараж», 23.03.2022. Сарчашмаи электронӣ: https: //farazh.tj/ sahifai-asosy/farhang/navruzi-bostony-va-marhilabandii-hudshinosii-milly) (Санаи муроҷиат: 16.02.2023).
7. Ҳофизи Шерозӣ. Ғазалиёт. С. 6. – 280 с. Сарчамаши электронӣ: azalijot-ofiz-sheroz. (Санаи муроҷиат: 16.02.2023).
8. Эмомалӣ Раҳмон. Наврӯз – ҷашни ҳамдилии башарият. Адабиёт ва санъат, 21 марти соли 2018.

**II. Бо забони форсӣ, арабӣ ва сарчашмаҳои электронӣ:**

9. أحمد بن الحسن بن علي أبو بكر البيهقي. ألسنن الكبري. 11 جلد. – دار الكتب العلمية، 2003. –7110 ص.
10. المقريزي. إمتاع الأسماع. – بيروت: دار الكتب العلمية، 1999. – 697 ص.
11. روزنامه «صبح كابل»، 21 مارس سال 2021. نويسنده: عاصم اسفزارى.
12. ألراغب الأصبهاني. محاذرات الأدباء و محاورات الشعراء و البلغاء. – مكتبة الهلال، 2008. – 304 ص.
13. قاموس المعاني. معجم المعاني الجامع - معجم عربي عربي – .2010.
14. كارنامه اسلام دكتر عبدالحسين زرين كوب، ص 143.
15. محمد بن إسماعيل البخاري .الأدب المفرد. – مؤسسة التاريخ العربي للطباعة والنشر والتوزيع، 2006. – 584 ص.
16. محمد بن مكرم، ابن منظور. لسان العرب. – .بيروت. ج ۴. – 448 ص.

17. محمد مرتضي الحسيني الزبيدي. تاج العروس من جواهر القاموس. 40 جزء. – وزارة الإرشاد والأنباء في الكويت - المجلس الوطني للثقافة والفنون والآداب بدولة الكويت، 1965-2001. – 21801 ص.
18. مقاله «نوروز و سنت های آن از منظر فقهی». سایت پژوهه، برگرفته از مقاله «عید نوروز در اسلام»، تاریخ بازیابی ۱۳۹۵/۰۱/۱۸.https://fa.wikifeqh.ir. (Санаи мурочиат: 22.01.2023).
19. https://www.turksoy.org/ru-RU/novosti/ (Санаи мурочиат: 22.01.2023)
20. https://www.darivoa.com/a/nawroz-islam-un-afghanistan . (Санаи мурочиат: 22.01.2023).
21. https://www.abu-hanifa.org/Blog/Detail/ (Санаи мурочиат: 22.01.2023) (http://president.tj/node/384).
22 (Санаи мурочиат: 22.01.2023).
23. https://8am.media/nowruz-boycott-in-terms-of-scientific-methodology/ (Санаи мурочиат: 22.01.2023).

# НАҚШИ ИЛМ ВА АДАБИЁТ ДАР ТАҲКИМИ ХУДШИНОСӢ ВА ИФТИХОРИ МИЛЛӢ

# РОЛЬ НАУКИ И ЛИТЕРАТУРЫ В УКРЕПЛЕНИИ САМОСОЗНАНИЯ И НАЦИОНАЛЬНОЙ ГОРДОСТИ

# THE ROLE OF SCIENCE AND LITERATURE IN STRENGTHENING SELF-CONSCIOUSNESS AND NATIONAL PRIDE

**САИДЗОДА Дж.**
**SAIDZODA J.**

*Ходими калони илмии Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ, номзади илмҳои педагогика*

*Старший научный сотрудник Института языка и литературы имени Рудаки НАНТ, кандидат педагогических наук*

*Senior research worker of Institute of Language and Literature by name Rudaki of NAST, candidate of Pedagogical Sciences*

**Аннотатсия:** Дар мақола оид ба нақши илму адабиёт дар таҳкими худшиносӣ ва ифтихори миллӣ изҳори назар шудааст. Муаллиф ҷойгоҳи илму адабиётро дар баланд бардоштани худшиносӣ ва ифтихори миллӣ дар осори адибон мавриди баррасӣ қарор дода, аз осори онҳо мисолҳои мушаххас меорад, ки онҳо имрӯз низ метавонанд дар парвариши худогоҳӣ ва ифтихори миллии шаҳрвандони кишвар нақши муҳим бибозанд. Аммо ӯ, аз сӯйи дигар, аз бетафовутӣ, бепарвоӣ, бемасъулиятӣ ва саргумии бархе аз аҳли илму адаб, барҳақ, изҳори нигаронӣ намуда, барои ба маҷрои дуруст равона кардани илму адабиёт, дар хидмати миллат ва давлат қарор додани маҳсули қалами онҳо пешниҳодҳои муфид ва мушаххас медиҳад. Хусусан, аз хатарҳои дохиливу хориҷӣ, ки аз вазъи ҳассоси ҷаҳон ва минтақа берун меоянд, хабар дода, ташкили маркази хатаршиносӣ ва роҳҳои пешгириву хунсо кардани хатарҳоро ба миён гузоштааст. Албатта, коргирӣ аз ин нишондод ва пешниҳодҳо барои таъмини амнияти кишвар ва боло бурдани ҳисси худшиносӣ ва ифтихори миллии сокинони кишвар кумак менамояд.

**Калидвожаҳо:** илм ва адабиёт, худшиносӣ ва ифтихори миллӣ, Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Айнӣ, дирӯзшиносӣ, имрӯзшиносӣ, ояндашиносӣ, хатару таҳдидҳо, олимону адибон, ҷасорати миллӣ, ғурури миллӣ, нармӣ, сахтрӯйӣ.

**Аннотация:** В статье констатируется роль науки и литературы в укреплении самосознания и национальной гордости. Автор рассматривает место науки и литературы в воспитании самосознания и национальной

гордости в произведениях писателей, приводит конкретные примеры из их творчества, которые могут даже сегодня сыграть важную роль в воспитании благочестия и национальной гордости граждан страны. Но, с другой стороны, он выражает свое беспокойство равнодушием, небрежностью, безответственностью и заблуждением некоторых людей науки и литературы, даёт полезные и конкретные указания направить науку и литературу в нужное русло, поставить творческий процесс на службу нации и страны. В частности, он информирует о внутренних и внешних рисках, вытекающих из сложной ситуации в мире и регионе, и предлагает создать центр управления рисками и рассматривает пути их предотвращения и устранения. Безусловно, использование этих индикаторов и предложений будет способствовать обеспечению безопасности государства, повышению чувства самосознания и национальной гордости жителей страны.

**Ключевые слова:** наука и литература, самосознание и национальная гордость, Рудаки, Фирдоуси, Айни, история, сегодня, будущее, опасности и угрозы, ученые и писатели, народное мужество, национальная гордость, мягкость, жесткость.

**Annotation:** The article considers the role of science and literature in strengthening self-awareness and national pride. The author examines the place of science and literature in raising self-awareness and national pride in the works of writers, and gives specific examples from their works, which even today can play an important role in the education of godliness and national pride of the country's citizens. But, on the other hand, he expressed his concern with the indifference, carelessness, irresponsibility and delusion of some people of science and literature, and gives useful and specific instructions to direct the science and literature to the right direction, to put creative process on the service of the nation and the country. In particular, he informs related to the internal and external risks arising from the complicated situation in the world and region, and proposed the creation of a risk management center and considers their ways of prevention and elimination. Of course, the using of these indicators and suggestions will promote to ensure the country's security and to increase the sense of self-awareness and national pride of the country's residents.

**Keywords:** science and literature, self-awareness and national pride, Rudaki, Firdavsi, Aini, history, today, future, dangers and threats, scientists and writers, national courage, national pride, gentleness, toughness.

**Дар қиссаву таърих чу озода бихонед,**
**Мақсуд аз озода шумоед, шумоед** [17, 20].

Илм ва адабиёт ҳамеша гирҳекушои инсон буд, яъне аз оғоз барои раҳоӣ аз мушкилот, асорати таассубу хурофоти динӣ-мазҳабӣ,

тарғиби ахлоқи пок, одамият, худшиносӣ, инсоншиносӣ, ва ғайра хидмат менамуд, по ба пойи замон ва талаботи он амал мекард, пеш мерафт. Ба хотир биёред, талошҳои олимону адибони моро баъд аз истилои араб, муқовимат ва муборизаи онҳоро бо забони бегона, яъне арабӣ, баргардони осори илмиву адабӣ ба забони арабӣ, барои аз нобудӣ раҳонидан ва баъдан аз нав ба тоҷикӣ тарҷума намудан, хусусан кӯшишҳои Рӯдакӣ ва соири адибони замони Сомонӣ, ки хеле босамар буданд. Дар ин бора устод Саид Нафисӣ чунин гуфтааст: «Кореро, ки Амир Исмоили Сомонӣ бо шамшери буррандаи хеш оғоз карда буд, Абдуллоҳ Ҷаъфар ибни Муҳаммад бо хомаи хеш ба поён расонид. Ин Абӯабдуллоҳ Ҷаъфар ибни Муҳаммад роҳбаре тавоно буд, ки роҳро барои Дақиқӣ ва Кисоӣ ва Фирдавсӣ кушуд ва муҳандиси ҳунарманде буд, ки хонаи ҷовидонии Унсуриву Фаррухиву Асҷадиву Мунҷик ва Носири Хусравро пояе устувор ниҳод» [22, 20].

Ба қавли шоире:

**Рӯдакӣ низ чун дурри шаҳвор**
**Зеби дарбори оли Сомон буд.**
**Ҳамчу теғи амир Исмоил**
**Хомаи Рӯдакӣ ба ҷавлон буд…**
**Дар низои бақои миллият**
**Аввалин қаҳрамони майдон буд.**
**Миллати мо раҳини миннати ӯст,**
**Миннат ӯро сазад, ки маннон буд** [20, 52].

Фирдавсӣ касе буд, ки ба қавли худаш, бо ранҷҳояш, Аҷамро, ки баъди истилои араб мурда буд, зинда намуд:

**Басо ранҷ бурдам дар ин сол сӣ,**
**Аҷам зинда кардам бад-ин порсӣ** [29, 205].

Аммо қабл аз эшон Яъқуби Лайс, ба қавли Носири Хусрав, аз аввалин амирони Хуросон буд, ки барои истиқлолхоҳӣ то Басра рафт ва хидмати бузургро барои миллат анҷом дод. Ҳамзамон, ӯ назарияи «он чи ман андар наёбам, чаро бояд гуфт»-ро ба миён гузошт ва бад-ин тартиб истиқлоли адабии забон ва адабиёти миллати моро асос гузошт ва бунёнгузорӣ намуд. Воқеан, Носири Хусрав ба қавли муҳаққиқи фаронсавӣ Пол Омер, «баъд аз он ки ба синни рушд расид, қитъаоте аз ашъори Фирдавсии Тӯсиро ба даст оварда хонд ва мутаваҷҷеҳ шуд, ки эрониён дар қадим қавми барҷаста буданд ва султаи қавми араб онҳоро дучори инҳитот кард» [5, 6]. Ин абёти Носири Хусрав, ки аз худшиносии шоир ба мо мужда медиҳанд, на танҳо аҳамияти таърихӣ доранд, балки барои боло бурдани худогоҳии миллии мо кумаки бешоиба менамоянд:

**Хуросон з-оли Сомон чун тиҳӣ шуд,**
**Ҳама дигар шудаш аҳволу Сомон.**
[15, 530]

**Он, к-ӯ ба Ҳиндувон шуд,**
**яъне, ки ғозиям,**
**Аз баҳри бардагон, на зи баҳри**
**ғазо шудаст** [15, 101].

**Ман аз пок фарзанди**
**озодагонам,**
**Нагуфтам, ки Шопур бани**
**Ардашерам** [15, 528].

Хоқонӣ агарчи дар даврони заъфи рӯҳи миллӣ зиндагӣ ва эҷод кардааст, аммо осораш саршор аз афкори миллӣ аст. Ӯ шоири шуубӣ маҳсуб мешавад. Аз ин рӯ, осораш дар парвариши рӯҳи миллии шаҳрвандон нақши барозанда метавонад дошта бошад. Ашъоре аз ин даст:

**Неъмате беҳтар аз озодӣ нест,**
**Бар чунин моида куфрон чӣ**
**кунам** [8, 252]?

**Чароғи Каён кушта шуд, кош**
**ман**
**Ба маргаш чароғи сухан**
**куштаме** [8, 930].

**Мулки Аҷам чу туъмаи**
**туркони аъҷамист,**
**Оқил куҷо бисоти таманно**
**барафканад?**
**Тан гарчи суву этмак аз эшон**
**талаб кунад,**
**Кай меҳри шаҳ ба Отсизу**
**Буғро барафканад** [8, 140].

**Чу ин ҷо маънии Қуръон**
**надонам,**
**Равам он ҷо, ки Обисто**
**бихонам** [8, 892].

**Магзор мулки Ораше дар**
**дасти муште оташе,**
**Хуш нест гарди нохушӣ бар**
**рӯйи зебо рехта** [8, 36].

Мутаассифона, баъди ба адабиёт ворид шудани тасаввуф, алалхусус ҳуҷуми муғул ба кишвари мо, рӯҳи миллӣ заиф мешавад, яъне бозтоби он дар илму адабиёт камранг мегардад, қариб ба сифр мерасад. Аммо, мо ба ҳар ҳол, хол-хол дар осори адибон ва олимон ба афкор ва ашъоре рӯ ба рӯ мешавем, ки дар онҳо андеша ва рӯҳи миллӣ тарғиб мешаванд. Ба ин намунаҳо аз Мавлоно таваҷҷуҳ фармоед, ки онҳо имрӯз низ аҳамияти худро аз даст надодаанд ва дар тарбияи ифтихор ва худшиносии миллии мо метавонанд нақши муҳим бибозанд:

**Форсӣ гӯ, гарчи тозӣ хуштар**
**аст,**
**Ишқро худ сад забони дигар**
**аст.**
**Бӯйи он дилбар чу паррон**
**мешавад,**
**Он забонҳо ҷумла ҳайрон**
**мешавад** [12, 313].

**Балхиям ман, балхиям ман,**
**балхиям,**
**Шӯр орад оламе аз талхиям**
[16, 195].

**Наъраи ҳою ҳӯйи ман, аз дари**
**Рум то ба Балх,**
**Асл куҷо хато кунад, Шамси**
**ману Худои ман** [25, 395].
**Дар сафар гар Рум бинӣ ё**
**Хутан,**
**Аз дили ту кай равад**
**ҳуббулватан** [12, 183].

Албатта, мо дар осори Хоҷу, Ҳофиз, Соҳиби Шерозӣ, Биноӣ, Урфӣ, Толиби Омулӣ, Нозими Ҳиротӣ ва бархе аз дигарон низ ба андешаву афкори миллӣ, ватандӯстона рӯ ба рӯ мешавем, ки мутолиаи онҳо дар таҳкими рӯҳи миллии ҳамватанон нақши шоиста мебозанд. Ба сифати мисол шеъри поёни Хоҷуро мегирем, ки аз рӯҳи миллӣ бархӯрдор буда, бар зидди бартарияти қавмҷӯёнаи аъроб нигаронида шудааст:

**Буд Ҳабиби Аҷамӣ дар намоз,**
**Шуд Ҳасани Басри-ш аз дар фароз.**
**Дид, ки ал-ҳамд ба ал-ҳамд хонд,**
**Рахши қироат ба иборат наронд.**
**Гуфт: «намоз аз паси ин чун тавон»,**
**К-ин аҷамӣ ҳаст шикастазабон?**
**Дур шуду кард ба танҳо намоз,**
**З-он ки кунад хос зи ом эътироз.**
**Дид ҳамон шаб чу фурӯ шуд ба хоб,**
**К-омадӣ аз ҳазрати иззат хитоб,**
**К-эй Ҳасан, ар ҳусни иборат туростъ,**
**Сиҳҳати ният зи иборат ҷудост.**
**Тири фазилат шудат акнун зи шаст,**
**Ёфта будиву бидодӣ зи даст.**
**Ғарра чӣ бошӣ ба ибороти хеш,**
**Ношуда кашшофи ишороти хеш.**
**Гар ту ҷудогона накардӣ намоз,**
**Кардаӣ тоати ту будӣ ба соз.**
**Дил чу дуруст аст, забонро биҳил,**
**Номи забон аз чӣ барӣ пеши дил.**
**Тӯтии хушхон, ки забон номи ӯст,**
**Шаккари ширини баён коми ӯст.**
**Айб макун, гар шиканад дар сухан,**
**Бад набувад, тӯтии шаккаршикан** [24, 68-69]**…**

Аммо олимону адибони мо асосан аз аввали асри гузашта имкон ёфтанд, ки дар бораи миллати хеш сухан бигӯянд, рӯ ба худогоҳии миллӣ биёранд. Устод Айнӣ қаҳрамони ин майдон аст. Нахустин асарҳои назмиву насрии устод, аз ҷумла «Марши ҳуррият» ва қиссаи «Одина», дар ташвиқу тарғиби рӯҳи миллӣ, бедорӣ, худогоҳии мардум нақши бузург бозидаанд:

**Эй ситамдидагон, эй асирон!**
**Вақти озодии мо расид,**
**Муждагонӣ диҳед, эй асирон!**
**Дар ҷаҳон субҳи шодӣ дамид** [21, 324]**.**

Дигар, маҳз устод Айнӣ аввалин бор тоҷикситоиро дар шеър бунёд гузошт ва ҷаҳониёнро аз сирру асрору фарҳангу тамаддуни воло, зеҳни софу дарроки тоҷикон воқиф сохт ва

барои адибони дигар ҳамчун намунаи ибрат хидмат кард:

**Ба парда то ба чандин рози**
**тоҷик?**
**Биё, биншин, шунав овози**
**тоҷик.**
**Ба зеҳни софу истеъдоди**
**фитрӣ**
**Набошад дар ҷаҳон анбози**
**тоҷик.**
**Суханро чун арӯсон зеб дода,**
**Забони маърифатпардози**
**тоҷик** [21, 339].

Маҳз дар ҳамин давра илм ва адабиёти соф миллии мо поягузорӣ шуд. Бинобар ин, олимону адибони ҳамзабони мо, ки ҳанӯз дар асорати бегонагон қарор доштанд, илму адабиёти моро на танҳо ба сифати сармашқ пазируфтанд, балки ба ташвиқу тарғиби он пардохтанд. Аз ҷумла, донишманди эронӣ Саид Нафисӣ дар ин боб гуфта: «Барои мо махсусан роҳи республикаҳои Осиёи Миёна, ки таърихан ба мо наздиканд ва дар як муддати кӯтоҳ ба шукуфоии маданияти худ ноил гардидаанд, ибратомӯзанд. Асарҳои нависандагони намоёни тоҷик С. Айнӣ, М. Турсунзода, Миршакар, Улуғзода, Икромӣ… барои ҷавонони мо, дар роҳи ба вуҷуд овардани адабиёти миллӣ ва ҳақиқатан халқии худ, намунаи сазоворест». Бинобар ин, метавон гуфт, ки тамоми осори олимону адибони мо, аз ҷумла устод Айнӣ, Лоҳутӣ, Турсунзода, Бобоҷон Ғафуров, Деҳотӣ, Улуғзода, Икромӣ, Раҳим Ҳошим, Муҳаммад Осимӣ, Носирҷон Маъсумӣ, Боқӣ Раҳимзода, Муъмин Қаноат, Убайд Раҷаб ва дигарон намунаи олии хидмат ба миллату кишвар ва мавқеи дурусти онҳо маҳсуб мешавад. Дар ин замина асарҳое чун «Намунаи адабиёти тоҷик», «Ёддоштҳо», «Исёни Муқаннаъ», «Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик»-и устод Айнӣ, «Тоҷикон», «Тоҷикон ва талошҳои таърихии онҳо барои озодии Ватан»-и Бобоҷон Ғафуров, «Сарои тамаддун», «Тоҷикистон шуд мунаввар», «Коваи оҳангар», «Кремл», «Меҳан, эй меҳан», «Бандагӣ даркор нест»-и Лоҳутӣ, «Писари Ватан», «Ҷони ширин», «Асри ман», «Ватан», «Дӯстонро гум макун»-и Турсунзода, «Субҳи ҷавонии мо», «Ривояти суғдӣ», «Восеъ», «Фирдавсӣ»-и Улуғзода, «Духтари оташ», «Зоғҳои бадмур»-и Икромӣ, «Одамони ҷовид»-и Раҳим Ҷалил, «Вафо»-и Фотеҳ Ниёзӣ, «Дар он дунё»-и Ф. Муҳаммадиев, «Фикрҳои зиддидинӣ дар адабиёти тоҷик»-и Холиқ Мирзозода, «Қишлоқи тиллоӣ»-и Миршакар, «Ишқи Ватан»-и Ҳабиб Юсуфӣ, «Сайидо ва мақоми ӯ дар таърихи адабиёти тоҷик»-и Абдулғанӣ Мирзоев, «Одам-уш-шуарро Рӯдакӣ»-и Афсаҳзод, «Суруши Сталинград»-и Муъмин Қаноат, «Дар орзуи падар»-и Кароматулло Мирзоев, «366-паҳлу»-и Ғаффор Мирзо,

«Каримбой дар хонаи Худо»-и Аҳмадҷони Ҳамдӣ, «Ситорае дар тирашаб»-и Расул Ҳодизода ва ғайра аз шоҳкориҳои илму адаби мо маҳсуб мешаванд, ки дар асри гузашта эҷод шудаанд. Мо дар ҳамаи ин асарҳо ба ин ё он навъ дахолати адибонро ба ҳаёти халқ ва тақдири кишвар бармало боздид менамоем. Ҳамаи ин осор дар рӯҳияи баланди ватандӯстона, хидмат ба миллат, тарғиби арзишҳои миллӣ, ваҳдату якпорчагии шаҳрвандони кишвар, таъмини амнияту сулҳу осоиш навишта шудаанд. Бинобар ин, дар парвариши рӯҳи миллии шаҳрвандон, ба вижа ҷавонон, киояндаи миллат ва кишваранд, нақши муҳим мебозанд. Ногуфта намонад, ки имрӯз низ олимону адибони мо дар эҷоди осоре, ки рӯҳ ва андешаи миллиро тарғиб мекунанд, муваффақиятҳои назаррас доранд. Аммо, мутаассифона, на ҳамаи аҳли илму адаб дар ин самт кӯшо мебошанд. Бисёре аз онҳо як навъ бетарафӣ ва бетафовутӣ нисбат ба тақдири миллат ва кишвар зоҳир менамоянд. Ба сифати як навъ тамошобин ба ҳаводиси рӯзгор назар меандозанд. Аз имкониятҳои истиқлол самаранок ва ба фоидаи миллату кишвар истифода наменамоянд, кор намегиранд, баръакс, аз озодиҳои истиқлол суиистифода мекунанд. Осоре эҷод менамоянд, ки бар зарари манфиатҳои миллат ва кишвар мебошанд. Албатта, ин амали онҳо як навъ аз саргумӣ ва мавқеи нодурусти онҳо ба ҳаёт ва тақдири миллату кишвар хабар медиҳанд. Эшон як навъ масъулиятгурезӣ менамоянд. Ҳол он ки вазифаи аҳли қалам дахолат ба зиндагӣ, хизмат ба халқ ва кишвар ба ҳисоб меравад. Шоир беҳуда нагуфтааст, ки:

**Ҳар шаб зи худат бипурс, агар ту мардӣ,**
**К-имрӯз чӣ хидмате ба мардум кардӣ** [3, 187]**.**

Зеро:

**Дар халқ, буруни халқ будан ғалат аст,**
**Суҳбат бо зиндагист, бо мурдан нест** [2, 17]**.**

Ҳамин аст, ки бархе аз аҳли қалам ҳанӯз ҳам саргарми истифода аз образу устураҳои динӣ, мазҳабӣ, арабӣ, мисли Сулаймон, Ҳоруту Морут, Юсуфу Зулайхо ва ғайра мебошанд. Ирфону тасаввуф, шӯру ваҷду ҳолу бехудию тақдирпарастӣ ва фарҳанги бегонаро тарғиб месозанд. Гурӯҳи дигар ба шаҷараноманависӣ, олимону адибонро муллою эшону сайидзода сохтан ва муаррифӣ кардан машғуланд. Саввум, аз босмачиҳо қаҳрамон месозанд, чаҳорум, осори олимону адибони асри гузашта ва дастовардҳои миллати моро дар он замон, яъне асри XX инкор менамоянд, як навъ эпидемияи (вабои) гузаштаситезӣ, нигилизм (инкор), таҳрифи

воқеиятро дар фазои илм ва адаби мо паҳн ва эҷод менамоянд, ки на танҳо боиси нигаронии аҳли илму адаб, балки давлат ҳам шудаанд. Онҳо гӯё намедонанд, ки мо маҳз дар натиҷаи заҳмату ҷонфидоии пешиниён, ба вижа фарзандони бузурги миллат, ба ин рӯзи фирӯз, яъне, истиқлол расидем. Беҳуда шоир ба мо ҳушдор надодааст:

**Ҳама аз кӯшиши пешиниён аст,**
**Агар осоише акнун ту дорӣ.**

Бадбахтона, бархе аз нависандагон, ба ҷойи «Маҳмуди торобинома», «Мавлавинома», «Биноинома», «Яъқубилайснома», «Сосоннома», «Сомоннома», «Картнома», «Сарбадорнома», «Соҳибишерозинома», «Каюмарснома», «Ҳушангнома», «Урфинома», «Айнинома», «Лоҳутинома», «Турсунзоданома» ва ғайра навиштан имрӯз низ «Искандарнома» менависанд. Масалан, Сорбон «Достони писари Худо» («Искандарнома»)-ро менависад. Ҷумъа Одина низ дар поёни асри гузашта романи «Искандари Мақдунӣ»-ро эҷод менамояд, ки нотамом мемонад. Воқеан, Карим Мусо дар ин бора, яъне орзуи навиштани эпопеяи «Искандари Макдунӣ»-ро аз ҷониби Ҷумъа Одина чунин ба қалам медиҳад: «Китоби нотамоми Ҷумъа Одина «Искандари Макдунӣ» баъди падруди муаллифаш бо зиндагӣ дар шумораҳои маҷаллаи «Садои Шарқ» чоп шуд, ки маро дар ҳайрат гузошт. Зеро ба гуфти худаш, ки доир ба ин ҷаҳонгир асаре навиштан дар майнааш мечархидааст, фурсати зиёде нагузашта буд. Вай ин корро бо ҳама моҷароҳҳои вобаста ба романи «Гузашти айём» мутародиф пеш мебурдааст. Вале сар карду ба поён расонида натавонист. Ҳол он ки, ба гуфти Убайд Раҷаб, дар ҳамон китоби ёддоштии «Дӯш будам ҳамнишин», Ҷумъа Одина «Эпопеяи Искандари Мақдунӣ»-ро нияти дар панҷ китоб ба поён расонидан доштааст…» [10, 93]. Ба қавли устод Лоиқ:

**Ситамгарро Сикандар кардаӣ ту,**
**Музахрафро музаффар кардаӣ ту!**
**Валекин бузрукони нобиғатро**
**Гадоёни паси дар кардаӣ ту.**
[11,97]

Гузашта аз ин, Саттор Турсун дар романи «Се рӯзи як баҳор», Мирзо Насриддин (Саидзода) дар романи «Оташ дар хонаи қадим» (дар ду ҷилд), Урун Кухзод дар романҳои «Бандии озод», «Тақвими роҳгум», Аброри Зоҳир дар романҳои «Муқовимат», «Бозгашт», Баҳром Фирӯз дар романи «Ғафлатзадагон» босмачиёнро ба сифати қаҳрамон интихоб намуда, онҳоро ватандӯст муаррифӣ менамоянд. Мо дар китобҳои «таҳқиқӣ»-и «Ҷонпайванд»-и Мирзо Шукурзода, «Ҷусторҳо ва

ибтикорот дар наср»-и Абдухолиқи Набавӣ, «Адабиёт ва фарҳанги миллӣ»-и Рустами Ваҳҳобзода, «Тоҷикони Мовароуннаҳр»-и Абдуқодир Холиқзода, «Истиқлол ва худшиносии иҷтимоию маънавӣ»-и Шакурӣ, «Андешаҳои адабӣ-эстетикии Садриддин Айнӣ»-и Наргис Аслонзода ва дар даҳҳо асарҳои дигар ба накди носолим, нигилизм (инкор), сиёҳкунӣ, таҳрифкорӣ, босмачиситоӣ, динситоӣ, амирситоӣ, айниситезӣ, турсунзодаситезӣ, худситезӣ, паст задани забони тоҷикӣ ва ғайра низ рӯ ба рӯ мешавем. Ба қавли Калими Кошонӣ:

**Раҳнамоёни замони мо ҳама**
**раҳ мезананд,**
**З-он миён гар росте дидем,**
**асои кӯр буд.**
[9, 114]

Дар ҳақиқат, ин олимон ва адибон ба ҷойи раҳнамоӣ, нишон додани хатарҳо, таҳдидҳо, ки имрӯз кишвару миллати мо ба онҳо рӯ ба рӯянд, ба ин гуна мавзуъҳои барои миллат ва кишвар зиёнрасон даст зада ва мезананд, яъне, як навъ раҳзанӣ менамоянд. Ҳол он ки мо дар як вазъияти ҳассос, нозук ва хатарнок барои миллату кишвар қарор дорем. Вазифаи олимону адибон нишон додан ва муҷассам сохтани ҳамин хатарҳо ва таҳдидҳо мебошад. Воқеан, хатаршиносӣ, таҳдидшиносӣ чист? Хатаршиносӣ ҳамчун бахше аз сиёсатшиносӣ аст, мисли адабиётшиносӣ, инсоншиносӣ, диншиносӣ, китобшиносӣ, ҷомеашиносӣ, мактабшиносӣ, рӯҳшиносӣ, рӯзномашиносӣ ва ғайра. Албатта, ин мафҳумҳо, ба вижа мафҳуми хатаршиносӣ дар кишвари мо хеле ҷавон аст. Акнун ба забонҳо ҷорӣ ва сорӣ мешавад. Он илмест, ки дар бораи таҳдидҳо сухан мегӯяд, ҳушдор медиҳад. Аз неруҳои мухталифи дохиливу хориҷӣ, алалхусус минтақавию ҷаҳонӣ, террористҳо, экстремистҳо, гурӯҳҳои радикалӣ, хабар медиҳад, то кишвар ва миллат барои дифоъ омодагӣ бигирад, хатару таҳдидҳоро пешгирӣ намояд. Мутаассифона, касоне, ниҳоде, мутахассисоне, ки ба маънии васеъ ва тангаш ба ин масъала машғул бошанд, давлатро, ҷомеаро, халқро огоҳ намоянд, ҳанӯз дар байни олимону адибони мо падид наёмадаанд. Ба ин маънӣ, хатаршиносӣ ҳанӯз расмият пайдо накардааст. Лиҳозо, имрӯз зарур аст, ки он хатарҳое, ки ба миллат ва кишвар таҳдид мекунанд, ба таври ҷиддӣ мавриди омӯзиш қарор бигиранд. Албатта, мо хатарҳои табииро дар ин маврид истисно менамоем. Ҳадафи мо нишон додани хатарҳои сиёсӣ ва динию мазҳабиянд, ки нажоду миллат ва кишварҳои пурнуфусу пурнуфузи олам аз рӯйи барномаҳои махсус амалӣ мекунанд ва кардан мехоҳанд. Хусусан, барои мо имрӯз ба шиддат динзада шудани кишвар,

минтақа ва олам, қудратҷӯйӣ, бартариятҷӯйӣ, аз ҷумла қудрати нажодӣ, миллӣ, эпидемияи (вабои) гузаштаситезӣ, нигилизм (инкори дастовардҳои миллату кишвар дар асри гузашта), бегонаситоӣ, босмачиситоӣ, бетафовутӣ, бетарафӣ, бемасъулиятӣ, дурӯйӣ, чандрӯйӣ, тамошогарӣ, беҳувиятӣ, яъне, манқуртӣ, бехотирагӣ ва ғайра аз ҳар лиҳоз нигаронкунандаанд. Воқеан, олимону адибон имрӯз вазифадоранд, ки дирӯзи миллат, имрӯзу фардои онро аз рӯи виҷдон, мунсифона таҳқиқ намоянд ва ба риштаи тасвир бикашанд, танҳо бо бадеият, ороишу пероиш саргарм нашаванд. Ояндаи миллат, бақои кишвар ва хатарҳои мавҷударо бишиносанд, ошкор намоянд ва ба хонанда хабар бидиҳанд, чунки ба қавли нависандаи маъруф Тургенев, **«давраҳое ҳастанд, ки адабиёт наметавонад танҳо бадеиёт бошад, зеро манфиатҳое ҳастанд, ки аз манфиатҳои бадеӣ болотаранд. Лаҳзаи худшиносӣ ва танқид, чунонки дар ҳаёти шахсони алоҳида зарур аст, дар зиндагонии халқ низ зарурат дорад»** [27, 8]**.** Аз ин хотир, олимону адибон бояд дирӯзшинос, имрӯзшинос ваояндашинос бошанд. Ҳаргиз ба бехабарӣ, бетафовутӣ, ғафлат роҳ надиҳанд, яънеояндабин бошанд, зеро, ба қавли Низомулмулк, «ғафлат давлатро бибарад» [13, 30] ва ба андешаи Ҷон Голсуорси, «агар аз оянда наандешед, оянда нахоҳед дошт» [28, 220]. Беҳуда шоир нагуфтааст:

**Маро аз ғафлати худ бар сар**
**ин бедод меояд,**
**Набошад сайд агар ғофил, чӣ**
**аз сайёд меояд?**

[23, 356]

Рӯйи ҳамин асос, мо бояд дар бораиояндаи Тоҷикистон биандешем, хатарҳое, ки пешорӯйи миллат ва кишвар аст, ошкор ва кашф намоем. Зеро Тоҷикистон ҳатто нимҷазира нест, балки, ба қавли олимону адибон ҷазира аст, дони танҳост дар осиёи замона, мисли оҳуест раманда дар миёни кишварҳо:

**Халқи тоҷик дар Осиёи Миёна,**
**Дони танҳо дар осиёи замона.**

[11, 97]

**Дар харита мисоли оҳуест**
**Тоҷикистон миёни кишварҳо.**
**Ай Худо, доми душманаш**
**баркан,**
**Ай Худо, тири душманаш**
**бишкан!**

[7, 43]

Дар ҳақиқат, ин ҳолати миллат ва кишвари моро ҳатто ҳамзабонони мо мушоҳида кардаанду изҳори нигаронӣ намудаанд. Парвиз Нотили Хонларӣ гӯяд: «Тоҷикистон монанди ҷазирае миёни кишварҳои «дигарзабон» мондааст, агарчи он кишварҳои дигар ҳам ба забону адабиёт ва фарҳанги эронӣ бегона нестанд ва миёни эшон форсигӯй ва форсидон мондааст. Аммо тоҷик ба маънии форс ва

форсизабон аст ва мардуми ин кишвар ин маъниро хуб медонанд. Як шоири ҷавони тоҷик шеъре дорад, ки мазмуни он дилбастагӣ ба забони дарӣ аст ва ман дар форсӣ шеъре дигар чунин пуршӯр дар баёни ин алоқа ба забони форсӣ (дарӣ-тоҷикӣ) суроғ надорам. Ин шеъри шӯрангезро дар ҳамин шумораи «Сухан» зери унвони «То ҳаст оламе, то ҳаст одаме» мехонед» [19, 72]. Дигар, Худованд доми душманонро, ки гирди мо танидаанд, намеканад, тире, ки сӯйи мо рост кардаанд, намешиканад, зеро ӯ, ба қавли маъруф, оламро офарид, аммо дар он дахле надорад. Дигар, ӯ ба мо беҳтарин неъмат – ақлу хирадро арзонӣ доштааст, то худамонро, Ватанамонро аз хатарҳо эмин бидорем. Бинобар ин, ҷуз мову шумо каси дигаре доми душманонро канда ва тири онҳоро шикаста наметавонад. Лиҳозо, мо бояд ватандӯсту ҷонфидо бошем ва маргро аз зиндагӣ авлотар донем. Беҳуда нагуфтаанд:

**Ба номи накӯ гар бимирам,**
**равост,**
**Маро ном бояд, ки тан**
**маргрост** [4, 395].

**Гар бибояд мурд, боре хезу дар**
**майдон бимир,**
**Марг дар майдон беҳ аз марге,**
**ки андар бистар аст** [30, 50].

Бо як сухан, фақат мову шумо нигаҳбони ин миллат ва Ватан ҳастем. Фақат моем, ки бо ҳамаи мушкилот нигоҳ накарда, ин Ватанро аз бадхоҳон дифоъ мекунем ва дар роҳи он агар лозим шавад, ҷони худро фидо менамоем:

**Дил ба ғами Ватан фигор ман**
**накунам, кӣ мекунад,**
**Ҷон ба раҳи Ватан нисор, ман**
**накунам, кӣ мекунад?** [6, 6]

Мо бояд на танҳо аз ҷасорати миллӣ, балки ғурури миллӣ низ бархӯрдор бошем ва дар ҳар ҳолату шароит обрӯй ва иззату шарафи инсонии худро ҳифз намоем. Гузашта аз ин, мо бояд дар ҳамин гуна рӯҳ, яъне бархӯрдорӣ аз ғурури миллӣ ва инсонӣ таълиму тарбия ёбем, то битавонем дар мушкилтарин ҳолатҳо, пешомадҳои ногувору ногаҳонӣ, ғайримунтазир, сахтиҳои моддиву маънавӣ, сиёсию иқтисодӣ ва ғайра, иззату обрӯю шарафи инсонию миллии хешро нигаҳ дорем, дур аз хиёнату ноҷавонмардӣ қарор бигирем ва ба қавли Мавлоно, косаи дӯғи хешро аз ангубини бегонагон авлотар донем ва озодиро ба бандагӣ савдо нанамоем:

**Гар косаи дӯғи хеш бошад**
**пешам**
**В-аллаҳ, ки з-ангубини кас**
**н-андешам.**
**В-ар бебаргӣ ба марг молад**
**гӯшам,**
**Озодиро ба бандагӣ нафрӯшам**
[26, 57].

Аз сӯйи дигар, мо набояд имрӯз дар хоксорию тавозуъ, нармию мадоро, ки бо сабабҳои айниву зеҳнӣ ба хӯю хислати зотии мо

табдил ёфтааст, ифроту тафрит намоем, зеро ҳамин хоксорию нармии аз ҳад зиёди мо буд, ки боиси сарафкандагию хорию зории мо гардид ва мо ба таври бояду шояд натавонистем аз манфиатҳои миллию инсонии худ дифоъ намоем ва аз ҷойгоҳе, ки шоистаи миллати мост, бархӯрдор гардем. Ҳамин сифату хислати мо, яъне, нармхӯйии аз андоза беҳадди мо буд, ки мо ҳама чизро аз даст додем, душманони худро обрӯю манзалату давлату сарвату саодат бахшидем, аммо худро хору зору бемиқдор сохтем. Имрӯз замоне расидааст, ки мо дар ин қаламрав ҳадди эътидолро риоя намоем, то битавонем иззату нафси худро нигаҳ бидорем, бозичаи дасти дигарон нашавем. Ин хитоб ва андарзҳо, ки аз қаъри асрҳо ба мо ҳушдору сало медиҳанд, имрӯз низ метавонанд ба масобаи раҳнамо бароямон хидмат намоянд. Бинобар ин, мо бояд онҳоро ҳифз намоем ва ҳамвора пешорӯйи худ дошта бошем:

**Як ҳамлаю як ҳамла, к-омад шабу торикӣ,**
**Чустӣ куну туркӣ кун, не нармию тоҷикӣ** [25, 252].

**Нармӣ зи ҳад мабар, ки чун дандони мор рехт,**
**Ҳар тифли найсавор кунад тозиёнааш** [23, 539].

**Таназзул обро аз нармхӯйист,**
**Баландӣ куҳро аз сахтрӯйист** [14, 122].
**Бо сангдилон шиори худ сахтӣ кун,**
**Бардор ба оҳан оҳани тофтаро** [1, 41].

Лиҳозо, мо барои ҳамаи шаҳрвандони кишвар дирӯзшиносӣ, имрӯзшиносӣ, ояндашиносӣ ва худшиносиву ифтихори миллӣ таманно менамоем, зеро, ба қавли П.А. Столипин, «қавми маҳрум аз худшиносии миллӣ, мисли поруест, ки бар рӯйи он қавмҳои дигар рушду нумӯ хоҳанд кард» [18, 10]. Аз ин рӯ, аз забони Мавлоно мегӯем:

**Ман бандаи он қавм, ки худро донанд,**
**Ҳар дам дили худро зи ғалат бирҳонанд.**
**Аз зоту сифоти хеш созанд китоб,**
**Феҳристи китобро аналҳақ хонанд** [26, 35].

## АДАБИЁТ:

1. Абулқодири Бедил. Осор. Ҷилди 7. – Душанбе: Ирфон, 1967.
2. Абулқодири Бедил. Рубоиёт. – Душанбе: Адиб, 2007.
3. Абулқосим Лоҳутӣ. Шеърҳо ва достонҳо. Китоби 2. – Д.: Адиб, 1987.
4. Абулқосим Фирдавсӣ. Шоҳнома. Ҷилди 6. – Душанбе: Адиб, 1989.
5. Васияти Ҳасани Саббоҳ. – Душанбе: Нодир, 2005.
6. Ғаффор Мирзо. Саҳифаи адабӣ. Ҷавонони Тоҷикистон, 22.09.2022.
7. Гулназар. Аз китоби «Лолаҳо дар ёлаҳо». Адабиёт ва санъат, 05.07.2012.
8. Девони Хоқонии Шарвонӣ. – Теҳрон, 1368.
9. Калими Кошонӣ. Гули хуршед. – Душанбе: Ирфон, 1985.
10. Карим Мусо. Ҷабри таърих. – Душанбе: Бухоро, 2013.
11. Лоиқ. Фарёди бефарёдрас. – Душанбе: Адиб, 1997.
12. Маснавии маънавӣ. – Теҳрон, 2001.
13. Низомулмулк. Сиёсатнома. – Душанбе: Адиб, 1989.
14. Нозими Ҳиротӣ. Ашъори мунтахаб. – Душанбе: Ирфон, 1967.
15. Носири Хусрав. Куллиёт. Девони ашъор. Ҷилди 1.– Д.: Эр-граф, 2003.
16. Офтоби маърифат. – Душанбе, 2007.
17. Ошноӣ бо адабиёти форсӣ. Баргузидаи назму наср. – Теҳрон, 1350.
18. П.А. Столипин. Садои Шарқ, 2019.
19. Парвиз Нотили Хонларӣ. Дар сарзамини Рӯдакӣ. Садои Шарқ, 1968.
20. Рӯдакӣ бояд, ки ояд бори дигар бар ҷаҳон… – Панҷекат, 1966.
21. Садриддин Айнӣ. Куллиёт. Ҷилди 2. Шеърҳо. – Д.: Дониш, 2020.
22. Саид Нафисӣ. Муҳити зиндагӣ ва аҳволу ашъори Рӯдакӣ. – Д., 2008.
23. Соиб. Мунтахаб. – Душанбе: Ирфон, 1980.
24. Хоҷуи Кирмонӣ. Хамса. – Хуҷанд: Хуросон, 2017.
25. Ҷалолиддини Румӣ. Девони кабир. Ҷилди 2. – Душанбе: Адиб, 1993.
26. Ҷалолиддини Румӣ. Рубоиёт. – Душанбе: Ирфон, 1984.
27. Ҷамолиддин Саидзода. Тарбияи ифтихор ва худшиносии миллӣ дар дарсҳои адабиёт. – Душанбе: Ирфон, 2012.
28. Ҷон Голсуорси. Андарзи бузургон. – Душанбе: Адиб, 1989.
29. Шоҳбайтҳои «Шоҳнома». – Душанбе: Адиб, 1990.
30. Гузинаи ашъори Маликушшуаро Баҳор. – Теҳрон, 1370.

# ВАҲДАТ – КАФИЛИ СОЗАНДАГӢ ВА БУНЁДКОРӢ

# ЕДИНСТВО – ГАРАНТИЯ СОЗИДАНИЯ И ВОЗРОЖДЕНИЯ

# UNITY IS THE GUARANTEE OF CREATIVITY AND CREATIVITY

***Каримов П.Д.***
***Karimov P.D.***

*Унвонҷӯйи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон*

*Соискатель Института философии, политики и права имени А.Баховаддинова Национальной Академии наук Таджикистан*

*Applicant of the department of political science of the Institute of philosophy, political science and law named after A. Bakhovaddinov of the National Acadamy of sciences of Tajikistan*

**Аннотатсия:** Дар ин мақола мафҳумҳои барқарории Ваҳдати миллӣ ва низоми қавии мутамаркази давлатдорӣ, ки дубора кишвар ба масири давлатшавӣ баргашта, наҷоти миллӣ ва давлатӣ таъмин шудааст, баррасӣ карда мешавад. Ҳамчунин нуктаҳои назари гуногун оид ба мафҳумҳои «сиёсати дарҳои боз», «мунокишаҳои ҳамватанӣ ва ҷанги таҳмилӣ», «бунёдгароии исломӣ», «ватанфурӯшиву миллаткушӣ», «омӯзиши таърихи миллат», «шуҷоату мардонагӣ ва ҷуръати сиёсии наҷотбахши миллат», «амалӣ гаштани чор ҳадафи стратегии миллӣ» ва инъикоси онҳо дар Паёму асарҳои пурарзиши Пешвои миллат ва қонуну санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таҳлил гардида, инчунин атрофи масъалаи баррасишаванда пешниҳодҳои асоснок матраҳ шудаанд.

**Калидвожаҳо:** ваҳдат, миллӣ, давлатдорӣ, сиёсат, ҳадаф, ягонагӣ, ҳарбӣ, идеологӣ, таърих, сулҳ, истиқлолият.

**Аннотация:** В данной статье рассматриваются концепции восстановления национального единства и стабильной централизованной системы госуправления, которые в очередной раз вернули страну на путь государственности и обеспечили национальное и государственное спасение. Анализируется также различные взгляды на понятия «политика открытых дверей», «гражданский конфликт и насильственная война», «исламский фундаментализм», «измена родине и геноцид», «изучение истории нации», «мужество, отвага и политическая решимость спасителя нации», «реализация четырех национальных стратегических целей» и их

отражения в Посланиях и трудах Лидера нации  и нормативно-правовых актов, а также подвергаются обсуждению обоснованные предложения по рассматриваемым вопросам.

**Ключевые слова:** единство, национальный, государственность, политика, сплочённость, цель, военный, идеологический, история, мир, независимость.

**Annotation:** This article examines the concepts of the restoration of national unity and a strong centralized system of government, which once again returned the country to the path of statehood and ensured national and state salvation. There are also analyze different views on the concepts of «open door policy», «civil strife and forced war», «Islamic fundamentalism», «patriotism and genocide», «study of the history of the nation», «courage, bravery and political resoluteness of the savior of nation», «realization of the four national starategic goals and their reflection in the Messages and works of the Leader of Nation and normative- legal acts, as well as exposed to discussion substantiated proposals on the issues under consideration.

**Keywords:** unity, nationality, statehood, politics, purpose, solidarity, military, ideological, history, peace, independence.

Мусаллам аст, ки ҳар давлат муносибатҳои хориҷӣ ва берунии худро фақат ҳамон замоне таъмин ва ҳифз карда метавонад, ки агар дар дохилаш суботи иҷтимоӣ ва **Ваҳдати миллӣ** пурра пойдору ҳукмфармо бошад. Чунки Ваҳдати миллӣ дар баробари Истиқлол арзиши муқаддасу бебаҳои ҷомеа ба ҳисоб меравад ва пешрафти ҳамаҷонибаи тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа, беҳтар шудани сатҳу сифати зиндагии мардум, ободии Ватани азизамон ва ояндаи давлати соҳибистиқлол ва давлатдории миллиамон бевосита ба Ваҳдату ягонагии халқи Тоҷикистон ва сулҳу субот вобаста мебошад. Ҳамеша ба инобат бояд гирифт, ки Ваҳдат хусусияти миллиашро танҳо дар доираи ташаккули давлати миллӣ пайдо мекунад ва мавриди татбиқ қарор медиҳад. Дар ин маврид, нақши давлат дар таҳкими Ваҳдати миллӣ меафзояд, чунки он баҳри таъмини рушди иқтисодӣ, суботи иҷтимоӣ ва равнақи фарҳанги миллӣ манфиатдор аст.

Дар замони муосир зери мафҳуми «Ваҳдати миллӣ», маънои умумияти иҷтимоӣ ва ваҳдати ҳамаи шаҳрвандони кишвар, новобаста аз мансубияти миллии онҳо, дониста мешавад. Чунки онҳо баробарҳуқуқанд ва дар пешрафти кишвар саҳмгузоранд.

Ҳар як шаҳрванди худогоҳ воқиф аст, ки ташаккули ғояи ваҳдату ягонагӣ яке аз вазифаҳои умдаи ҳар як миллати соҳибдавлат мебошад. Чунки бе фаҳмиш ва андешаи устувори Ваҳдати миллӣ ва дақиқан муайян кардани ҳадафу

роҳи таърихии ҳама халқҳо, идомаи ҳаракати огоҳонаи он ба сӯйи фардои дастовардҳои шоистаи сиёсӣ ва иқтисодиву иҷтимоӣ ниҳоят мушкил ва ҳатто ғайриимкон аст. Бо ибораи дигар, фарди дорои тафаккури давлатӣ манфиатҳои давлатиро аз манфиатҳои шахсӣ, маҳаллӣ, қавмӣ, гурӯҳӣ ва ҳизбии худ болотар мегузорад. Яъне, маҳз Ваҳдати миллӣ масъалаи буду набуди мост.

Воқеияти таърихӣ, зиндагӣ ва таҷрибаи ҷомеаи ҷаҳонӣ собит месозад, ки агар шаҳрвандон маърифати баланди сиёсӣ надошта бошанд, дар миёни онҳо ваҳдату якдилии устувор ба вуҷуд намеояд. Таърих гувоҳ аст, ки дар баробари аз даст додани давлатҳо, миллати бузурги ҷафодидаи тоҷик дар тӯли садсолаҳо бо ормони давлати мустақили миллӣ зиндагӣ ба сар мебурд. Аз ин сабаб, **миллате,** ки дар тӯли таърихи худ поягузори давлатҳои бузургу беканори бо фарҳангҳои сиёсию пешрафтаи устувор тавассути ҳукмронии башардӯстона ба шумор меравад, миллате, ки фарзандони нобиғааш дар ҳама давру замонҳо бо чароғи маърифати хеш равшангари роҳи инсоният будаанд, миллате, ки фарзандонаш барои ҳимояи марзу буми ватани худ ҷоннисорию қаҳрамониҳои бемисл нишон додаанд, билохира, дар поёни асри XX тӯдаи одамоне пайдо шуданд ва хостанд дастовардҳои бузурги сиёсию иҷтимоию фарҳангии бахусус дар даврони собиқ Иттифоқи Шӯравӣ ба дастомадаро ба нестӣ баранд ва мардумро ба тартиботи асримиёнагӣ кашонанд. Барои «амалӣ» гаштани ин ҳодисаи шум ҳама заминаҳои объективӣ ва субъективӣ вуҷуд доштанд.

Далели ин гуфтаҳоро метавон бо мисоли мушаххаси ҷанги таҳмилии шаҳрвандии солҳои 1992-1997 ба ёд овард. Ҳам дар замони ин ҷанги нангину хонумонсӯз ва имрӯз низ ҳама медонистанд ва медонанд, ки дар он ду қувва ширкат дошт: **1)** қувваи зидди ҳокимияти конститутсионӣ, ки аз иртиҷоъпарастону ифротиёни исломӣ, миллатчиёни шадид, маҳалгароёни пастфитрат, мансабталошони сарватпараст иборат буд, ки худро равшанфикрону ҳомиёни демократӣ муаррифӣ намуда, зери шиори «демократия, озодию баробарӣ» баромад мекарданд, аммо дар айни замон ҳар кадоме аз ин қувваҳои номбурда ҳадафҳои сиёсии худро дошт. **2)** ҳомиёни аслии сохти конститутсионӣ, мубориэони роҳи нигаҳдошти якпорчагии Тоҷикистон, истиқлолияти воқеии он, ки дар зери парчами ҳифзи ғояҳои интернатсионализму давлати ҳуқуқбунёди воқеӣ ва муҳофизати принсипҳои дунявияти он мубориза мебурданд.

Иштироки қувваҳои беруна дар ин набарди шадиди сиёсию ҳарбӣ низ баръало мушоҳида карда мешуд. Магар он қувваҳои «равшанфикру демократ» дар амали ватанфурӯшиву миллаткушии зидди сохти конститутсионии худ ба қувваҳои хориҷӣ такя накарданд? Оё каманд он мисолҳое, ки ба ғайр аз дастгирии иқтисодию техникӣ ин гумоштагони аҷнабӣ рӯйирост дар набардҳо иштирок наменамуданд?

Шиносоӣ ба ҳақиқати таърихӣ моро ба хулосае меорад, ки дар асри XX миллати тоҷик ду ҷанги шаҳрвандиро аз сар гузаронидааст: **1)** ҷанги шаҳрвандии солҳои 20; **2)** ҷанги таҳмилии шаҳрвандии солҳои 90. Дар ҳар ду ҳолат тамоми нишонаю омилҳои ба ҷанги ҳамватанӣ монанд будан пурра ба назар мерасанд. Танҳо фарқияти даврагию хронологӣ онҳоро аз ҳамдигар ҷудо мекунад (ҳар ду ҳолат дар доираи мақолаи дигар шарҳу тавзеҳи иловагиро талаб мекунад).

Бахусус, дар ҷанги таҳмилии шаҳрвандии солҳои 90 кӯшиши баъзе аз гурезаҳои идеологие, ки аз арзишҳои анъанавии идеявӣ-сиёсӣ даст кашида, ба назарияи «ғайрисиёсӣ» ё «ғайриидеологӣ»-и худ мардумро ба бунёдгароии исломӣ ва демократиябозӣ, ба гирдоби ин ҷанг кашиданд, ба ҳеҷ шахси солимфикр пӯшида нест.

Дар натиҷа, буҳрони сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ҳукмрон шуд. Муносибатҳои байналмилалӣ, байнидавлатӣ, байниидоравӣ, робитаҳои пешинаи шартномавӣ канда шуда, ҳамчунин мавҷуд набудани Артиши миллӣ ва пули миллӣ, ба сар задани ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ ва ба нестшавӣ овардани давлат мусоидат мекарданд.

Тибқи маълумотҳои маводу сарчашмаҳои мухталиф, бар асари ин ҷанги хонумонсӯз, дар Тоҷикистон, зиёда аз 150 ҳазор нафар кушта ва зиёда аз 55 ҳазор кӯдак ятим монд. Даҳҳо ҳазор модарон аз фарзанд ва даҳҳо ҳазор занон аз шавҳар маҳрум гардиданд. 120 ҳазор биноҳо, дар ин ҳисоб хонаҳои истиқоматӣ, марказҳои маъмурӣ, корхонаҳо, биноҳои идоравӣ, кӯдакистонҳо, мактабҳо вайрону валангор гаштанд. Ҷанг ба иқтисодиёти мамлакат, дар маҷмуъ, беш аз 10 миллиард доллари амрикоӣ зиёни моддӣ овард. Беш аз 1,5 млн нафар шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойи зисти худро тарк намуданд.

Боиси зикр аст, ки то ба ҳол рақами дақиқи кушташудагону фирориёну беҷошудагон маълум нест. Зарари маънавии ҷанг бошад, ҳадду ҳисоб надорад. Бо мақсади хомӯш кардани ин ҷанги хонумонсӯз ва бо ташаббуси Пешвои муаззами миллат 21 маротиба музокироти байни гурӯҳҳои ҳукуматӣ ва мухолифин

анҷом дода шуда, дар натиҷа 40 санади таърихӣ ба имзо расид.

Санаи 16-уми ноябри соли 1992 дар толори бошукӯҳи Қасри Арбоб Иҷлосияи таърихии XV1 Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид, ки Тоҷикистони соҳибистиқлолро аз ин вартаи ҳалокат ва нобудӣ наҷот дод ва хушбахтона, соли 2022 30-солагии баргузории он ҷашн гирифта шуд.

Дар таърихи навини тоҷикон, бахусус оғоз аз 27.07.1997 то ҳол баста шудани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон рӯзи фаромӯшнашаванда, ҳамчун рӯзи ғалабаи хирад, рӯзи пирӯзии ғояҳои ватандӯстӣ ва иттиҳоди миллӣ ҷашн гирифта мешавад. Дар натиҷа, дар охири ҳама ҷаҳду талошҳо Созишномаи мазкур боиси хотима ва аз байн бурдани ихтилофи байни тоҷикон гардид.

Пешвои муаззами миллат, ҳамчун бунёдгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, аҳамияти фавқулода бузургу таърихии имзои Созишномаи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистонро тавсиф намуда, онро дар як радиф бо Эъломияи истиқлолияти давлатии ҶТ гузоштанд.

Профессор Ятимов С.С. доир ба фоҷиаи миллӣ дар солҳои навадуми асри гузашта наслҳои имрӯза ва ояндаро комилан таъкид месозад: **«Дар хотир доштан, омӯхтан, таҳқиқ намудан, баҳогузории ҳақиқатан илмӣ кардан ва хулосаи баробар ба воқеият бардоштан аз фоҷиаи миллати тоҷик фақат дар солҳои навадуми асри XX барои ҳазор соли оянда мисоли басанда аст. Наслҳои имрӯза ва оянда нисбати бузургоне, ки барои ҳимояи ягонагии сарзамини аҷдодӣ, сарҷамъ кардани миллат, рушду тараққӣ ва ба ин поя расонидани диёри хеш ҷоннисориҳо кардаанд, Ватани хешро дар дунё сарбаланд ва мардуми ин сарзаминро арҷманд гардонидаанд, абадан сипосгузор мебошанд»** [9, 5-6].

Узви вобастаи АМИТ, профессор Ятимов С.С. кӯшиши донистани сабабҳои ин фоҷиаи миллиро дар баробари бетарафӣ ва хиёнат, боз чунин меҳисобад, **аввалан: «Сарчашмаи асосии фоҷиаи солҳои навадум-касодии маънавӣ ва адами идеяи ягонаи умумихалқии эъмори давлати миллӣ эътироф гаштааст. Ин падида давоми мантиқӣ ва такрори ду бадбахтии таърихӣ-шикасти давлати бузурги Сомониён ва ҳаракати ниҳоят аҷнабипарастонаю хунини босмачигарӣ буд»** [9,108].

**Дуюм: «Таҳлили воқеаҳои фоҷиабори солҳои 90-уми асри гузаштаи таърихи миллати мо, идома ёфтани падидаи экстремизм ва терроризм дар солҳои баъд, густариши раванди бегонапарастӣ бо оқибатҳои эҳтимолии харобиовар дар оянда, омӯзиши сабабии онҳоро бо истифода аз**

**методологияи илмӣ тақозо дорад»** [9, 120].

**Сеюм: «Воқеаҳои февралӣ ва ҷанги шаҳрвандии солҳои навадуми асри гузашта, таҳдидҳои дохилимиллӣ-зуҳуроти бегонапарастӣ, тақлидкорӣ ва пайравӣ ба миллатҳое, ки худ дар фақр, нодорӣ ва вобастагии кулли иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва технологӣ аз дигарон зиндагӣ мекунанд, фарқ карда натавонистани терроризм ва заминаҳои идеологии террористӣ аз падидаи одии дар доираи арзишҳои умумибашарӣ ва манфиатҳои миллӣ моро водор месозад, ки ба сифат ва мундариҷаи маънавиёт ва хосияти шуурнокии гурӯҳҳои муайяни миллати худ воқеъбинона нигоҳ кунем. Эътирофи ҳақиқати ҳол ва ояндабинии оқибатҳои он метавонад мардумро аз бадбахтиҳои пешорӯ наҷот ва ба давлатдории миллӣ бақо бахшад»** [9, 131-132].

Мусаллам аст, ки дар тӯли таърих ягон халқу миллат хиёнат ба Ватан-модар, давлат ва миллатро набахшидааст ва намебахшад. Миллати тоҷик амалу кирдор ва рафтори хиёнаткоронаи баъзе аз гурӯҳҳои муайяни оппозитсионии мусаллаҳро, ки ибтидои солҳои 90-уми асри гузашта Ватани аҷдодии моро ба хоку хун кашиданд ва кишвари тозаистиқлолро ба коми оташ тела карданд, давлатро қариб ба нестӣ оварданд, ҳеҷ гоҳ фаромӯш намекунад. Дар муқобили ин ҳама хиёнатҳо, сиёсатшиноси варзида профессор Ятимов С.С. раҳоӣ, тавонмандӣ ва қаҳрамонии фарзандони сарсупурдаи миллатро ёдовар шуда, таъкид менамояд, ки: **«новобаста ба тазйиқи бераҳмона, намояндагони каҳрамони мардум тавонистанд миллатро ба роҳи мустақилият ва инкишоф раҳнамун созанд. Воқеаҳои фоҷиабори солҳои 90-ум обрӯ ва эътибори миллати тоҷикро ба таври ҷиддӣ халалдор намуд. Баъзе аз олимтарошон ҳангоми таҳлили идеологияе, ки бар асари он халқи мо даҳҳо ҳазор ҳамватанро аз даст дод, мехостанд тоҷиконро ба рӯйхати халқҳои примитивӣ ва содаандеш шомил намоянд».** [10, 33-34].

Муҳаққиқ дар идомаи андешаҳои худ, бо нигоҳи амиқ ин масъаларо дунболагирӣ карда, чунин роҳнамоӣ, дастур ва тавсия медиҳад: «**Танҳо илм ва таъмини инкишофи устувори иқтисодиву иҷтимоӣ метавонад миллатро аз чунин шакку шубҳа раҳо созад. Дар баробари ин, хеле муҳим аст, ки худи миллат бо дастгирии донишмандони арзандааш, махсусан зиёиёни пешқадам, фаъол ва дорои тафаккури муосир, ба «Ман»-и хеш рӯ орад ва ба ин васила таъсиргузории омилҳои берунаро (моддию маънавӣ) дар тақдири хеш коҳиш диҳад»** [10, 33-34].

Маълум аст, ки мақсади омӯзиши таърих хирад ва ҳақиқат аст. Аммо ҳамзамон, набояд

фаромӯш кард, ки таърих ниҳоят сангдил аст. Аз ин рӯ, таърих борҳо собит сохтааст, ки дар ҳама давру замон, дар лаҳзаҳои ҳассос ва сарнавиштсоз маҳз шахсиятҳои ҷонфидо, худшинос, ватандӯст, наҷотбахш ва тавоно масъулияти наҷоти Ватан ва миллатро бар дӯши худ гирифтаанд.

Барои миллати тоҷик дар охири қарни XX, ки он вақт Тоҷикистон қадамҳои нахустинашро дар ҷодаи соҳибистиқлолӣ мегузошт ва бо хатари нобудшавии давлат ва миллат рӯ ба рӯ омад, ниёз ба чунин шахсиятҳо ба миён омад. Аз миёни фарзандони миллати куҳанбунёди мо чунин шахс пайдо шуд. Ин шахс бузургтарин донандаи таърихи миллат – Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад. Агар шуҷоату мардонагӣ ва ҷуръати сиёсии ин наҷотбахши миллат намебуд, аз даст додани истиқлоли давлатӣ дар он рӯзҳои шум як амри воқеӣ буд.

Акнун мебоист барои раҳоӣ бахшидани давлату миллат аз нестшавӣ, барқарор намудани сулҳу суботи комил дар қаламрави кишвар муайян кард, ки дар сархати татбиқи ҳадафҳои сиёсати иҷтимоии мамлакат кадоме аз идеалҳои то кунун роиҷи усули сиёсатгузориҳо қарор дошта метавонад.

Аз ин рӯ, аз рӯзҳои аввали қабул гардидани Конститутсия, қонунҳо ва санадҳое, ки дар рафти гуфтушуниди миёни тоҷикон таҳия ва қабул гардиданд, заминаҳои ҳуқуқии ваҳдатро тақвият ва таҳким бахшиданд. Аз ҷумла, Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон (27 июни соли 1997), Санади ҳамдигарбахшӣ (10 июли соли 1997), Қарори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи авфи иштироккунандагони муқовимати сиёсӣ ва низомӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (1 августи соли 1997), қонунҳо дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ, интихобот ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ, тағйирот ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (соли 1999) ва таъсиси парлумони думаҷлиса – Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон заминаҳои нави ҳуқуқии ваҳдати миллиро ба вуҷуд оварданд ва онро тақвият доданд [12, 3].

Қатлу ғорат, куштори бераҳмона, забт ва пароканда шудани давлатҳои бузург, оташ задани китобхонаҳо, аз они худ кардани илму фарҳанг ва ғайра амалу кирдорҳои душманонаи аҷнабиён дар тӯли таърих моро водор месозад, ки аз гузашта сабақ омӯхта, имрӯз роҳу равиши халқамонро ба сӯйи оянда ю ҷовидона муайян ва ба шаклу раванди замона созгор ба вуҷуд

оварем. Адолати ичтимоиро ташкил диҳем. Мардумро якрӯҳу ягона созем. Имрӯзу фардои давлатро бо ҳам пайванд кунем.

Ҳамчунин, тавре ки Пешвои миллат дар таҷлили 15-умин солгарди ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон таъкид намудаанд: «Воқеа ва рӯйдодҳои ниҳоят хатарноку пешгӯйинашавандаи замони муосир моро маҷбур ва водор ба чунин андешаронӣ месозад, ки маҳз ғояи Ваҳдати миллӣ ҳадафи муттаҳидкунандаи бешубҳа барои миллати мо қарор гирад. Пӯшида нест, ки бо кушода шудани уфуқҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ Тоҷикистон вориди саҳнаи нави рақобатҳои сиёсии ҷаҳон мегардад. Бо назардошти он ки Осиёи Марказӣ, дар иҳотаи бархӯрди се абарқудрати саноатӣ – Амрико, Россия ва Хитой қарор гирифтааст, Тоҷикистонро зарур меояд, ки ҳувияти миллӣ, забон, урфу одат, мазҳаб ва боло бурдани нақши идеяи миллии худро, ки акнун Ваҳдати миллӣ муаррифӣ мегардад, ҳамаҷониба таъмин намояд. Ин кор, албатта, ба осонӣ муяссар намегардад. Падидаҳои нави ҷаҳони муосир, монанди равандҳои ҷаҳоншумулӣ (глобализатсия), гуфтугӯйи тамаддунҳо ва тақсимоти нави ҷаҳон дар аксар мавридҳо монеаи татбиқи сиёсатҳои миллии кишварҳо мегарданд. Зеро ки бисёр аз мамлакатҳои дар ҳоли рушд, тавон ва қудрати муқовимат нишон додан дар қиболи кишварҳои абарқудратро надоранд. Хоҳ-нохоҳ давлатҳои бузург бо ҳар роҳу васила неру, тавонмандӣ ва идеологияи худро болои кишварҳои хурд ва камқудрат таҳмил мекунанд» [2, 640].

Ба ҳеҷ кас пӯшида нест, ки муҳимтарин омили ваҳдатсозии даврони мо даъват ба сабақҳои таърих буд ва ҳаст, ки бо ҷонфидоӣ, суботкорӣ, хиради азалӣ, ташаббус ва кӯшишу ғайрати Пешвои миллат, дар замони раҳбарӣ-давлатдориашон ба яке аз рукнҳои муҳимми сиёсати расмии давлатӣ табдил ёфтааст *(Аз ҷониби Пешвои миллат ба миллат тақдим кардани Шоҳасари «Тоҷикон»-и Қаҳрамони Тоҷикистон Бобоҷон Ғафуров як ҳақиқати бебаҳс аст).* Маҳз бо чунин сифатҳои олӣ Пешвои миллат худро бузургтарин донандаи таърихи миллат муаррифӣ кардааст.

Ҳамин тариқ, дигаргунсозиҳои ниҳоят муҳим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаҳои мувофиқи сиёсию иқтисодӣ ва ичтимоию маданӣ барои гузариш ба зинаи пайиҳами тақдирсози эҳёи давлатдории тоҷик торафт пурратар фароҳам омад ва идома дорад. Ин дигаргунсозиҳо ҳар як шаҳрванди худогоҳро уҳдадор менамояд, ки бо мақсади ҳифзи

Ваҳдати миллӣ, истиқлолияти давлатӣ, таҳким ва рушди ҳокимияти сиёсӣ падидаҳои номатлуби замони муосирро, ки душмани Ваҳдати миллӣ ба шумор мераванд, дар ҳама соҳаҳои ҳаёти ҷомеа рафъ созад.

Пешвои миллат гаштаю баргашта таъкид месозанд, ки имрӯз кишвари мо имкони таърихӣ пайдо намудааст, то ки ба воситаи андешаи Ваҳдати миллӣ, барои зиндагии шоистаи мардум накшаҳои созандаву бузурги тарҳрезишудаи давлатро амалӣ намояд.

Аз ин лиҳоз, бо ташаббус ва заҳматҳои бемисли Пешвои миллат, Тоҷикистон марҳалаи ниҳоят пурмасъулияти таърихиро паси сар мекунад. Яъне, сохтмони давлати миллӣ бомаром ва ҳадафмандона идома дорад, ки ин душвортарину заҳматталаби роҳи Истиқлол мебошад. Зина ба зина амалӣ гаштани чор ҳадафи стратегии миллӣ, яъне ба даст овардани истиқлолияти энергетикӣ, баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ ва саноатикунонии босуръати кишвар вазъи иқтисодии мамлакатро беҳтар кард ва барои баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ, ки мақсади асосии сиёсати давлат ба ҳисоб меравад, мусоидат намуд.

Хидмати бузурги Пешвои миллат дар назди миллати шарифи Тоҷикистон ва таърихи миллат дар он аст, ки ин шахси нодир ва сиёсатмадори дурандеш дар шароити печида ва мураккаби мунокишаҳои ҳамватанӣ ва ҷанги таҳмилӣ давлатдории тоҷикон ва бақои давлатро аз нест шудан ҳифз намуд. Маҳз шахсияти Пешвои миллат дар баробари фитнаи душманони миллати тоҷик, ки дар давраҳои гуногуни таърихӣ халқи моро борҳо ба гирдоби хун кашида буданд, қодир ба истодагарӣ гардид.

Ҳақиқати таърихӣ ва сабақе, ки аз оғози истиқлолияти Ватанамон то ба имрӯз бардоштем, нишон медиҳад, ки ҷаҳонишавӣ, рушди технологияи иттилоотӣ, воридшавии унсурҳои бегона ба фарҳанги миллӣ ва оқибатҳои фалокатбори он барои ҷомеаи Тоҷикистон аз пештара бештар ташвишу нигарониҳоро ба миён овардааст.

Аммо ҳадафҳои кишвари мо бетағйир боқӣ мемонад: таҳкими Ваҳдати миллӣ, таъмини амнияти миллӣ, амалӣ намудани принсипҳои адолати иҷтимоӣ, боло бурдани самаранокии иқтисод ва некуаҳволии мардум.

Аз ин рӯ, ин ҳадафҳои стратегии пешгирифтаи давлату ҳукумат қадам ба қадам амалӣ гардида, заминаи комил барои бунёди ҷомеаи босаодат фароҳам овардааст. Бахусус, Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли

2030 дар асоси муқаррароти Конститутсияи ҶТ, Қонуни ҶТ «Дар бораи дурнамои давлатӣ, консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии ҶТ» ва мутобиқи ҳадафҳои дарозмуҳлат ва афзалиятҳои рушди кишвар, ки дар паёмҳои Пешвои миллат ба Маҷлиси Олии ҶТ ҳанӯз дар солҳои 2014 ва 2015 баён шуда, таҳия гардида буд. Пасон бошад, «Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020» ба ҳисоб меравад. Натиҷагирӣ ва амалӣ гардидани ин ҳадафҳоро мо ҳамасола дар Паёмҳои навбатӣ эҳсос менамоем [8,422].

Маълум аст, ки озодиву истиқлол барои ҳар миллат дастоварди муқаддас ба шумор меравад. Мо имрӯз давлати миллии хеш – тифли ормонҳои гузаштагонии худро дорем ва бо азму талоши мардуми ватандӯст зери роҳбарии Пешвои миллат онро аз соле ба соле бо меҳнати созанда ва талошҳои хастанопазир ба ояндаи босаодат раҳнамун месозем. Вале ҳақиқати таърихӣ ва сабақе, ки дар оғози соҳибихтиёрии Ватанамон бардоштем, нишон медиҳад, ки ҳифзи дастоварди истиқлол ба маротибаҳо аз ба даст овардани он мушкилтар аст.

Сиёсати хориҷии шаффоф ва усули «дарҳои боз» мусоидат ба он намуданд, ки Тоҷикистон узви шоистаи созмонҳои байналмилалӣ гардад ва равобити сиёсӣ ва ҳамкориҳои судмандро бо аксари давлатҳои ҷаҳон ба роҳ монад. Таъсири ҷаҳонишавӣ ҳамчун падидаи нави муосири байналмилалӣ аз лиҳози иқтисодӣ, фарҳангӣ, технологияҳои муосир, самтҳои сиёсӣ, ҳуқуқӣ, низомӣ, иҷтимоӣ, ошкоро ба чашм мерасад, ки он як амри табиист. Дар ин гуна вазъияти мураккаб яке аз воситаҳои хеле арзишманд барои нигоҳ доштани давлати миллӣ, амнияти миллӣ, забон, тамомияти арзӣ ва асолати динию нажодии хеш дар раванди солими ҷаҳоншумулӣ омили ҳаётан муҳим дастёбӣ ба сулҳу Ваҳдати комили миллӣ мебошад, ки он дар тӯли ду асри охири таърихи Тоҷикистон назир надорад [7].

Акнун мутмаинем, ки барқарории Ваҳдати миллӣ ва низоми қавии мутамаркази давлатдорӣ ба он боис шудааст, ки дубора кишвар ба масири давлатшавӣ баргашта, наҷоти миллӣ ва давлатӣ таъмин шавад. Акнун Тоҷикистон побарҷост ва ба марҳалаҳои нави рушди устувор собитқадамона равон аст. Акнун Тоҷикистони азиз дар роҳи бебозгашти сохтмони ҷомеаи воқеан демократӣ қарор дорад ва нақшаи он аз тарафи Пешвои миллат тарҳрезӣ шудаву барномаҳои дурнамои рушди иқтисодию сиёсӣ ва фарҳангӣ амалӣ мегарданд, бояд ба

офаридани таърихи мукаммал ва воқеии миллату давлатамон диққати махсус дод, чунки маҳз таърихи воқеан илмӣ дар ташаккули худшиносии миллӣ, воситаи таъсирбахштарин ва яке аз омилҳои муҳимтарин ҳисоб меёбад.

Аз мадди назар дур набояд гузошт, ки қисми зиёди ҷомеаи моро ҷавонон ташкил медиҳанд. Аз ин сабаб, барои насли ҷавони имрӯзаи кишвар ва наслҳое, ки баъдан ба дунё меоянд, донистани ҳақиқати таърихӣ ниҳоят муҳим аст. Ба инобат бояд гирифт, ки насли имрӯзаи кишвар аз ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ кам бархӯрдор аст, метавонад зуд зери таъсири душманони осоиштагии мамлакат қарор гиранд. Маҳз онҳо муҳаррики пешбарандаи сиёсати давлатӣ ва меросбари мактаби бузурги навини давлатдориамон ба ҳисоб меравaнд. Аз ин рӯ, имрӯзу оянда, тарбияю ҷалби бештари онҳо ба раванди идоракунии ҷомеаи сирф тоҷикона яке аз омилҳои муҳимми устуворсозии пояи Ваҳдати миллӣ мебошад. Дар ин хусус, Пешвои миллат дар Паёми санаи 26.12.2019 таъкид сохтаанд: «Мо миллати фарҳангӣ, тамаддунсоз ва аз насли ориёӣ буда, бояд ба таърихи гузаштагонамон ҳарчи бештар рӯ оварем ва дар қалби фарзандонамон меҳри китобхонӣ ва ҷустуҷӯйи илму донишро ҷой кунем» [1, 144].

Боиси зикр аст, ки бо мақсади фароҳам овардани заминаҳои мусоид барои Ваҳдату ягонагии миллати тоҷик, дар солҳои гузашта созмонҳое, чун «Шӯрои ҷамъиятӣ» ва «Ҳаракати ваҳдат ва эҳёи миллии Тоҷикистон» таъсис ёфта буданд. Ин ниҳодҳо дар як давраи муайян барои нашри андешаи Ваҳдати миллӣ дар ҷомеа саҳми худро гузоштанд. Аммо, бо гузашти айём, дар ҳоли ҳозир ин ниҳодҳои калидӣ моҳияти аввалияи пайвандгариашонро коҳиш додаанд. Ҳамчунин, имрӯз баъзе масъулону мансабдороне низ ҳастанд, ки дар дарки арзишҳову манфиатҳои бунёдии давлату миллат заифӣ доранд ва ё дар татбиқи шоистаи онҳо ба саҳлангорӣ роҳ медиҳанд. Яъне, замони он расидааст, ки бахусус зиёиёни мо таҳдиду хатарҳои замони муосирро дарк кунанд ва давлати миллиро танҳо нагузоранд.

Камбудӣ ва нуқсону костагиҳои имрӯза, ба монанди эҳтиром нагузоштан ба насли куҳансол, ноболиғу маъюбон, саркашӣ аз хизмати ҳатмии ҳарбӣ дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби шумораи зиёди ҷавонони кишвар ба ваҳдати ботинии мардумонамон таъсири манфӣ мерасонад. Ҳамчунин, фаъолияти муовинони раисони вилоят, шаҳр ва ноҳияҳо оид ба идеология доир ба устуворсозии пояи Ваҳдати миллӣ умуман эҳсос

карда намешавад (Ҳол он ки дар даврони собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ нақши калидиро мебозид).

**АДАБИЁТ:**


1. З. Саидзода, Ф. Саидов. Сиёсати давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва рушди устувори Тоҷикистон. Ҷ.1. – Душанбе, 2012. – 144 с.
2. З. Сайидзода. Тоҷикистони муосир: Масъалаҳои мубрами истиқлоли миллӣ. – Душанбе, 2020. – 640 с.
3. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2016.
4. Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Д., 2015. №332.
5. Консепсияи амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2004.
6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дурнамои давлатӣ, консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ». – Душанбе, 2018. №1544.
7. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 26.12.2019.
8. Сайидзода З.Ш., Давлатзода П., Даминова А.И. Мафҳумҳои бунёдии назариёти сиёсии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон. – Д., 2018. – 422 с.
9. С.С. Ятимов. Классический элемент в исследовании проблем мировоззрения геополитики регионального и глобального развития. – Худжанд: Ношир, 2020. – 288 с.
10. С. С. Ятимов. Идеология ва манфиати миллӣ. – Душанбе: Ганҷ нашриёт, 2015. – 192 с.
11. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини татбиқи сиёсати ягонаи хориҷӣ». – Душанбе, 2015. №590.
12. Эмомалӣ Раҳмон. Даҳ соли истиқлолият, ваҳдати миллӣ ва бунёдкорӣ. Ҷ. 1. – Душанбе, 2001. – 512 с.

## ТАРТИБИ ҚАБУЛ ВА НАШРИ МАҚОЛА

**Талабот нисбат ба мақолаҳои илмие, ки барои чоп ба маҷаллаи илмии «Илм ва амният» пешниҳод мегарданд.**

Ҳамаи мақолаҳои илмие, ки барои чоп ба маҷалла пешниҳод мегарданд, бояд ба талаботи зерин ҷавобгӯ бошанд: 1) мақолаи илмӣ бояд бо назардошти талаботи муқаррарнамудаи маҷалла омода гардида бошад; 2) мақола бояд натиҷаи таҳқиқоти илмӣ бошад; 3) мавзуи мақола бояд ба яке аз самтҳои илмии маҷалла мувофиқат намояд.

Ҳамаи маводи илмие, ки ба маҷалла пешниҳод мегарданд, бо ёрии системаи Антиплагиат барои муайян намудани дараҷаи аслияти матн санҷида мешаванд. Мақолаҳое, ки дар матни онҳо маводи дигар муаллифон бе иқтибосоварӣ истифода шудаанд, ба баррасии марҳилаҳои навбатӣ пешниҳод намегарданд ва ин гуна мақолаҳо ба чоп роҳ дода намешаванд.

**Талабот нисбат ба таҳияи мақолаҳои илмӣ:**

Матни мақола бояд дар формати Microsoft Word омода гардида, бо ҳуруфи Times New Roman барои матнҳои русию англисӣ ва бо ҳуруфи Times New Roman Tj барои матни тоҷикӣ таҳия гардида, дар матн ҳаҷми ҳарфҳо 14, ҳошияҳо 2,5 см ва фосилаи байни сатрҳо бояд 1,5 мм бошад. Ҳаҷми мақола бояд бо формати А4, бо назардошти рӯйхати адабиёти истифодашуда ва аннотатсияҳо аз 10 то 12 саҳифаро дар бар гирад.

**Мақола бояд дорои сохтори зерин бошад:**

- индекси УДК (индекси мазкурро аз дилхоҳ китобхонаи илмӣ дастрас намудан мумкин аст);
- номи мақола;
- насаб ва дар шакли ихтисор ном ва номи падар (намуна: Рустамзода С.Т.);
- номи муассисае, ки дар он муаллифи мақола кору фаъолият менамояд;
- матни асосии мақола;
- ҳангоми иқтибосоварӣ адабиёти истифодашуда (мувофиқи «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва Аломатҳои китобати забони тоҷикӣ», Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон *аз 30 июни соли 2021, № 268)* ва саҳифаи мушаххаси он бояд дар қавси квадратӣ [ ] нишон дода шавад. Намуна: [6,42]. Яъне, адабиёти №6 ва саҳифаи 42;
- нақшаҳо, схемаҳо, диаграммаҳо ва расмҳо бояд рақамгузорӣ карда шаванд. Онҳо инчунин бояд номи шарҳдиҳанда дошта бошанд;
- рӯйхати адабиёти истифодашуда (на камтар аз 10 номгӯ ва на бештар аз 25 номгӯйи адабиёти илмӣ). Рӯйхати адабиёти истифодашуда бояд дар асоси талаботи ГОСТ 7.1-2003 ва ГОСТ 7.0.5-2008 таҳия гардад;
- номи мақола, аннотатсия ва калидвожаҳо бояд бо се забон (тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ) таҳия гарданд. Аннотатсия бояд дар ҳаҷми на камтар аз 25 сатр ва калидвожаҳо аз 7 то 10 номгӯй таҳия шавад;
- дар охири мақола маълумот дар бораи муаллиф ва ё муаллифон бо ду забон (русӣ ва англисӣ) бо тартиби зерин нишон дода шавад: насаб, ном ва номи падар (пурра), дараҷаи илмӣ ва унвони илмӣ (агар бошанд), номи муассисае, ки дар он муаллиф кору фаъолият менамояд, вазифаи ишғолнамуда, телефон, e-mail, нишонии ҷойи кори муаллиф.

## ПОРЯДОК ПРИЁМА И ИЗДАНИЯ СТАТЬИ

### Требования к научным статьям, представляемым для публикации в научном журнале «Наука и безопасность».

Все научные статьи, представляемые для публикации в журнале, должны соответствовать следующим требованиям: 1) научная статья должна быть подготовлена с учетом требований журнала; 2) статья должна быть результатом научного исследования; 3) тема статьи должна соответствовать одному из научных направлений журнала.

Все научные материалы, представляемые в журнал, проверяются с помощью системы «Антиплагиат» на определение уровня оригинальности текста. Статьи, в тексте которых использованы материалы других авторов без цитирования, к рассмотрению следующих этапов не выносятся, и такие статьи не допускаются к публикации.

Требования к подготовке научных статей:

Текст статьи должен быть подготовлен в формате Microsoft Word, шрифтом Times New Roman для русского и английского текстов и шрифтом Times New Roman Tj для таджикского текста, размер букв в тексте должен быть 14, поля должны быть 2,5 см, а расстояние между текстами должно быть 1, 5 мм. Объем статьи должен составлять от 10 до 12 страниц формата А4, включая список использованной литературы и аннотации.

Статья должна иметь следующую структуру:

• указатель УДК (данный указатель можно получить в любой научной библиотеке);

• название статьи;

• фамилия, имя и отчество в форме сокращения (например: Рустамзода С.Т.);

• название учреждения, в котором работает автор статьи;

• основной текст статьи;

• при цитировании использованной литературы (согласно «Правил правописания таджикского языка и символов книги таджикского языка», Постановление Правительства Республики Таджикистан от 30 июня 2021 года № 268) и ее конкретной страницы следует указывать в квадратных скобках [ ]. Пример: [6,42]. То есть литература №6 и стр. 42;

• планы, схемы, диаграммы и чертежи должны быть пронумерованы. Они также должны иметь поясняющее название;

• список используемой литературы (не менее 10 списков и не более 25 списков научной литературы). Список используемой литературы должен быть подготовлен на основании требований ГОСТ 7.1-2003 и ГОСТ 7.0.5-2008;

• название статьи, аннотация и ключевые слова должны быть написаны на трех языках (таджикском, русском и английском). Аннотацию необходимо подготовить в объеме не менее 25 строк и от 7 до 10 ключевых слов;

• в конце статьи должны быть указаны сведения об авторе или авторах на двух языках (русском и английском) в следующем порядке: фамилия, имя и отчество (полностью), ученая степень и звание (при наличии), название учреждения, в котором работает автор, должность, номер телефона, адрес электронной почты, адрес места работы автора.

## ORDER OF ACCEPTION AND PUBLICATION OF ARTICLE

### Requirements for scientific articles submitted for publication in the scientific journal «Science and Security».

All scientific articles submitted for publication in the journal must meet the following requirements: 1) the scientific article must be prepared taking into account the requirements of the journal; 2) the article must be the result of scientific research; 3) the topic of the article must correspond to one of the scientific areas of the journal.

All scientific materials submitted to the journal are checked using the Antiplagiarism system to determine the level of originality of the text. Articles in the text of which materials of other authors are used without citation are not submitted for consideration at the next stages, and such articles are not allowed for publication.

Requirements for the preparation of scientific articles:

The text of the article should be prepared in Microsoft Word format, in Times New Roman font for Russian and English texts and Times New Roman Tj font for Tajik text, the size of the letters in the text should be 14, the margins should be 2.5 cm, and the distance between the texts should be 1.5mm. The volume of the article should be from 10 to 12 pages of A4 format, including a list of references and annotations.

The article should have the following structure:

• UDC index (this index can be obtained from any scientific library);

• article title;

• surname, name and patronymic in the form of an abbreviation (for example: Rustamzoda S.T.);

• the name of the institution where the author of the article works;

• the main text of the article;

• when citing the literature used (according to the «Rules for the spelling of the Tajik language and symbols of the book of the Tajik language», Decree of the Government of the Republic of Tajikistan dated June 30, 2021 No. 268) and its specific page should be indicated in square brackets [ ]. Example: [6,42]. That is, literature No. 6 and p. 42;

• plans, diagrams, diagrams and drawings must be numbered. They should also have a descriptive title;

• list of used literature (not less than 10 lists and not more than 25 lists of scientific literature). The list of used literature should be prepared on the basis of the requirements of GOST 7.1-2003 and GOST 7.0.5-2008;

• The title of the article, abstract and keywords must be written in three languages (Tajik, Russian and English). The abstract must be prepared in the amount of at least 25 lines and from 7 to 10 keywords;

• at the end of the article, information about the author or authors in two languages (Russian and English) should be indicated in the following order: last name, first name and patronymic (in full), academic degree and title (if any), name of the institution where the author works, position, phone number, e-mail address, work address of the author.

**МАҶАЛЛАИ ИЛМИИ «ИЛМ ВА АМНИЯТ»-И**
**МАКТАБИ ОЛИИ КДАМ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**№ 2 (4), 2023**

**НАУЧНЫЙ ЖУРНАЛ «НАУКА И БЕЗОПАСНОСТЬ»**
**ВЫСШЕЙ ШКОЛЫ ГКНБ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН**
**№ 2 (4), 2023**

**SCIENTIFIC JOURNAL OF «SCIENCE AND SECURITY»**
**OF HIGH SCHOOL OF THE SCNS OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN**
**№ 2 (4), 2023**

*734018, шаҳри Душанбе, кӯчаи Н.Қарабоев, 54/2*
*Мактаби олии КДАМ Ҷумҳурии Тоҷикистон*

*734018, город Душанбе, улица Н.Карабаева, 54/2*
*Высшая школа ГКНБ Республики Таджикистан*

*734018, Dushanbe city, N.Qaraboev street, 54/2*
*High school of the SCNS of the Republic of Tajikistan*
*Phone: +(992 37) 233-55-19*

Ба матбаа 28.04.2023 ирсол гардид.
Барои чоп 02.05.2023 ба имзо расид.
Қоғази офсетӣ. Андозаи 60х84 $^1/_8$.
Ҷузъи чопии шартӣ 28. Адади нашр 100
Супориши № 2.

Дар матбааи РТМТ-и КДАМ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидааст.
734025, шаҳри Душанбе, кӯчаи Ҷ.Икромӣ, 8